Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар соли 2019 бо истифодаи "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот"

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Давоми соли 2019 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд 124 санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 24 адад фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10 адад амр, 4 адад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 65 адад қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 39 адад қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд 1161 адад супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст, ки мувофиқи муҳлатҳои муқарраргардида оид ба рафти иҷрои ин санадҳо ба мақомотҳои дахлдор ахбор пешниҳод карда мешавад.

Дар ин замина, аз ҷониби раиси вилоят дар давраи ҳисоботӣ дар асоси Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дахлдор ба тасвиб расида, ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои саривақтӣ ба воҳидҳои сохтории дахлдори вилоятӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол гардидааст.

## 2. Тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ". 2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда, 2.1.3. Ҳолати воқеии таҳлили таркибии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо, 2.2. Қонуни Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”, 2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда (оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо), 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, 2.3.1 Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон, 2.4. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2.4.1 Шумораи маъракаҳои гузаронидашуда, ҳолатҳои қонуншиканиҳо, натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда**

## 2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”

**2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”**

Мутобиқи моддаи 14-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” Маҷлиси вакилони халқи вилоят аз 7 комиссияи доимӣ оид ба: 1. Масъалаҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, 2. Оид ба масъалаҳои сиёсати аграрӣ, хӯроквори, меҳнат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, 3. Оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва буҷет, 4. Оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сиҳатии омма, ҳифзи табиат, масоили оила ва занон, 5. Оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, 6. Оид ба масъалаҳои сохтмон, саноат, нақлиёту алоқа, хоҷагии роҳ ва хоҷагии рифоҳӣ 7. Оид ба масъалаҳои сиёсати сармоягузорӣ, таъсис дода шудааст.

Комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати панҷум тибқи Низомномае, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати панҷум аз 14 марти соли 2015, №5 тасдиқ шудааст ва дар асоси нақшаи корӣ барои соли 2019  фаъолият бурда,   28 ҷаласа ва 2 ҷаласаи муштарак гузаронида, вобаста ба масъалаҳои муҳокимашуда қарорҳои дахлдор қабул намуданд.  .

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 5 иҷлосия, аз ҷумла иҷлосияи XVIII, XIX, XX, XXI (ғайринавбатӣ) ва XXII Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати панҷум бо баррасии масъалаҳои гуногун баргузор гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шудаанд.

Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” моддаи 12 таъмин карда шудааст.

### 2.1.1. Раванди амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд

Банди мазкур мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 “Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ

ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба роҳ монда шуда, арзёбии раванди амалишавии лоиҳаҳо дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, 1 маротиба дар 1 сол ҳангоми пешниҳод намудани ҳисоботҳои 3 –моҳаи якуми сол гузаронида мешавад.

**2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.**

Дар соли 2019 ҷиҳати риояи талаботи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои молиявӣ ва иҷрои функсияҳои ҷамоатҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 1916,8 млн. сомонӣ, Гулистон 2,4 млн. сомонӣ, Айнӣ 1,5 млн. сомонӣ, Ҷ. Расулов 48,1 ҳаз. сомонӣ, Спитамен 40,5 ҳаз. сомонӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ 11,3 ҳаз. сомонӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағ равона гардидааст.

Мутаассифона вобаста ба талаботи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" дар ҳисоботи шаҳру ноҳияҳои Ашт, Б.Ғафуров, Бӯстон, Деваштич, Зафаробод, Истиқлол, Исфара, Конибодом, Мастчоҳ, Панҷакент, Хуҷанд ва Шаҳристон маълумот дарҷ карда нашудааст, ки аз иҷро нагардидани Қонуни мазкур дарак дода, ҷиҳати иҷрои функсияҳои ҷамоатҳо мушкилот эҷод менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияии маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ашт, Б.Ғафуров, Бӯстон, Деваштич, Зафаробод, Истиқлол, Исфара, Конибодом, Мастчоҳ, Панҷакент, Хуҷанд ва Шаҳристонро зарур аст, ки ҷиҳати дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кӯмакҳои молиявӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо чораҳои амалӣ андешида, вобаста ба масъалаи зикргардида маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод намоянд.

**2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли мурожиатҳои шаҳрвандон ба МИМҲД, инчунин аз ДИПҶТ ирсол гардида (банди 59 паём).**

Дар соли 2019 ба унвонии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар маҷмӯъ 5132 мурожиат ворид гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2018 (6488) 1356 адад ё худ 60,8 фоиз кам мебошад. Аз теъдоди умумии мурожиатҳои воридгардида 3416 хаттӣ, 1510 шифоҳӣ, 47 мурожиати шахсони ҳуқуқӣ ва 159 мурожиат тавассути "Viber" ба қайд гирифта шудааст.

Дар ин давра ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1154 адад муроҷиатҳои шаҳрвандон ворид шудаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24 адад кам мебошад.

Аз муроҷиатҳои умумии воридгардида (5132 адад) оид ба масъалаҳои гирифтани қитъаи замин 567 адад буда, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +42 адад афзуда ё 11,0%-ро ташкил медиҳад. сертификати ҳуқуқи истифодабарӣ 295 адад, +236 ё 5,7%, вобаста ба масъалаи сохтмон 421 адад, +158 ё 8,2%, муроҷиатҳои марбут ба гирифтани кӯмаки моддӣ 179 адад, +56 ё 3,5%, оид ба ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ 64 адад, +6 ё 1,2%, зиёд гардида, фаъолияти масъулини иҷрои масъалаҳои зикргардида нокифоя буда, вусъат бахшидани корҳоро дар ин самт тақозо менамояд.

Ин нишондиҳанда вобаста ба дигар масъалаҳо 2452 адад, -1831 ё 47,8% кам ба қайд гирифта шудааст, аз фаъолияти самараноки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят шаҳода медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки дар соли 2019 муроҷиати дастаҷамъона 349 адад ба қайд гирифта шуда, нисбати соли 2018 (448 адад) 99 адад кам мебошад. Дар ин давра 252 муроҷиати такрории шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст.

Муайян карда шуд, ки муроҷиатҳои воридгардида аз шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров -1758, Исфара -1281, Истаравшан -866, Ашт -594, Панҷакент -551, Хуҷанд -480, Кӯҳистони Мастчоҳ -426, Мастчоҳ -352, Деваштич -214, Ҷаббор Расулов -123, Зафаробод-21, Гулистон -15 ва берун аз вилоят -102 адад нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам мебошанд. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Панҷакент, Ашт, Истаравшан, Кӯҳистони Мастчоҳ, Хуҷанд ва Мастчоҳ баррасӣ ва иҷрои арзу шикоятҳои шаҳрвандон хуб ба роҳ монда шудааст ва боварии сокинонро ба фаъолияти самараноки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо афзун намудааст.

## Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо

Таҳлил муайян намуд, ки аз шумораи умумии муроҷиати шаҳрвандон дар шаҳри Хуҷанд 1944 адад вобаста ба масъалаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта-102 адад кам гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров -1129 адад (2800 адад), Исфара -1056 адад (1069 адад шумораи умумии муроҷиат), Панҷакент -668 адад (2229 адад), Мастчоҳ -551 адад (1522 адад), Ашт -520 адад (1146 адад), Хуҷанд -319 адад (1089 адад), Деваштич -207 адад (2132 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ -139 адад (564 адад), Айнӣ- 102 адад (1368 адад) ва Шаҳристон -50 адад (893 адад) ададро ташкил дода, беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро бо манзили зист шаҳодат медиҳад.

Зиёдшавии шумораи мурочиати шаҳрвандон барои қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияи ноҳияи Спитамен +495 адад (1362 адад), Истиқлол 89 адад зиёд гардида (246 шумораи умумии шаҳрвандон), шаҳри Конибодом +88 адад (613), Гулистон +45 адад (304 адад), шаҳри Бӯстон +6 адад (141 адад) ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

Камшавии мурочиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Суғд нисбати ҳамин давраи соли гузашта -24 адад (ҳамагӣ 1154 адад)-ро ташкил менамояд.

Зиёдшавии мурочиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент +85 адад (шумораи умумии мурочиат 216 адад) дар шаҳри Хуҷанд +52 адад (174 адад), шаҳру ноҳияҳои Ашт +31 адад (64 адад), Истаравшан +30 адад (91 адад), Бобоҷон Ғафуров +26 адад (99 адад), Деваштич +19 адад (33 адад), Мастчоҳ +14 адад (91 адад), шаҳри Гулистон +6 адад (18 адад), Айнӣ +5 адад (53 адад), Спитамен +3 адад (27 адад) ба назар расида, аз ҳалли худро наёфтани масъалаҳоро дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Камшавии мурочиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ҷаббор Расулов -55 адад (82 адад) ададро ташкил медиҳад, ки дар сатҳи вилоят ва ноҳияи мазкур саривақт ҳал намудани мушкилот аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳия мебошад.

**2.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ"**

2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда дар асоси протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.2016 с, №7 банди 4 оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо

Дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба санҷиши рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҳисоби олимону устодони муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят таъсис дода шуд, ки фаъолияти он барои амалӣ намудани ҳадафҳои Қонуни мазкур равона карда шудааст.

Бо мақсади арҷгузорӣ ба мақом ва ҷойгоҳи забони давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят моҳи сентябр Рӯзи ягонаи ахбор дар мавзӯи "Асоси бақо ва мояи ифтихори миллат" баргузор гардид. Дар арафаи таҷлили Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои мухталифи адабӣ - фарҳангӣ доир шуда, нишасти 165-умини маҳфили илмиву адабии "Ганҷи сухан" бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардидааст.

Тибқи талабот дар назди ҳамаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" амал намуда, дар ин муддат дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров номи 21 деҳаҳо, дар шаҳри Бӯстон номи 81 кӯчаҳо, дар шаҳри Истаравшан номи 2 кӯча дар шаҳр, 7 кӯча дар ҷамоатҳо, 4 деҳа, дар ноҳияи Деваштич номи 2 ҷамоати деҳот ва 17 деҳаҳо дар мувофиқа бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шудаанд.

Натиҷаи корҳои анҷомдодашудаи комиссияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он оид ба татбиқи Қонуни мазкур барои баланд бардоштани рамзи муҳими давлатдории тоҷикон мусоидат намудааст, вале шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумот пешниҳод карда нашудааст, ки барои муайян намудани фаъолияти мақомоти маҳаллӣ вобаста ба қонунҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайри имкон аст.

Мувофиқ ба маълумотҳои пешниҳоднамудаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2019, №1-3/1454 вобаста ба номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 323 номи ҷуғрофӣ ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" сунати номгузории миллӣ ва меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқат намекунанд, ки пешбини намудани корҳои иловагӣ ба миён омадааст.

### 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"

#### 2.3.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷиноятkорӣ байни ноболиғон (банди 50 паём).

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят тарғиби муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ба роҳ монда шуда, мақомоти дахлдори татбиққунандаи он, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ нақшаи корӣ таҳия намуда, онро мавриди амал қарор додаанд.

Бо мақсади расонидани ёрии равонӣ ва методӣ ба падару модарон ва толибилмон дар 727 муассисаҳои таълимии вилоят равоншиносон фаъолият мебаранд.

Дар асоси ҷадвали вохӯрии намояндагони мақомоти прокуратура, раёсату шуъбаҳои маориф, бахши ҷавонон ва варзиши шаҳру ноҳияҳои вилоят бо хонандагони синфҳои 9-11-уми муассисаҳои таълимӣ дар мавзӯи "Пешгирии шомилшавии ноболиғону ҷавонон ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша, ҳизбу созмонҳои террористию ифротгаро, омилҳои бегонапарастӣ, тақлид

ба маданият ва тарзи либоспӯшии ба фарҳангу миллати мо бегона ва ба ин васила тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ” дар ҳамаи муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят сӯҳбату вохӯриҳои судманд гузаронида шуданд.

Ҷиҳати риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, пешгирии ҷиноятсодиркунию ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва амсоли инҳо байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва падару модарони онҳо бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ 237, Бобоҷон Ғафуров 200, Бӯстон 120, шаҳрҳои Конибодом 100, Истаравшан 45 ва дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 34 маротиба вохӯриҳо гузаронида шудааст, ки фаъолияти комиссияи ин шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи муайян ба роҳ монда шудааст.

Нишондиҳандаи тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон дар сатҳи вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 28 ҳолат зиёд гардидааст, ки ҳамагӣ 235 ҳолатро ташкил менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Панҷакент +8 ҳолат зиёд гардидааст, ки дар давраи ҳисоботӣ (10) ҳолатро дар бар гирифта, дар шаҳри Хуҷанд +39 (72) ҳолат, ноҳияи Ҷаббор Расулов +13 (21), дар шаҳри Бӯстон +7 (16) ҳолат, дар ноҳияи Зафаробод +3 (4) ҳолат, ноҳияи Деваштич +2 (8) ҳолат, дар шаҳри Истиқлол +1 (6) ҳолат зиёд гардида, андешидани чораҳои зарурӣро барои иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаро талаб менамояд.

Тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон дар шаҳри Гулистон 10 ҳолат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -8 ҳолати кам гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияи Ҷаббор Расулов -2 (6), дар шаҳри Исфара -8 (15) ҳолат, шаҳри Конибодом -8 (5) ҳолат, шаҳри Бӯстон -4 (3) ҳолатро ташкил намуда, ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо, сохторҳои қудратӣ ва ҷамъиятӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда, дар сатҳи лозима ташкил карда шудааст.

## 2.4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”

### 2.4.1. Шумораи маъракаҳои гузаронидашуда, ҳолатҳои қонуншиканиҳо, натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда (банди 59 паём).

Дар вилояти Суғд доир ба татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" корҳои амалию ташкилӣ, тарғиботию ташвиқотӣ ва назоратию санҷишӣ ба иҷро расидаанд.

Дар соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳамагӣ 24431 маъракаю маросим, аз ҷумла 20365 тӯйи домодию арӯсӣ, 2565 маъракаи чил ва 1601 маъракаи сол баргузор гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипарӣ

миқдори тӯйи домодию арӯсӣ 837 адад зиёд ва маросими чил мутаносибан 457 ва 43 адад кам мебошад. Маблағи харҷи умумӣ барои баргузории ин чорабиниҳо 125,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 5, 2 млн. сомонӣ кам шудааст.

Хароҷоти аз ҳама баланд, барои баргузории як маърака ба ҳисоби миёна дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 6838,7 сомонӣ, Хуҷанд 6762,5 сомонӣ, Б.Ғафуров 6471,4 сомонӣ, Конибодом 6266 сомонӣ, Ҷаббор Расулов 6090,9 сомонӣ, Деваштич 5565,3 сомонӣ Спитамен 5315,6 сомонӣ, Исфара 5274,2 сомонӣ, Шаҳристон 4340 сомонӣ, Гулистон 4330,3 сомонӣ, Ашт 4176,4 сомонӣ, Зафаробод 3912,3 сомонӣ, Истиқлол 3601,3 сомонӣ, К.Мастчоҳ 3330,2 сомонӣ. Истаравшан 3174,2 сомонӣ, ба назар расида, дар шаҳри Бӯстон 2836 сомонӣ, ва ноҳияҳои Масчоҳ 2229,1 сомонӣ, Айнӣ 1855 сомониро ташкил дода, омӯзиши сабабҳои фарқияти хароҷотҳои маъракаҳоро аз ҷониби мақомоти ваколатдор талаб менамояд.

Дар арафа ва рӯзҳои таҷлили санаҳои таърихӣ ва ҷашнҳои миллӣ хатнасури хайриявии 66 нафар кӯдакон аз оилаҳои эҳтиёҷманд ва камбизоат бо ташаббуси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва сарпарастии корхонаю муассисаҳо, ширкатҳо ва соҳибкорон гузаронида шуданд.

Баҳри пешгирии ҳолатҳои қонуншиканӣ аз ҷониби комиссияҳои муштарак дар соли 2019 4677 рейд гузаронида шуда, 173 ҳолати вайрон намудани қонунгузории танзим ошкор карда, нисбати шахсони қонун вайроннамуда ҷазои маъмурӣ татбиқ карда шудааст.

Зиёдшавии шумораи қонуншиканиҳои ошкоркардашуда дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ. Расулов 13 адад (+6 адад), Панҷакент 16 адад (+4 адад), Спитамен 8 адад (+4 адад), К. Мастчоҳ 4 адад (+4 адад), Б.Ғафуров 12 адад (+3 адад), Айнӣ 7 адад (+3 адад), Шаҳристон 5 адад (+2 адад) Гулистон 3 адад (+2 адад), Зафаробод 3 адад (+1 адад), Истиқлол 3 адад (+1 адад), Мастчоҳ 10 адад (+1 адад) ташкил додааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 20 адад (-10 адад), Исфара 2 адад (-5 адад), Истаравшан 15 адад (-4 адад), Деваштич 5 адад (-4 адад), Бӯстон 12 адад (-3 адад), , Хуҷанд 12 адад (-3 адад), ба қайд гирифта шудааст, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида дар ноҳияи Ашт 6 адад (+-0 адад), бетағйир боқӣ мондааст.

### 2.5. Рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет»

#### 2.5.1. Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо (сомона, почтаи электронӣ ва татбиқи унсурҳои “ҳукумати электронӣ”).

Бо мақсади татбиқи “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар вилоят лоиҳаи “Автоматизатсиякунонии ҳуҷҷатгузорӣ дар сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд” амалӣ шуда истодааст, ки дар доираи он барномаи махсус ва системаи дохилӣ иборат аз 22 нуқта бо 2 адад сервер насб гардидааст.

Ҳамаи нуқтаҳо бо интернети баландсуръат пайваст мебошанд. Байни аксари раёсату шуъбаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят тавассути шабакаи “Ҳукумати электронӣ” табодули иттилоот зина ба зина ба роҳ монда шуда истодааст.

Айни замон дар вилоят 1 сомонаи вилоятӣ ва 18 сомонаи шаҳру ноҳияҳо фаъолият дорад.

Ҳамасола барои нигоҳдории сомонаи расмӣ дар буҷети шаҳру ноҳияҳо дар ҳаҷми 50,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок пешбинӣ ва масраф карда мешаванд.

Дар соли 2019 дараҷаи корношоями компютерҳо дар дастгоҳи раисони шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо)-и шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ 4,3% (23 адад шумораи умумии компютерҳо), Гулистон 7,5% (80 адад), Спитамен 7,5% (53 адад), Исфара 9,3% (75 адад), Бобоҷон Ғафуров 9,3% (43 адад), Шаҳристон 9,5% (21 адад), Зафаробод 11,4% (35 адад), Ҷаббор Расулов 11,4% (35 адад), Айнӣ 14,9% (67 адад), Бӯстон 12,1% (41 адад), Конибодом 15,3% (65 адад), Истаравшан 18,7% (64 адад)-ро ташкил намуда, фоизи баланди корношоямии компютерҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 24,4% (45 адад), Хуҷанд 28,4% (116 адад), Истиқлол 30,7% (26 адад) дида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳо дараҷаи корношоямии компютерҳо дар муқоиса бо нимсолаи аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан -0,1%, Шаҳристон -4,2%, ва Хуҷанд -1,3% Спитамен 2,2%, Конибодом -0,7%, Истиқлол -0,1%, Бустон-0,1%, Айнӣ -1,5% кам гардида, ноҳияҳои Деваштич ва Ашт тавонистанд камбудии мазкурро ислоҳ намоянд, ки аз чораҳои саривақтӣ андешидашуда дарак медиҳад.

Ин нишондиҳанда нисбат ба 6 моҳа дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Зафаробод ва Панҷакент бетағйир монда, дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Расулов 5,2%, Исфара 2,4%, Б.Ғафуров +1,2%, К.Мастчоҳ +0,6% таносубан зиёд гардидааст, ки таъсири манфии худро ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ расонида, андешидани чораҳои мушахасро ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур талаб менамояд.

Дар замони муосир дастрасӣ ба интернет воситаи муҳими муомилот ва муошират ба ҳисоб рафта, барои таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Дар шаҳри Хуҷанд ҳамагӣ 45 нуқта дастрасӣ ба интернет дошта 1 нуқта сомонаи расмии худро ташкил кардааст, ки нисбат ба нимсолаи аввали соли 2019 бетағйир мондааст. Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 35/2 (+/-0 адад), Айнӣ 23/1 (+/-0 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ 18/1 (+/-0 адад), Мастчоҳ 18/1 (+3 адад), Зафаробод 13/1 (-9 адад), Истиқлол 12/1 (+/-0 адад), Спитамен 11/1 (-47 адад), Истаравшан 10/1 (+/- 0 адад), Панҷакент 10/1 (+/-0 адад), Ҷаббор Расулов 9/1 (+5 адад), Деваштич 7/1 (+/-0 адад), Ашт 3/1 (-1 адад), Бӯстон 2/1 (+/- 0 адад), Шаҳристон 2/1 (+/-0 адад), Гулистон 1/1 (+/-0 адад) ва Исфара 1/1 (+/- 0 адад) нуқтаро ташкил додааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияҳои Ҷаббор Расулов +4 адад ва Мастчоҳ +3 ададӣ нуқтаҳои интернетӣ нисбат ба нимсолаи аввали соли 2019 зиёд гардидааст, ки барои таъмини шаффофияти ва самаранокии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мусоидат хоҳад намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар ноҳияҳои Спитамен -47 адад, Зафаробод -9 адад Ашт -1 нуқтаҳои интернетӣ адад кам гардида, дар дигар шаҳру ноҳияҳои Б. Ғафуров, Айнӣ, К.Мастчоҳ, Истиқлол, Истаравшан, Панҷакент, Деваштич, Бустон, Шаҳристон, Гулистон ва Исфара бетағйир боқӣ монда, таъсири манфии худро, ки ба шаффофият ва самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ расонидааст, ки андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт зарур мебошад.

То ин давра аз ҷониби мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо) шаҳру ноҳияҳо нишондиҳанда оид ба таъсис додани сомонаи расмии мақомоти мазкур бетағйир мондааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» ба роҳ монда, иҷрои онро таъмин намоянд.

### 2.6.1. Гузаронидани озмуни мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ (моддаи 18), аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20), бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои

**баланд бардоштани масъулияти онҳо.**

Давоми соли 2019 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаҳои 17 ва 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Расулов 8 маротиба, Конибодом 7 маротиба, Шаҳристон 7 маротиба, Истаравшан 6 маротиба, Спитамен 6 маротиба, Деваштич 6 маротиба, Бӯстон 5 маротиба, Гулистон 2 маротиба, Хуҷанд 2 маротиба, Ашт 3 маротиба, Истиқлол 2 маротиба, Панҷакент 1 маротиба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда шуда, мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро ишғол намуда, фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд. Аз шумораи умумии мутахассисони ба мансаб таъингардида дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 10 нафар, Б.Ғафуров 7 нафар, Бӯстон 3 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Дар ҳисоботи вилояти Суғд, шаҳри Исфара, ноҳияҳои Айнӣ, Зафаробод, Куҳистони Мастчоҳ ва Мастчоҳ доир гузаронидани озмуни хизматчии давлатӣ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Айнӣ 2 маротиба аттестатсия гузаронида шуда, 114 нафар фаро гирифта шудаанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Ашт 2 маротиба / 23 нафар дар шаҳрҳои Истаравшан 3 ва Хуҷанд 2 маротибагӣ аттестатсия гузаронида шудааст. Гарчанде дар шаҳрҳои Истаравшан ва Хуҷанд аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ баргузор гардида бошад ҳам, доир ба шумораи ба аттестасия фаро гирифташудагон ва натиҷаи он маълумот пешниҳод карда нашудааст.

**2.6.2. Пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар сохторҳои мақомоти идоракунии маҳаллӣ, хусусан ҷиноятҳои коррупсионӣ оид ба замин, шумораи эътирозҳо, бекор кардани қарорҳо, ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба ҳолати замин**

Аз руи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар соли 2019 аз ҷониби прокуратураҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба 158 эътирози прокурорӣ нисбати бекор кардани қарорҳо пешниҳод шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -104 адад кам мебошад.

Дар соли 2019 аз ҷониби прокуратураи шаҳру ноҳияҳои Ашт 17 адад (+17 адад), Хуҷанд 37 адад (+11), Мастчоҳ 25 адад (+10), Б.Ғафуров 28 адад (+ 9 адад), Гулистон 4 адад (+ 3 адад), Бустон 10 адад (+3 адад), Истаравшан 14 адад (+1 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ 3 адад (+1 адад) нисбати ҳамин давраи соли гузашта эътирози прокурорӣ пешниҳод шуда,

қарорҳои раисони шаҳру ноҳия бекор карда шуда, нишондиҳандаи мазкур дар ноҳияи Шаҳристон 5 адад (-6 адад) коҳиш ёфта, дар шаҳри Панҷакент 15 адад (+-0 адад) бетағйир боқӣ мондааст.

Масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро зарур аст, ки минбаъд зимни таҳияи қарорҳо ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ такя намуда, ҷиҳати риояи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии масъулини шаҳру ноҳияҳои болозикр ҳамчун хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати иҷрои моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Нишондоди пешакии таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 3.1. Даромади буҷет, 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо, 3.3. Бақияи қарзи андоз, 3.4. Қарзи музди меҳнат, 3.5. Музди миёнаи меҳнат арзёбӣ гардиданд.**

### 3.1. Даромади буҷет

Дар соли 2019 нақшаи даромади буҷети давлатӣ дар вилоят (бе дарназардошти андози иҷтимоӣ) ба андозаи 99,1 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 3174,2 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақшаи тасдиқгардида -27,3 млн. сомонӣ кам мебошад.

Дар ин давра ба буҷети маҳаллии вилоят ба ҷойи 1887,4 млн. сомонии нақшавӣ 1924,6 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз нақша 2,0 фоиз ё ин ки 37,2 млн. сомонӣ зиёд аст.

Аз ҳисоби иҷро нагардидани нақшаи қисми даромади буҷет дар дар шаҳри Хуҷанд – 21,6 млн. сомонӣ (94,8%), шаҳри Исфара -4,9 млн. сомонӣ (95,4%), ноҳияи Спитамен -2,5 млн. сомонӣ (95,9%), шаҳри Гулистон -1,8 млн. сомонӣ (99,2%), ноҳияи Деваштич -763,3 ҳаз. сомонӣ (98,4%), ноҳияи Ашт -160,5 ҳаз. сомонӣ (99,8%), ноҳияи Зафаробод -75,3 ҳаз. сомонӣ (99,8%) ба буҷети маҳаллӣ ворид нагардида, ба ташаккули буҷети вилоят таъсири манфӣ расонидааст.

Бо вуҷуди ин камбудиҳо дар воридоти маблағ ба буҷаи вилоят саҳми шаҳри Панҷакент +16,9 млн. сомонӣ (102,3%), ноҳияи Айнӣ +13,3 млн. сомонӣ (107%), шаҳри Истаравшан +4,2 млн. сомонӣ (102,2%), шаҳри Бӯстон +4,1 млн. сомонӣ (104,8%), ноҳияи Шаҳристон +929,8 ҳаз. сомонӣ (105,5%), ноҳияи К.Мастчоҳ +455,3 ҳаз. сомонӣ (105,4%), ноҳияи Ҷ.Расулов +126,4 ҳаз. сомонӣ (100,2%), шаҳри Истиқлол +58,1 ҳаз.

сомонӣ (100,3%), шаҳри Конибодом +9,7 ҳаз.сомонӣ (100%), ноҳияи Мастчоҳ +3,1 ҳаз.сомонӣ (100,6%)-ро ташкил дода, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва нозироти андози ин шаҳру ноҳияҳоро қайд кардан лозим аст.

### 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои вилоят, пардохти нисбатан сусти намудҳои алоҳидаи андоз, дар шаҳри Хуҷанд андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 66,9%, андоз аз арзиши иловашуда 90,4%, андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ 87,5%, дар ноҳияи Айнӣ андоз аз захираҳои табиӣ 87,2%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 95,7%, ноҳияи Ашт андоз аз даромад 87,5%, шаҳри Истиқлол андоз аз даромад 61,0%, Андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ 91,6% иҷро гардида, дар шаҳри Гулистон андоз аз даромад 76,1%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 94,4% ва андоз аз шахсони воқеие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд 69,1%, дар шаҳри Бӯстон андоз аз арзиши иловашуда 96,9%, андоз аз воситаҳои нақлиёт 81,7%, ноҳияи Б.Ғафуров андоз аз фоида 75,8%, андоз аз роҳҳои автомобилгард 97,3%, ноҳияи Деваштич андоз аз даромад 88,5%, дар ноҳияи Зафаробод андоз аз даромад 96,7%, андоз аз низоми соддакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ 81,4% дар шаҳри Истаравшан андоз аз даромад 97,3%, аксизҳо 79,0%, андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард 90,7%, андоз аз низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкорони хурд 86,1%, андози замин 89,9%, дар шаҳри Конибодом андоз аз фоида 90%, андоз аз арзиши иловашуда 88%, дар шаҳри Панҷакент андоз аз фоида 78,3%, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард 82,9% андоз аз фоида 88,3%, дар ноҳияи Мастчоҳ андоз аз даромад 68,5% андоз аз молу мулки ғайри манқул 97,4% ва дар ноҳияи Шаҳристон андоз аз низоми соддакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ 91,0%, андоз аз шахсони воқеӣе, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд 96,3%, Низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ 42,9% ба назар мерасанд, ки дар ташаккули босифати буҷети вилоят ва ҷумҳурӣ таъсири манфии худро расонидааст. Масъулини соҳаи андозу молияи шаҳру ноҳияҳои болозикро зарур аст, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур ҳамкориро бо андозсупорандагон ба роҳ монда тадбирҳои иловагӣ андешанд.

### 3.3 Бақияи қарзи андоз

Ба ҳолати 1 декабри соли 2019 дар вилоят 90,7 млн. сомонӣ бақияпулиҳои андоз мавҷуд буда, нисбат ба нимсолаи аввали соли 2019 -1,8 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Ҳарчанд тамоюли камшави бақияпулиҳои андоз дар ноҳияи Мастчоҳ -1,7 млн.сомонӣ (9,1 млн. сомонӣ), ноҳияи Зафаробод -0,8 млн. сомонӣ кам гардида, ба 01.12.2019 сол 9,9 млн. сомонӣ боқӣ мондааст, дар ш. Бӯстон -0,2 млн. сомонӣ (4,8 млн. сомонӣ), н.Б.Ғафуров -0,6 млн. сомонӣ (2,1 млн. сомонӣ), дар шаҳри Конибодом -0,5 млн. сомонӣ (3,2 млн. сомонӣ), н. Шаҳристон -0,3 млн.сомонӣ (1,7 млн. сомонӣ), дар н. Ашт -0,6 млн.сомонӣ (3,2 млн. сомонӣ), Исфара -0,21 млн. сомонӣ (боқимонда бақия 9,9 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Ҷ.Расулов -0,6 млн. сомонӣ (2,8 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Спитамен -0,19 млн.сомонӣ (2,0 млн.сомонӣ), дар ш. Панҷакент -0,2 млн.сомонӣ (7,1 млн. сомонӣ), дар н. Айнӣ -0,028 млн.сомонӣ (0,40 млн. сомонӣ), дар ш. Гулистон -0,033 млн.сомонӣ (0,08 млн. сомонӣ), дар ш.Истиқлол -0,090 млн.сомонӣ (0,76 млн. сомонӣ), дар Истаравшан -0,018 млн. сомонӣ (8,6 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Деваштич -0,07 млн. сомонӣ (1,2 млн. сомонӣ), дар н. Кӯҳистони Мастчоҳ -0,005 млн. сомонӣ (0,19 млн. сомонӣ) ба назар мерасад вале дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд +457,2 ҳаз.сомонӣ (19,3 млн. сомонӣ) ба зиёдшавии бақияи андоз роҳ дода шудааст.

Нишондиҳандаи баланди бақияи қарзи андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Зафаробод, Панҷакент ва Истаравшан ба назар мерасад, ки барои кам намудани он андешидани чораҳои иловагӣ ва пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз ва андозсупорандаҳо тақозо менамояд.

### 3.4. Қарзи музди меҳнат

Дар ҷамъбасти соли 2019 аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят қарздорӣ аз музди меҳнати кормандони буҷетӣ вуҷуд надошта, аз дигар корхонаву ташкилот дар вилоят 14,9 млн. сомонӣ қарзи музди меҳнат мавҷуд мебошад, ки нисбати семоҳаи сеюми соли 2019 -600 ҳазор сомонӣ кам карда шудааст.

Дар соли 2019 дар шаҳри Гулистон 10,5 млн. сомонӣ, шаҳри Исфара 2,5 млн. сомонӣ, ноҳияи Ашт 650 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Зафаробод 618,6 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Ҷ.Расулов 506 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Мастчоҳ 100 ҳаз. сомонӣ, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 82 ҳазор сомонӣ, қарзи музди меҳнат мавҷуд мебошад, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар вилоят нисбат ба аввали соли 2019 3,8 млн. сомонӣ қарздорӣ аз музди меҳнат зиёд шуда, ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои Гулистон(қарз), Исфара, Ашт, Зафаробод ва Ҷ.Расулов ба вуҷуд омадааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки барои бартараф намудани қарздории музди меҳнат корбарии лозимаро ба роҳ монанд.

### 3.5. Музди миёнаи меҳнат

Дар давраи ҳисоботӣ музди миёнаи маош дар вилоят 1174 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 100 сомонӣ зиёд мебошад.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар дар шаҳри Гулистон +302 (2055,8 сомонӣ), н. Айнӣ +283 сомонӣ (1476 сомонӣ), ш. Панҷакент +191 сомонӣ (1531 сомонӣ), ш.Хуҷанд +119 сомонӣ (1476 сомонӣ), н.Спитамен +114 сомонӣ (937 сомонӣ), ш.Истиқлол +106 (1011 сомонӣ), н.Ҷ.Расулов +105 сомонӣ (793 сомонӣ), ш.Конибодом +100 (1052,4 сомонӣ), ш. Истаравшан +100 (919 сомонӣ), н.Деваштич +93 (792,9 сомонӣ), н.Б.Ғафуров +86 (102,9 сомонӣ), н.Кӯҳистони Мастчоҳ +74 (745,1 сомонӣ), н.Ашт +72 (787 сомонӣ), н.Зафаробод +61 (823,7 сомонӣ), ш.Исфара +53 (961,5 сомонӣ), н.Шаҳристон +50 сомонӣ (775 сомонӣ) ба назар расида, раванди мусбии рушди иҷтимоию иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон (2026 сомонӣ), Айнӣ (1502 сомонӣ), Панҷакент (1561сомонӣ), Хуҷанд (1408 сомонӣ) ва Б.Ғафуров (1022,9 сомонӣ) таъмин гардидааст.

Дар шаҳри Бӯстон -440 сомонӣ (1281,2 сомонӣ) ва ноҳияи Мастчоҳ -9 сомонӣ (765,5 сомонӣ), музди миёнаи меҳнат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур корбариро талаб мекунад.

Нишондиҳандаи пасти музди меҳнат дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ (745,1 сомонӣ), Ашт (787 сомонӣ), Зафаробод (823,7 сомонӣ) Шаҳристон (775 сомонӣ), Деваштич (792 сомонӣ), Мастчоҳ (765 сомонӣ) ба назар мерасад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳоро мебояд доир ба мунтазам баланд бардоштани музди миёнаи меҳнат чораҳои муассир андешанд.

Пешниҳод: Барои таъмини нақшаи даромади буҷети шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Спитамен, Гулистон, Деваштич, Ашт, Зафаробод ва кам намудани бақияпулиҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Зафаробод, Мастчоҳ, Панҷакент ва Истаравшан дарёфти сарчашмаҳои иловагии андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо дар якҷоягӣ бо нозироти андоз фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Исфара, Ашт, Зафаробод ва Ҷ.Расулов дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корфармоён барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат чораҳои зарурӣ андешанд.

Мувофиқ ба мактуби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2019, №1/5-703 доир ба рафти иҷрои қисми даромади буҷет дар вилояти Суғд дар 10 моҳи соли 2019 иҷрои қисми нақшаи андозҳо ва пардохтҳо 94,3 % таъмин гардида, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 137,5 млн. сомонӣ кам мебошад.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 90,8%, Гулистон 80,8%, Конибодом 99,9%, Хуҷанд 90,8%, Бӯстон 95,2%, Истиқлол 98,4, Ашт 94,3, Деваштич 99,2%, Зафаробод 91,8%, Мастчоҳ 87,3%, Спитамен 86,6%, Ҷ.Расулов 97,7%, Б.Ғафуров 99,7% таъмин карда шудааст.

Бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо ба санаи 1 ноябри 2019 дар вилояти Суғд дар маҷмуъ маблағи -91,7 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба аввали сол ба андозаи 5,5 млн. сомонӣ кам мебошад. Бақияи қарзи нисбатан калон дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 18,6 млн. сомонӣ, Исфара 9,9 млн. сомонӣ, Конибодом 3,5 млн. сомонӣ, Панҷакент 7,2 млн. сомонӣ, Истаравшан 8,7 млн. сомонӣ, Бӯстон 3,4 млн. сомонӣ, Ашт 3,5 млн. сомонӣ, Деваштич 1,2 млн. сомонӣ, Зафаробод 9,9 млн. сомонӣ, Мастчоҳ 9,2 млн. сомонӣ, Спитамен 3,8 млн. сомонӣ, Ҷ.Расулов 4,5 млн. сомонӣ, Б.Ғафуров 4,4 млн. сомонӣ ва Шаҳристон 2,0 млн. сомонӣ мебошад.

## 4. Таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 18, 20-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳибкорӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 4.1. Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон, 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, 4.5. (4.6) Дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ, 4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 4.1. Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон дар шаҳру ноҳияҳо.

Дар вилоят шумораи соҳибкорони инфиродӣ ба санаи 1 январи соли 2020 аз аввали бақайдгирӣ 117075 нафарро ташкил дода, ин нишондиҳанда нисбат ба соли қаблӣ 3773 адад зиёд шудааст.

Нишондиҳандаи баланди зиёдшавии шумораи соҳибкорон дар соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов +580 нафар (5150 нафар дар маҷмуъ), Мастчоҳ +422 нафар (5785 нафар), Конибодом +370 нафар (11262 нафар), Ашт +337 нафар (7524 нафар), Исфара +336 нафар (14075 нафар), Истаравшан +280 нафар (13795 нафар), Хуҷанд +228 нафар (8485 нафар), Спитамен +133 нафар (2979 нафар), Кӯҳистони Мастчоҳ +119 нафар (1140 нафар), Б.Ғафуров +100 нафар (13851 нафар), Айнӣ +67 нафар (1391 нафар) ба назар расида, беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент +24 нафар (9147 нафар), Зафаробод +26 нафар (5556 нафар), Шаҳристон +54 нафар (2429 нафар), Истиқлол бошад +44 нафар (269 нафар), Бӯстон (350 нафар), Гулистон +15 нафар (859 нафар) ва Деваштич +3 нафар (1507 нафар) ташкил додааст.

### 4.2 Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим

Дар соли 2019 ба иқтисодиёти вилоят ба маблағи 379,0 млн. доллари ИМА сармоягузориҳо, аз ҷумла 347,6 млн. доллар сармояи хориҷӣ ва 31,4 млн. доллар сармояи дохилӣ ҷалб гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 1,1 баробар зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 39 лоиҳа (21,6 млн. доллари ИМА), Кӯҳистони Мастчоҳ 30 лоиҳа (37,7 млн.сомонӣ), Спитамен 6 лоиҳа (54,6 млн. сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 8 лоиҳа (132,2 млн. сомонӣ), Айнӣ 7 лоиҳа (77,7 млн. сомонӣ), Истиқлол 8 лоиҳа (4,6млн. сомонӣ), Панҷакент 8 лоиҳа (128 млн. сомонӣ), Истаравшан 6 лоиҳа (3,5 млн. доллари ИМА), Мастчоҳ 6 лоиҳа (2,7 млн. доллари ИМА), Хуҷанд 4 лоиҳа ба маблағи 5,8 млн. доллари ИМА, Ашт 1 лоиҳа (4,5 млн. сомонӣ), Конибодом 5 лоиҳа (67,3 млн. сомонӣ), Зафаробод 1 лоиҳа (32,9 млн. сомонӣ), Бӯстон 34 лоиҳа (51,9 млн. сомонӣ), Шаҳристон 1 лоиҳа (1,5 млн. доллари ИМА), Гулистон 2 лоиҳа (2,0 млн. доллари ИМА), Деваштич 15 лоиҳа (10,5 млн. сомонӣ) ва Ҷ.Расулов 6 лоиҳа (20,9 млн. сомонӣ) амалӣ гашта истодаанд, ки ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои дар боло дарҷгардида таъсири мусбӣ расонида истодааст.

### 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

Дар вилоят 18 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ гашта истодааст, ки маблағи умумии азхудшуда дар доираи ин лоиҳаҳо 207,8 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ барои татбиқи лоиҳаҳо 82,4 млн. доллари ИМА ҷалб карда шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 1,3 баробар зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Айнӣ баҳри беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ҳолати ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ мувофиқи соҳаҳо ва корҳои баанҷомрасида, аз ҷумла бунёди корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо, сардхонаи ҳозиразамон муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир бояд қайд кард, ки корхонаи коркарди меваи хушк дар деҳаи Куруд, сехи коркарди меваю сабзавот ва сардхона дар дехаи Вешаб, сехи коркарди меваи Шамтуч сардхона ва гармхона дар деҳаи Рарз бунёд гардида ҳоло фаъолият доранд.

Дар ноҳияи Ашт дар доираи татбиқи лоиҳаи инвеститсионии "Таъминоти деҳот бо оби нӯшокӣ ва санитарӣ дар водии Фарғона", лоиҳаи таъминоти сокинони 3 деҳаи ҷамоат бо маблағгузории Дафтари Шветсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ, амалӣ карда шудааст. Лоиҳаи мазкур

аз тарафи Намояндагии Котиботи байналхалқии захираи об дар Тоҷикистон татбиқ карда шудааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида, вобаста ба беҳтар намудани сармоягузорӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Б.Ғафуров нақша-чорабинӣ таҳия гардида, вохӯрии Раиси ноҳия бо соҳибкорон доир карда шудааст. Инчунин, барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ба соҳибкорон мусоидат намуда, зери корбарӣ қарор доранд.

Бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоид ва ҷорӣ намудани усулҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди раиси шаҳри Бӯстон “Оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ” бо иштироки муовини якуми Раиси вилояти Суғд бо соҳибкорони шаҳри Бӯстон баргузор карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Истаравшан, Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент, Спитамен, Ҷ.Расулов ва Зафаробод ҷаласаҳои корӣ бо иштироки Раисони шаҳру ноҳияҳои зикргардида баргузор шуда, барои беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ мусоидат намудааст.

### 4.5. (4.6) Дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ

Дар вилояти Суғд баҳри дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар соли 2019 ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ нисбат ба соли 2018 ба андозаи 24,8 фоиз зиёд шуда, дар соли 2019 ба 3050,4 млн. сомонӣ расонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо +185,3 млн. сомонӣ (367,2 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарзи додашуда), шаҳри Хуҷанд +66,5 млн. сомонӣ (272,1 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов +30,9 млн. сомонӣ (159,5 млн. сомонӣ), шаҳри Исфара +27,3 млн. сомонӣ (168,1 млн. сомонӣ), шаҳри Конибодом +24,5 млн. сомонӣ (91,3 млн. сомонӣ), ноҳияи Зафаробод +15,3 млн. сомонӣ (48,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Мастчоҳ +13,2 млн. сомонӣ (55,3 млн. сомонӣ), ноҳияи Ашт +11,1 млн. сомонӣ (92,7 млн. сомонӣ), шаҳри Панҷакент +10,8 млн. сомонӣ (57,4 млн. сомонӣ), ноҳияи Шаҳристон +7,4 млн. сомонӣ (23,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Деваштич +6,7 млн. сомонӣ (29,8 млн. сомонӣ) ва ноҳияи Спитамен +5,5 млн. сомонӣ (75,9 млн. сомонӣ) таъмин гардидааст, ки мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истиқлол +0,15 млн. сомонӣ (1,5 млн. сомонӣ) ва ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +0,27 млн. сомонӣ (0,56 млн. сомонӣ) -ро ташкил додааст. Дар ин давра дар шаҳри Истаравшан -53,2 млн. сомонӣ (287,8 млн. сомонӣ), шаҳри Бӯстон -4,6 млн. сомонӣ

(98,7 млн. сомонӣ), шаҳри Гулистон -0,45 млн. сомонӣ (9,9 млн. сомонӣ) ноҳияи Айнӣ -0,11 млн. сомонӣ (2,8 млн. сомонӣ) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба соҳибкорон қарзҳо кам дода шудааст, ки дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Шумораи заноне, ки аз бонкҳо қарз дастрас намудаанд, дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Расулов 8781 нафар, Исфара 7951 нафар, Истаравшан 5435 нафар, Хуҷанд 3743 нафар, Ашт 3998 нафар, Спитамен 3049 нафар, Бӯстон 3004 нафар, Конибодом 2349 нафар, Панҷакент 2327 нафар, Б.Ғафуров 2303 нафар, Зафаробод 1511 нафар, Шаҳристон 1398 нафар, Деваштич 1127 нафар, Мастчоҳ 991 нафар, Гулистон 990 нафар, Айнӣ 78 нафар, Истиқлол 39 нафар, К.Мастчоҳ 11 нафарро ташкил дода, дар дастрасии қарзҳои бонкӣ барои бонувон шароит фароҳам оварда шудааст.

Шумораи ҷавононе, ки аз бонкҳо қарз дастрас намудаанд, дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 7571 нафар, Ҷ.Расулов 7454 нафар, Б.Ғафуров 5522 нафар, Конибодом 2929 нафар, Ашт 2436 нафар, Спитамен 2281 нафар, Бӯстон 2208 нафар, Мастчоҳ 1873 нафар, Деваштич 1777 нафар, Хуҷанд 1764 нафар, Шаҳристон 870 нафар, Зафаробод 706 нафар, Исфара 605 нафар ва Айнӣ 228 нафарро ташкил додааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол 96 нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ 81 нафар ва Панҷакент 21 нафар ташкил дода, мебояд масъулин ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ҷавонон дар дастрасии қарзҳои бонкӣ корҳои таблиғотиро пурзӯр намоянд.

### 4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ

Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар минтақаи ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанд ҷой гирифта, аз оғози фаъолият то санаи 1 октябри соли 2019 ба миқдори 27 адад субъект ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 17 субъект фаъолияти худро бомаром ба роҳ мондаанд.

Маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” тасмим гирифтааст, ки барои тақвият бахшидани фаъолият, ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор аз ҳисоби ҶДММ “Азияполикс”, ҶДММ “Оҳанкор”, ширкати канадагии “Хантана” ва ширкати тоҷику туркии “Афранг пластик” корбарӣ намояд.

Масоҳати ҶДММ “Азияполитекс” (санаи бақайдгирӣ 29 декабри соли 2017) аз 1,6 гектар иборат буда, дар он сохтмони бинои истеҳсолӣ бо саҳми соҳибкорони ватанӣ идома дорад. То имрӯз ба сармояи оинномавии ин ҷамъият 79,5 ҳазор сомонӣ сармоя ҷалб карда шудааст.

ҶДММ “Оҳанкор” моҳи декабри соли 2018 ба қайд гирифта шуда, масоҳати он 3,1 гектарро ташкил медиҳад. Маблағи сармоявии ин ширкат зиёда аз 7,0 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Айни ҳол, корҳои омодагӣ барои оғози сохтмони ин коргоҳ идома дорад.

Моҳи июни соли ҷорӣ ду субъекти дигар, ширкати канадагии “Хантана”, ки бо истеҳсоли асал машғул мегардад, дар масоҳати 0,5 га. барои ташкили коргоҳи истеҳсолӣ бо ҷалби 500,0 ҳазор доллари амрикоӣ сармояи мустақим ва ширкати тоҷику-туркии “Авранг пластик”, ки дар масоҳати 0,15 га. бо ҷалби 580,0 ҳазор доллари амрикоӣ ташкил карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз субъектҳои мавҷудбудаи минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” 11 субъект фаъолият намуда, ба маблағи 167567,2 ҳазор сомонӣ маҳсулотҳои саноатию сохтмонӣ ва хизматрасонӣ истеҳсол кардаанд. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулот аз тарафи ҶДММ “Реал” ба маблағи 9651,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Равзана Пластик” 1513,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ “Силкоат Бойя” 10799,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ “Стар Пласт” 14823,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Тоҷпроф” 90790,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КФ “Фортуна Ко” 6875,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Тоҷикполиэтилен” 4587,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Арча мебел” 4924,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Ариана металл пласт” 17610,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Афранг пластик” 1671,8 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ “Ҷаҳони нав ММ” 13,9 ҳазор сомониро дар бар гирифтааст.

Дар маҷмӯъ дар давраи ҳисоботӣ 4 намуд маҳсулотҳои саноатии рақобатпазир, ки аз ҷониби субъектҳои минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” аз қабили рангҳои гуногун, ноқилҳои барқӣ, профилҳои алюминӣ, аробача ва фойтунчаи кӯдакона истеҳсол гардида, ба маблағи умумии 45,5 млн. сомонӣ берун аз кишвар содирот карда шудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи давлативу хориҷӣ ба иҷрои чораҳои зарури андешида дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз вохурӣ бо соҳибкорон (14.10.2019) ба роҳ монанд.

Мувофиқ ба маълумотҳои пешниҳоднамудаи Бонки миллии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2019, №09.3-529/5701 вобаста ба қарзҳои хурди додашудаи низоми бонкӣ дар моҳҳои январ-октябри соли 2019 4,9 млрд. сомониро ташкил дода, аз ҳаҷми умумии қарзҳои хурди дар ин давра додашуда ба вилояти Суғд 40,6% рост меояд.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (бандҳои 11, 12 ва 28-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ, 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор**

**андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4. (5.5) Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо, 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд ба маблағи 12888,3 млн. сомонӣ расонидашуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо 112,9 фоиз таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоишро шаҳри Бӯстон 162,9% (411 млн. сомонӣ), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 147,1% (3,5 млн. сомонӣ), шаҳри Истиқлол 144,7% (36,6 млн. сомонӣ), шаҳри Панҷакент 122,8% (2 млрд. 867 сомонӣ), шаҳри Истаравшан 121,9% (521,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Спитамен 120% (490 млн. сомонӣ), ноҳияи Мастчоҳ 119,6% (240,6 млн. сомонӣ), шаҳри Конибодом 118% (310 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов 116,5% (231 млн. сомонӣ), шаҳри Хуҷанд 115,4% (1 млрд 291 млн. сомонӣ), ноҳияи Б.Ғафуров 115,4% (1 млрд 359 млн. сомонӣ), ноҳияи Ашт 111,3% (224,8 млн. сомонӣ), ноҳияи Шаҳристон 109% (37,2 млн. сомонӣ), ноҳияи Айнӣ 107,4% (948,2 млн. сомонӣ), ноҳияи Деваштич 103% (61,4 млн. сомонӣ), ноҳияи Зафаробод 101,5% (216,5 млн. сомонӣ), ва шаҳри Гулистон 101% (3 млрд 261 млн. сомонӣ) таъмин намудаанд, ки дар инкишофи рушди устувори саноат дар шакли индустриалӣ аграрӣ замина гузошта истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Исфара 98,7% (0,36 млн. сомонӣ) ташкил дода, суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст.

Таносуби ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 57 баробар, Истиқлол 37 баробар, Айнӣ 704%, Панҷакент 328%, Спитамен 117%, Б.Ғафуров 104%, Конибодом 63,9%, Ашт 48,2%, Зафаробод 48%, Истаравшан 43%, Мастчоҳ 31,5%, Ҷ.Расулов 29,8%, Шаҳристон 15,5%, Деваштич 15,3%, Кӯҳистони Мастчоҳ 1,0% ва Исфара 0,08% ташкил додааст.

### 5.2.Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ

Дар шаҳри Хуҷанд чораҳои андешидашуда дар соҳаи саноат дар асоси “Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” амалӣ гардида истода, барои лоиҳаҳои сармоягузории ин соҳа зиёда аз 23,0 млн. сомонӣ маблағ ҷалб карда шудааст.

Маблағҳои сармояи мустақими ҷалбшуда асосан барои бунёди 15 адад корхонаҳои истеҳсолии навтаъсис, аз ҷумла ҶДММ “Зиёрати Хуҷанд”, “Раззоқов Рустам”, “Белтатекс”, “Хуршед 777”, “Обод”, “Ориён Суғд”, “Зирвеко”, “Хорои Хуҷанд”, “Маҳкамов”, “Авранд”, “Лаззати

дунё”, “Сомон 2017”, КМ тоҷикӣ-туркӣ “Афранг Пластик”, “Субҳи Сафо” ва СИ “Хоҷаев Б” ва як адад корхонаи хизматрасонии об ҶДММ “Хизматрасон 2013” масраф гаштааст.

Дар самти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат дар ноҳияи Айнӣ лоиҳаҳои сохтмону таъсиси корхонаи бузурги “ҶДММ Талко-Голд ТВЕА”, ки бояд сурма, тилло истеҳсол намоянд, амали гашта истодааст.

Дар шаҳри Гулистон бо мақсади иҷрои ҳадафҳои асосии “Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020” таъмини пурраи бозори истеъмолии ватанӣ бо маҳсулоти қолинӣ, зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ, қолинбофон бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба истеҳсолот боз 2 адад дастгоҳи бофандагии муосир, таҷҳизоти махсуси истеҳсоли риштаи полипропилении давлати Олмон ва як таҷҳизоти махсуси мустаҳкамсозии ришта бо иқтидори 8,5 ҳазор тонна дар як шабонарӯз аз давлати Франсия барои истеҳсоли қолинҳо ба маблағи умумии 11 818 000 сомонӣ ворид намуданд. Имрӯзҳо бо дарназардошти воридоти таҷҳизотҳои замонавии пешқадам дар ҶСК “Қолинҳои Қайроққум” истеҳсоли қолинҳои рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда тадриҷан беҳтар гардидааст. Ҳамзамон, истеҳсоли нахе, ки ҳамчун ашёи хоми асосӣ барои истеҳсоли қолин истифода бурда мешуд дар дохили кишвар ба роҳ монда шудааст. Инчунин, аз тарафи ширкати ватании ҶДММ “Маҳмуд ва Компания” ба маблаги 20 миллион сомонӣ корхонаи металургӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар соли 2019 дар шаҳри Истаравшан оид ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда тадбирҳо андешида шуданд. Аз ҷумла, дар ин давра дар корхонаҳои ҶДММ «Ноҳид» истеҳсоли маҳсулотҳои трикотажи – 119,2%, ҶДММ «Ҳадид» нақшаи истеҳсолии аломатҳои роҳ – 105,7%, истеҳсоли бозичаҳои кӯдакона “Автошина” – 114,7%, ҶДММ «Авангард 2013»-114,0 %, «Покиза -2013»-117,2 фоиз, «Муад»-130,3 фоиз, «Нигин 5»-110,7 фоиз, «Рахшон»-571,9 фоиз ба иҷро расонида шуданд.

Дар давоми соли 2019 дар ноҳияи Спитамен корхонаи хурди равғанбарории ҶДММ “25 – солагии Истиқлолият”, марҳилаи дуюми ҶСП “Норд Азия Металл”, сехи коркарди мағзи зардолу ва банду басти он дар ҶДММ “Зуҳал КО” ва заводи хиштбарорӣ дар деҳаи Ҳавотаги Ҷамоати деҳоти Куруш мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Дар шаҳри Бӯстон дар соли 2019 аз 30 корхонаҳои саноатии шаҳр 22 адад корхонаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 суръати афзоиши истеҳсоли худро зиёд таъмин намуданд. Аз ҷумла корхонаи истеҳсоли орди ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Анҳор” ба андозаи 177,8 фоиз, корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропилении ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Суғд-Пак” ба андозаи 207,7 фоиз, корхонаи истеҳсол ва коркарди сангҳои ороишии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Элегант” ба андозаи 109,4 фоиз, корхонаи истеҳсоли гулӯлаҳои оҳанини ҶДММ “Ширкати механикии Тоҷикистону Хитой” ба андозаи 405,0 фоиз,

корхонаи истеҳсоли зарфҳои пласттикӣ ҶДММ “Суғд-аквапласт” ба андозаи 100,2 фоиз, корхонаи истеҳсоли арматураи ҶДММ “Саҳи-Хуҷанд” ба андозаи 143,0 фоиз, корхонаи истеҳсоли шарбатҳои ҶДММ “Шарбати мева” ба андозаи 127,1 фоиз, корхонаи истеҳсоли машруботи ҶДММ “Акмалӣ” ба андозаи 108,9 фоиз, корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикани ҶСП “Евро-Азия 2005” ба андозаи 123,3 фоиз, корхонаи воҳиди давлатии “Фулузоти нодири Тоҷикистон” ба андозаи 101,0 фоиз, корхонаи муштараки “Хуҷанд-зил” ба андозаи 215,7 фоиз, корхонаи фаръии “Корхонаи мошинсозӣ” ба андозаи 105,0 фоиз, корхонаи фаръии “Заргарӣ” ба андозаи 485,4 фоиз, корхонаи фаръии “Шарқсоз” ба андозаи 135,5 фоиз, корхонаи истеҳсоли равғани растании ҶДММ “Ҷилои Ҷавҳар” ба андозаи 144,2 фоиз, корхонаи истеҳсоли маҳсулоти дорувории ҶДММ “Фарм-Суғд” ба андозаи 130,3 фоиз, корхонаи истеҳсоли халтаҳои полиэтилении ҶДММ “Суғдполитекс” ба андозаи 321,1 фоиз, корхонаи истеҳсоли халтаҳои полиэтилении ҶДММ “Бӯстон-Спитамен” ба андозаи 107,5 фоиз ва корхонаи истеҳсоли арматураи ҶДММ “Довуд-2015” ба андозаи 959,9 фоиз таъмин карда шудааст.

Дар ноҳияи Б.Ғафуров дар соли 2019 2 адад корхонаҳои истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан аз он ҷумла, ҶДММ “Зода” ва ҶДММ “Ширкати Баҳор” таъсис дода шуда, дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори зиёда аз 1142,12 декалитр ба маблағи 220,4 ҳазор сомонӣ нӯшокиҳои ташнашикан истеҳсол намудаанд.

Ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷет ва боздоштани хориҷшавии асъор аз ҷумҳурӣ шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Айнӣ, Гулистон, Истаравшан, Спитамен, Б.Ғафуров ва Бӯстон ба рушди соҳаи саноат мусоидат намудаанд.

### 5.3. Таъсиси корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва таъсиси ҷойҳои корӣ

Дар соли 2019 ба истифода додани 100 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ бо 1730 ҷойи нави корӣ дар назар дошташуда, дар амал соли 2019 дар миқёси вилоят 102 корхонаву коргоҳи нав бо 1455 ҷойи нави корӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки дар қиёс ба нуҳмоҳаи соли 2019 20 корхонаву коргоҳ ва 216 ҷойи нави корӣ зиёд аст.

Дар ин давра дар вилоят корхонаҳои нави истеҳсолӣ дар шаҳри Панҷакент 14 адад бо 69 ҷойи корӣ, шаҳри Хуҷанд 12 адад бо 215 ҷойи корӣ, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 9 адад бо 71 ҷойи корӣ, дар шаҳри Истаравшан 8 адад бо 91 ҷойи корӣ, дар шаҳри Исфара 7 адад бо 154 ҷойи корӣ, шаҳри Конибодом 4 адад бо 28 ҷойи корӣ, шаҳри Истиқлол 3 адад бо 12 ҷойи корӣ, ноҳияи Зафаробод 3 адад бо 22 ҷойи корӣ, дар ноҳияи Ашт 1 адад бо 12 ҷойи корӣ, таъсис дода шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки шумораи аз ҳама зиёди таъсиси ҷойҳои корӣ дар шаҳрҳои Панҷакент, Хуҷанд, Исфара ва ноҳияи Б.Ғафуров ба назар мерасад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз 620 корхонаи саноатӣ 567 корхона ё 91,5 фоиз фаъолият намуда, 53 корхона ё 8,5 фоиз тамоман кор накарданд.

Сабабҳои фаъолият набурдани корхонаҳои саноатӣ нарасидани ашёи хому маблағҳои гардишӣ, фарсуда гаштани таҷҳизоти технологӣ, маҳдуд шудани бозорҳои анъанавии фурӯши маҳсулот, рақобат карда натавонистани маҳсулоти онҳо дар бозор ва иваз намудани самти фаъолият, ҳамчунин баҳсҳои амволӣ мебошанд, ки дар рушди маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилоят таъсири манфии худро расонида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо вазорату идораҳои марбута ҷиҳати ҳалли камбудиҳои мазкур бояд чораҳои мушаххас андешанд.

Мувофиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2019, №3-15 оид ба сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ ба муносибати 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 3905 иншоот ба истифода дода шудааст, ки 117 адад корхонаҳои саноатӣ сохта ба истифода дода шуда, вобаста ба таҳсиси ҷойҳои нави корӣ аз иншоотҳои сохта ба истифода дода шуда 9429 адад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст, аз ҷумла дар ноҳияи Б.Ғафуров 780 иншоот 1600 ҷои кории нав ташкил карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 322/702, Конибодом 274/292, Истаравшан 267/1915, Ҷ.Расулов 250/414, Айнӣ 247/301, Панҷакент 244/243, Спитамен 232/475, Мастчоҳ 212/357, Ашт 204/485, Зафаробод 191/434, Деваштич 189/973, Гулистон 126/110, Исфара 108/114, Бӯстон 105/664, Истиқлол 55/126, Кӯҳистони Мастчоҳ 53/98 ташкил додааст.

### 5.4. Дараҷаи таъмини корхонаҳои нассоҷӣ бо нахи пахта, пешгирӣ намудани содироти нахи пахта ва ҳиссаи коркарди пилла, пашм, пӯст

Дар вилояти Суғд истеҳсоли нахи пахта 42917,17 тоннаро ташкил намуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2894,07 тонна зиёд аст.

Дар соли 2019 истеҳсоли пашм ба 1516,3 тонна ва пилла 315,6 тонна расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 пашм +1,9 тонна зиёд шуда, истеҳсоли пилла -84,7 тонна коҳиш ёфтааст, ки барои таъмини корхонаҳои нассоҷӣ мушкилӣ дар таъмини ашёи хом эҷод мекунад.

Шумораи корхонаи коркарди нахи пахта дар вилоят 8 адад буда, кор ва фаъолият намуда истодаанд. Бояд тазаккур дод, ки дар давраи ҳисоботӣ таъсисёбии корхонаҳои нав ба назар намерасад.

Бахри зина ба зина коҳиш додани содироти пӯст ва коркарди он дар дохили кишвар корбарӣ тақвият ёфта, фаъолияти корхонаи калони коркарди пӯст дар шаҳри Гулистон танҳо як корхона ҶДММ «Чарми Хуҷанд» фаъолият мебарад, ки бо коркарди пӯсти чорвои шохдори калон ва моли майда машғул аст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ин коргоҳ дар давоми сол 12830,7 ҳазор сомониро ташкил дода нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2011,0 ҳазор сомонӣ зиёд ё 118,6 фоизро ташкил додааст. Дар

ин давра 170 ҳазор дона пӯсти чорворо коркард кардааст, ки ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 15 ҳазору 20 дона зиёд ё 109,7 фоиз зиёд мебошад.

Самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон дар соли 2019, дар самти коркарди пӯст, корхонаҳои нав ва таъсиси ҷойҳои корӣ таъмин карда шудааст.

Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳои вилоят дар соли 2019 оид ба бунёди корхонаҳои коркарди пӯст, пилла, пашм маълумот пешниҳод нагардидааст, ки ҷараёни таҳлили пурраи рушди соҳаи саноатро ғайри имкон гардонид.

### 5.5. Дараҷаи коркарди маҳсулоти шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо

Дар соли 2019 дар вилояти Суғд зиёда аз 65 корхонаҳои саноатӣ барои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти ширӣ, меваю сабзавот, консерва ва нӯшокиҳо самаранок фаъолият намуданд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Б Ғафуров ҶДММ “Ширкати Баҳор” истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан (15 ҳазор литр дар як моҳ), Зафаробод ҶДММ “Ҷаҳида” истеҳсоли панир (15 тонна дар як сол), Спитамен ҶДММ “Зуҳали Ко”, мағзи зардолу (1140 тонна дар як сол), шаҳрҳои Исфара ҶДММ “ Шарқ ТҶ”, истеҳсоли меваи хушк (500 тонна дар як сол), Хуҷанд ҶДММ “Ориён Суғд”, истеҳсоли нӯшокӣ (50 ҳазор сомонӣ дар як моҳ), Конибодом ҶДММ “Қанд-К” истеҳсоли меваи хушк (3000 тонна дар як сол) ва ғайраҳо истеҳсоли маҳсулотро баланд бардоштанд, ки ба пешрафти соҳаҳои рушди иҷтимоӣ иқтисодии вилоят мусоидат намуданд.

Натиҷаҳои назаррас ҳамзамон дар фаъолияти корхонаҳои шаҳри Исфара ҶДММ “Экофрут” (истеҳсоли меваи хушк) 208.39%, ҶДММ “Нурфуд” (истеҳсоли меваи хушк) 157.5%, ҶДММ “Фозилов” (истеҳсоли омехтаи меваи хушк) 185.0%, ҶДММ “Кулканд” (истеҳсоли консерва) 136%, шаҳри Истаравшан ҶДММ “Оби Зулол” (истеҳсоли нӯшокӣ) 368%, ноҳияи Б. Ғафуров ҶДММ “Афзали Суғд” (истеҳсоли шир) 111.9%, ноҳияи Ашт ҶДММ “Аштфрут” (коркарди меваи хушк) 82.4% ба қайд гирифта шудааст, ки истеҳсоли маҳсулотро назар ба ҳамин давраи соли гузашта афзун намудаанд .

Дар ин давра дар корхонаҳои консервабарории вилоят 20,0 млн. қуттии шартӣ консерва истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,0 млн. қуттии шартӣ зиёд мебошад. Инчунин, дар ин давра 5719,3 тонна маҳсулоти шири холис истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 645,7 тонна зиёд ё 12,7 фоиз зиёд мебошад, ки нисбати нуҳмоҳа бетағйир мондааст.

Дар давраи ҳисоботӣ корхонаҳои саноатии шаҳри Исфара ҶСП “Заводи консерваи З.Ҳасанов” (56.9%), ҶДММ “Баракат Исфара”(81.5) ноҳияи Б.Ғафуров ҶДММ “Зода”(консерва 92,3%), ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро назар ба ҳамин давраи соли гузашта кам намудаанд.

**5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси ҲҶТ аз 18.01.2018 с., №1 банди 18);**

Дар соли 2019 дар вилоят 19 корхонаву коргоҳҳо дар самти атласу адрасбофӣ фаъолият намуданд, ки истеҳсоли маҳсулотро ба 112,8 ҳазор $м^2$ расонидаанд. Ин нишондод назар ба ҳамин давраи соли гузашта 20,65 ҳазор $м^2$ зиёд мебошад.

Раванди иҷрои супориши Роҳбари давлат бобати дар ҳар як шаҳру ноҳияҳо таъсис додани корхонаву коргоҳҳои дӯзандагӣ зери назорат қарор дода шудааст.

Дар соли 2019 дар вилоят ташкили 13 адад коргоҳи дӯзандагӣ, аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Бобоҷон Ғафуров ва Мастчоҳ 2 ададӣ, Айнӣ, Ашт, Исфара, Деваштич, Конибодом, Ҷаббор Расулов ва Кӯҳистони Мастчоҳ 1 ададӣ ба нақша гирифта шудааст, вале дар ҳисоботи пешниҳодшуда ҷиҳати таъсиси корхонаҳои зикргардиа маълумот оварда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда фаъолиятро пурзӯр намуда, вобаста ба таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саноатикунонии мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

## 6. Рушди соҳаи энергетика

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида, 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ, 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ, 6.4. Фоизи талафоти барқ арзёбӣ гардиданд.**

### 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида

Дар вилоят дар соли 2019 4263,3 млн. кВт/соат нерӯи барқ ба маблағи 958,6 млн. сомонӣ истифода шуда, 845,5 млн. сомонӣ пардохт шудааст, ки 88,2 фоизро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 598,7 (+31,5) млн. кВт/соат, Хуҷанд 613,9 (+4,7) млн. кВт/соат, Панҷакент 431 (+31,6) млн. кВт/соат, Ашт 372 (+82,1) млн. кВт/соат, Истаравшан 292,7 (+10,9) млн. кВт/соат, Исфара 285,8 (+4,3) млн. кВт/соат, Мастчоҳ 313 (+27) млн. кВт/соат, Конибодом 199,8 (+10) млн. кВт/соат, Ҷаббор Расулов 170 (+4,9) млн. кВт/соат, Спитамен 147 (+6,4) млн. кВт/соат, Бӯстон 166,8 (+13,1) млн. кВт/соат, Айнӣ 115,6 (+7,9) млн. кВт/соат, Шаҳристон 42,4 (+0,9) млн. кВт/соатро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Зафаробод 399,9 (-64,5) млн. кВт/соат, шаҳри Гулистон 319,5 (-50) млн. кВт/соат, ноҳияи Деваштич 112,9 (-2,8) млн. кВт/соат, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 46,4 (-1,4) млн. кВт/соат ва шаҳри Истиқлол 18,8 (-0,15) млн. кВт/соат ҳаҷми истифодаи қувваи барқ кам гардидааст.

Таҳлили нишондиҳандаи ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида муайян менамояд, ки асосан аз ҷониби аҳолӣ 1579,0 млн. кВт/соат ва соҳаи саноат 700,7 млн. кВт/соат истифодаи қувваи барқ зиёд гардида, барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзғори аҳолӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо замина гузоштааст.

### 6.2 Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ

Дар соли 2019 дар миқёси вилоят 234,7 ҳазор адад ҳисобкунакҳои электронӣ насб гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 138,4 ҳазор адад зиёд мебошад.

Ҷиҳати дақиқ ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара +12578 адад нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд (24218 адад дар маҷмуъ), Ашт +5644 адад (17002 адад), Конибодом +4095 адад (23361 адад), Панҷакент +1468 адад (36148 адад), Хуҷанд +1330 адад (61889 адад), Деваштич +1786 адад (14097 адад), Мастчоҳ +930 адад (6350 адад), Зафаробод +820 адад (5570 адад), Гулистон +1626 адад (2709 адад), Айнӣ +850 адад (13288 адад), Бустон +438 адад (3234 адад), Истаравшан +620 адад (1850 адад), Бобоҷон Ғафуров +415 адад (16487 адад), Истиқлол +89 адад (2393 адад), Шаҳристон +69 адад (1689 адад) ва Кӯҳистони Мастчоҳ +8 адад (364 адад) шудааст, ки заминаи таъмини нишондоди рушди соҳаи энергетикаро фароҳам меорад.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Спитамен, Ҷ.Расулов вобаста ба шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ маълумот омода карда нашудааст, ки муайян намудани нишондиҳандаҳо ғайриимкон мебошад.

### 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ

Дар соли 2019 дар вилоят қарзи умумии истифодаи қувваи барқ ба 432,8 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба 3 моҳаи аввали соли 2019 -2,6 млн. сомонӣ кам мебошад.

Аз руи таҳлилҳо муайян карда шуд, ки қарзи истифодаи барқ аз ҳисоби аҳолӣ дар вилоят 80,0 млн. сомониро ташкил намуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта -60,9 млн. сомонӣ кам карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки аз ҳисоби дақиқ ҳисоб намудани қарзи истифодаи барқ аз рӯи пешниҳоди маълумотҳои шаҳру ноҳияҳо дар соли 2019 қарзи умумии истифодаи барқ дар вилояти Суғд 433,05 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба 3 моҳаи аввали соли 2019 +2,85 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғдро зарур аст, ҷиҳати дақиқ ҳисоб намудани қарзи истифодаи барқ аҳамияти хосса зоҳир намоянд.

Аз ҳисоби зиёдшавии қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ +18,7 млн. сомонӣ (47,5 млн. сомонӣ), Зафаробод +15,2 млн. сомонӣ (55,4 млн. сомонӣ), Ашт +13,8 млн. сомонӣ (35,2 млн. сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров +11,8 млн. сомонӣ (45,7 млн. сомонӣ), Панҷакент +3,5 млн. сомонӣ (28,5 млн. сомонӣ), Айнӣ +0,11 млн. сомонӣ (16,3 млн. сомонӣ)-ро ташкил дода, имконияти молиявии таъмини нишондоди рушди энергетика маҳдуд гардонида шудааст.

Камшавии қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд -19,0 млн. сомонӣ (28,6 млн. сомонӣ), Гулистон -14,3 млн. сомонӣ (30,8 млн. сомонӣ), Спитамен -13,1 млн. сомонӣ (12,8 млн. сомонӣ), Исфара -12,6 млн. сомонӣ (32,9 млн. сомонӣ), Истаравшан -11,1 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарз 43,2 млн. сомонӣ), Бӯстон -6,1 млн. сомонӣ (4,7 млн. сомонӣ), Ҷ.Расулов -1,9 млн. сомонӣ (17,2 млн. сомонӣ), Конибодом -1,0 млн. сомонӣ (22,9 млн. сомонӣ), Деваштич -0,76 млн. сомонӣ (6,3 млн. сомонӣ), Шаҳристон -0,4 млн. сомонӣ (3,8 млн. сомонӣ), Истиқлол -0,22 млн. сомонӣ (0,95 млн. сомонӣ), Кӯҳистони Мастчоҳ -0,12 млн. сомонӣ (0,3 млн. сомонӣ) ташкил намудааст, ки барои рушди соҳаи энергетика имконият фароҳам овардааст.

Бояд қайд намуд, ки нисбат ба 6 моҳаи аввали соли 2019 қарзи истифодаи барқ дар миқёси вилоят -19,5 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Вале мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ +13,5 млн. сомонӣ, Зафаробод +8,7 млн. сомонӣ, Ашт +8,7 млн. сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров +7,3 млн. сомонӣ ва Гулистон +1,1 млн. сомонӣ нисбат ба 6 моҳаи соли 2019 қарзи қувваи барқ зиёд карда шудааст, ки аз фаъолияти сусти мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳои болозикр дарак дода тақвияти корҳоро дар ин самт бо ШСХК "Барқи Тоҷик" тақозо менамояд.

Ҳамзамон нишондиҳандаи камшавии қарзи қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд -18,3 млн. сомонӣ, Истаравшан -15,3 млн. сомонӣ, Исфара -14,6 млн. сомонӣ, Бустон -6,5 млн. сомонӣ, Конибодом -4,3 млн. сомонӣ, Ҷ.Расулов -4,2 млн. сомонӣ, Спитамен -1,5 млн. сомонӣ, Деваштич -1,4 млн. сомонӣ, Айнӣ -1,3 млн. сомонӣ, Панҷакент -0,4 млн. сомонӣ, Шаҳристон -1,0 млн. сомонӣ, Истиқлол -0,35 млн. сомонӣ ва К.Мастчоҳ -0,14 млн. сомонӣ ба назар мерасад, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр ва ШСХК "Барқи Тоҷик"-ро нишон медиҳад.

Мувофиқ ба маълумоти пешниҳоднамудаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб аз 6 январи соли 2020, №8/27-30 чунин маълумот манзур менамояд.

Аз таҳлили вазъи фурӯш ва ҷамъоварии маблағи истифодаи нерӯи барқ бармеояд, ки қарздорӣ дар вилоят 112,8 млн. сомонӣ, аз аҳолӣ +7,7 млн. сомонӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд шуда, ба ҳолати имрӯза ба 424,3 млн. сомонӣ, аз аҳолӣ ба 77,0 млн. сомонӣ расидааст.

## 6.4. Фоизи талафоти барқ

Дар вилоят дар соли 2019 талафоти барқ 15,2%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (-0,4,%) кам гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ +2,2% ( 16,9%), Панҷакент +2,1% (16,3%), Шаҳристон +1% (17%), Бобоҷон Ғафуров +1,0% (15,2%) ва Куҳистони Мастчоҳ +0,5% (19,9%) нисбати ҳамин давраи соли гузашта фоизи талафоти барқ зиёд гардида, дар ноҳияи Спитамен +-0% (16,5%) дар сатҳи соли гузашта боқӣ мондааст, ки чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа барои кам кардани талафоти барқ нокифоя мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ -1% (15,0%), Истиқлол -2,3% (16,4%), Ашт -1,1%, (15,2%), Гулистон -0,8% (15,2%), Деваштич -1% (15,0%), Бустон -1,0% (12,5%), Исфара -1,2%, (13,9%), Истаравшан -7% (23,0%), Ҷаббор Расулов -0,1% (16,1%) ва Хуҷанд -0,08% (9,5%) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда шуда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа ба назар мерасад.

Нишондиҳандаи баланди талафоти барқ дар вилоят 15,2% ва дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 23,0%, Куҳистони Мастчоҳ 19,9%, Шаҳристон 17%, Айнӣ 16,9%, Истиқлол 16,4%, Ҷаббор Расулов 16,1% Спитамен 16,5% Панҷакент 16,3% Ашт 15,2%, Гулистон 15,2%, Бобоҷон Ғафуров 15,2% Деваштич 15,0% ва Мастчоҳ 15,0% ба назар мерасад, ки барои расидан ба нишондиҳандаи Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 мушкилӣ эҷод менамояд.

Аз ин лиҳоз баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои зикргардидаро талаб менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои об ва ШСХК “Барқи Тоҷик” ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Мувофиқ ба маълумоти Ширкати саҳомии холдингии кушодаи “Барқи тоҷик” мактуб аз 14 октябри соли 2019, №22/6579-2792 вобаста ба соҳаи энергетика дар 9 моҳи соли 2019 дар вилояти Суғд ҳаҷми барқи

қабулгардида 3,88 млрд.кВт.соатро ташкил дода нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 88 млн.кВт.соат зиёд гардидааст.

Маблағи қарзи умумӣ 476 млн. 337,5 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аҳолӣ 148 млн. 072 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки дар 9 моҳи соли 2019 59,9 млн. сомонӣ зиёд гардида, аз ҳисоби аҳолӣ бошад, 9,5 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Шумораи ҳисобкунакҳои электронӣ дар миқёси вилоят 195810 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018  38084 адад зиёд мебошад.

Талафоти барқ дар вилоят 14,5%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, 0,2% кам мебошад.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ
## (банди 3, 10 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1(7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. (7.4, 7.5, 7.7, 7,9) Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ, 7.4 (7.6.) Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ, 7.5 (7.11.) Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 7.1(7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ

Дар соли 2019 вилоят ҷиҳати таъмини рушди соҳа тадбирҳои судманд андешида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 8091,7 млн. сомонӣ расониданд, ки ба 108,1 фоизи нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2018 баробар мебошад.

Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, аз қабили гӯшт 58649 тонна, шир 269225 тонна, тухм 429919 ҳаз дона, асал 1417 тонна, 1516 тонна пашм, моҳӣ 370 тонна ва пилла 315,6 тоннаро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 истеҳсоли гӯшт 2142 тонна, шир 4324 тонна, тухм 207212 дона, асал 34 тонна, моҳӣ 44 тонна ва пашм 2 тонна зиёд шуда, истеҳсоли пилла 85 тонна коҳиш ёфтааст.

Аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баландсуръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Б.Ғафуров 115,4%, Деваштич 118,1%, Мастчоҳ 112,9%, дар шаҳри Хуҷанд 107,4%, дар ноҳияи Спитамен 103,2 %, дар шаҳри Конибодом 107,8%, шаҳри Исфара 101,3%, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 109,4% дар шаҳри Истаравшан 106%, дар ноҳияи Зафаробод 109,3%, дар ноҳияи Ашт 104,2%, дар ноҳияи Ҷ.Расулов 107,4%, дар ноҳияи Шаҳристон 100,8% дар ноҳияи Айнӣ 101,7%, дар шаҳри Панҷакент 108,8% ва ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас мебошад.

Таъмини меъёри физиологии истеъмоли озуқа дар давраи ҳисоботӣ ба 1 нафар аҳолӣ дар вилоят, маҳсулоти карошка 133,8% (123,1 кг), маҳсулоти орд 26,2% (38,8 кг), сабзавот, меваю ангур 2,1% (54,1кг), гӯшт 1,0% (21,8 кг), тухм 41,9% (159,8 дона), моҳӣ 0,2 % (0,14 кг), асал 0,1 % (0,53 кг), равған 1,9% (4,8 кг) зиёд буда, полезиҳо -3,9 % (119,2 кг), шир -0,2% (83,3литр) кам гаштаст.

Нисбати соли 2018 таъмини меъёри истеъмсоли озуқа ба 1 нафар аҳолӣ маҳсулоти орд 5,2 кг, ангур 2,6 кг, картошка 7,3 кг, гӯшт 0,4 кг, тухм 75,5 дона, равған 0,3 кг, моҳӣ 0,14 кг зиёд гардида, сабзавот -6,5 кг, шир -0,2 литр кам гардидааст, ки барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли онҳо чораҳои иловагӣ бояд андешид.

### 7.2. (7.2,7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин

**7.2. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав (банди 3, 29 паём, ҚҲҶТ "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" аз 30.01.2019 с., №39, банди 24);**

Мувофиқи тавозуни замин ба 1 январи соли 2019 дар вилоят 6089 гектар замини боир, аз ҷумла 3682 гектар боири обӣ мавҷуд буда, дар давраи ҳисоботӣ 1511 гектар замини боир ва 332 гектар замини ғайрикишоварзӣ аз худ карда шуданд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Мастчоҳ 820 гектар, Ашт 340, Бобоҷон Ғафуров 185, Спитамен 126, Зафаробод 40 гектар замини боир ва дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 134 гектар, Ашт 124, Мастчоҳ 31, Исфара 19, Айнӣ 12, Спитамен 7, Истаравшан 2, Ҷаббор Расулов ва Шахристон 1 гектарӣ замини ғайрикишоварзӣ ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ барои ба мавсими киштукор омода намудани пойгоҳҳои обкашӣ 5,4 млн. сомонӣ, аз ҷумла ба шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 400,0 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 400,0 ҳазор сомонӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ 700,0 ҳазор сомонӣ, Панҷакент 700,0 ҳазор сомонӣ, Ашт 900,0 ҳазор сомонӣ, Зафаробод 1,3 млн. сомонӣ ва Мастчоҳ 1,0 млн. сомонӣ маблағ равона карда шудааст.

Мувофиқ ба нақша дар соли 2019 беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 5496 гектар замин ба маблағи 5093,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, барои ин мақсад 3340,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардида, ҳолати мелиоративии 4464,0 гектар замин беҳтар карда шудааст, ки баробари 81,2 фоизи нақшаи солона мебошад.

**7.3. Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо хусусан пахта ва рушди соҳаи тухмипарварӣ (банди 29 паём, ҚҲҶТ "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" аз 30.01.2019 с., №39, банди 6);**

Бахри таъмини дастрасии хоҷагиҳои деҳқонии вилоят ба захираҳои моддию техникӣ 81 мағозаи фурӯши тухмиҳо, 106 мағозаи қисмҳои

эҳтиётӣ, 74 мағозаи фурӯши нуриҳои минералӣ ва 46 нуқтаи фурӯши ниҳолҳо амал мекунанд. Ҳамзамон, дар вилоят 106 нуқтаи маслиҳатдиҳӣ, 918 маркази хизматрасонӣ, аз ҷумла 535 маркази хизматрасонии техникӣ фаъолият доранд.

Ҷиҳати таъмини хоҷагиҳои ноҳия бо тухмиҳои хушсифат нуқтаи такягоҳи «Қӯшқӯрғон» фаъолият дорад.

Рафти иҷрои барномаҳои соҳавии давлатӣ дар ноҳияи Айнӣ оид ба тухмипарварӣ, хушзоткунӣ, васеъ намудани майдони кишти картошка таҳти назорати доимӣ қарор дошта, тухмии нави картошка ворид шуда, майдони кишти он дар ҳама самтҳо ба 781 гектар расонида шудааст.

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ соли 2019 дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд аз тарафи ташкилоти “Сароб” ба ноҳия 10 тонна ва аз тарафи соҳибкор Олимов Мирзо 70 тонна тухмии навъи “Бикроза”ва “Ред скарлет” ворид гардидааст, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии картошка заминаи мусоидро фароҳам овардааст.

Барои ҳосили соли 2020 дар масоҳати 274796 гектар кишт гузаронида шуда, дурнамои кишти аксари зироатҳо таъмин гардидааст.

Ҳамагӣ дар майдони 120209,0 гектар ғалладонагиҳо (бе ҷуворимаккаи дон) кишт гардидааст, ки аз он 46482,9 гектарро кишти гандум ташкил медиҳад.

Дар майдони 58455 гектар пунбадона кишт карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта +1261 гектар зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят дар масоҳати 22454 гектар кишти картошка гузаронида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта +1456 гектар зиёд мебошад.

Кишти асосии сабзавот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят дар масоҳати 15886 гектар гузаронида, нисбат ҳамин давраи соли сипаршуда 1954 гектар ё 5,8 фоиз кам карда шудааст. Аз ин масоҳат майдони кишти пиёз 4767 гектарро дар бар мегирад, ки аз майдони кишти ҳамин давраи соли қаблӣ 1096 гектар ё 1,7 фоиз кам мебошад. Полизиҳо дар майдони 5660 гектар кишт карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, 730 гектар зиёд мебошад.

Гузаронидани кишти такрорӣ дар майдони 16000 гектар ба нақша гирифта шуда, амалан то санаи 1 октябри соли ҷорӣ дар майдони 16044 гектар кишти ғаллагӣ ва лӯбиёгиҳо, картошка, сабзавот, полизиҳо, зироатҳои техникӣ ва хӯроки чорво гузаронида шудааст, ки баробари 100,3 фоизи нақшаи дурнамо мебошад, ки ин нишондодҳо нисбати нуҳмоҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо ҳамагӣ 331689,9 тонна, аз ҷумла гандум 125817 тоннаро ташкил додааст, ки нисбати нишондиҳандаи соли 2018 59,2 фоиз зиёд мебошад. Новобаста аз он, ки дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ майдони кишти ҷуворимакка барои дон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 378 гектар зиёд шуда, ҳамагӣ 6849 гектарро ташкил намудааст, дар

ин давра ҳамагӣ ба миқдори 43355 тонна ҷуворимакка барои дон истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 2214 тонна зиёд мебошад.

Дар соҳаи растанипарварӣ дар соли 2019 ҳамагӣ 494915 тонна сабзавот, аз ҷумла 128467 тонна пиёз, 450322 тонна картошка, 127478 тонна полизӣ, 150940 тонна мевагӣ ва 61748 тонна ангур мутаносбан афзоиш ёфтааст.

Баҳри баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо хусусан пахта ва рушди соҳаи тухмипарварӣ, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар корхонаҳои коркарди пахтаи ноҳия бобати ворид ва захира намудани миқдори зарурии чигити тухмии аълосифат соли 2019 беш аз 780 тонна чигити тухмӣ захира карда шудааст. Ба ҶСШК ба номи А.Ҷумъаев баҳри гузаронидани кишти зери плёнка 20 тонна чигити тухмии лучкардашудаи хориҷӣ ва дар ҶДММ "Зафариён" 20 тонна чигити навъи "Элита" дасраст карда шудааст. Ғайр аз ин корхонаи коркарди пахтаи ҶДММ «Юсуф саркор», ҶДММ "Зафариён" ва ҶДММ "Сидней Хуҷанд" барои ворид намудани чигити тухмии аълосифат аз хориҷи мамлакат ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ корҳои назаррасро ба итмом расонидаанд.

Бо мақсади ҳалли ин масъалаҳо ташкили марказҳои хизматрасонии техникӣ дар шаҳру ноҳияҳо таҳти назорати қатъӣ қарор дода шуда, ҷиҳати воридоти техникаю таҷҳизот тавассути КВД «Тоҷикагролизинг» ва дигар ширкатҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд.

**7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда (банди 29 паём)**

Дар ҳудуди вилоят соли 2019 дар масоҳати 35 га замин гармхонаҳо ташкил карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1 га зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров +1,74 га (15 04га), Бустон +4 га, Ҷ.Расулов +2,43 га (0,55 га ), Мастчоҳ +2,1 га (10,8 га), Зафаробод +0,13 (0,23 га), Ашт +0,44 га ташкил додааст, ки барои таъмини аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза ва барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Исфара +-0 (4,3 га), Истаравшан -+0 (1,67 га), Деваштич +-0 (0,67 га), Панҷакент +-0 (1,55 га), Спитамен +-0 (1 га) масоҳати гармхонаҳо дар сатҳи ҳамин давраи соли гузашта боқӣ мондааст, ки барои васеъ намудани масоҳати он бояд чораҳои иловагӣ андешида шавад.

Мавриди қайд аст, ки дар ҳисоботи шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Айнӣ, Истиқлол, Гулистон, Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ дар соли 2019 маълумот вобаста ба зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо омода карда нашудааст.

**7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ (банди 29 паём);**

Дар соли 2019 дар миқёси вилоят ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ 38379 тонна пахта, мева 18828 ва сабзавот 53672 тонна содирот карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта пахта +4421 тонна афзуда, мева -6964 тонна, сабзавот -23970 тонна кам гардида, андешидани тадбирҳои зарурӣ ба миён омадааст.

**7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ (банди 3, 29 паём);**

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 34 сардхона бо иқтидори умумии 7980 тонна фаъолият дорад. Барои мавсими тирамоҳу зимистони соли 2019 дар ин сардхонаҳо захира намудани 6770 тонна маҳсулот пешбинӣ гардида, то ин давра ҳамагӣ 2013 тонна маҳсулоти кишоварзӣ захира гардидааст, ки баробари 29,7 фоизи нишондиҳандаи дурнамо мебошад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров (12 адад сардхона бо ғунҷоиши 3490 тонна), Панҷакент (4 адад), Истаравшан (3 адад сардхона дар Ҷамоати деҳоти Зарҳалол, Қалъаи Баланд), Истиқлол 1 адад, ноҳияи Мастчоҳ 1 адад, Ашт 1 адад, ва Шаҳристон (2 адад сардхона КТ "Шаҳристон" бо ғунҷоиши 200 тонна), мавҷуд мебошанд.

Шумораи сардхонаҳо нисбат ба нуҳ моҳаи соли 2019 дар шаҳри Истаравшан, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ ва Зафаробод бетағйир боқӣ мондааст, ки фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷалби соҳибкорон барои бунёди сардхонаҳо пурзур карда шавад.

**7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо**

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №793 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» бунёд намудани 5402 гектар боғу токзори нав, аз ҷумла 4742 гектар боғи зардолу ба нақша гирифта шудааст.

Мувофиқи дурнамо соли 2019 дар масоҳати 252 гектар бунёди боғу токзори нав пешбинӣ гардида, то ин давра дар 886,0 гектар боғу токзори нав бунёд шудааст, ки аз нақшаи дурнамо 3,5 баробар зиёд мебошад.

Майдони боғҳои маҳсулоти содиротӣ аз қабили зардолу, себ, шафтолу, гелос, хурмо ва сиёҳолу сол аз сол афзуда, имконият пайдо намудааст, ки истеҳсоли ин намудҳои маҳсулот зиёд шуда, содироти меваҳои тару тоза ва хушкмева тадриҷан зиёд карда шавад. Давоми соли ҷорӣ дар ҳаҷми 32742,4 тонна себ ва 98966,0 тонна зардолу истеҳсол карда шуда, барои таъмини бозори истеъмолӣ ва тақвияти иқтидори содиротӣ заминаи мусоид фароҳам омадааст.

**7.8. Ҳолати ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи хизматрасонии оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он.**

Қарзи истифодабарандагони оби полезӣ дар вилоят 51781,2 ҳазор сомонӣ буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта+7638,2 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст.

Ин нишондиҳанда мувофиқи шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 18664,7 млн. сомонӣ (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +2540,6 сомонӣ зиёд), Бобоҷон Ғафуров 5 млн.676 ҳазор. сомонӣ (+926,6 ҳаз. сомонӣ), Ҷ.Расулов - 102,10 сомонӣ (832539 млн. сомонӣ), Спитамен 4148 сомонӣ (+2232 сомонӣ), Мастчоҳ 16789 сомонӣ (+1737 сомонӣ), Исфара 874 ҳазор сомонӣ (+93,7 ҳаз. сомонӣ) ташкил дода, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо чораҳои иловагӣ андешида шавад.

**7.10. Ба роҳ мондани фаъолияти Ассотсиатсияи истифодабарандагони об, механизми ба онҳо вобаста кардани шабакаҳои обёрии дохилӣ – хоҷагӣ ва таъсис додани заминаҳои моддию техникии онҳо**

Дар самти ислоҳоти соҳаи обрасонӣ тадбирҳо андешида шуда, дар вилоят 220 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об фаъолият мебаранд, ки дар танзими системаи обрасонӣ ва таъминоти бонизоми заминҳои кишоварзӣ бо об нақши муҳим доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ барои ба мавсими киштукор омода намудани пойгоҳҳои обкашӣ 5,4 млн. сомонӣ, аз ҷумла ба шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 400,0 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 400,0 ҳазор сомонӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ 700,0 ҳазор сомонӣ, Панҷакент 700,0 ҳазор сомонӣ, Ашт 900,0 ҳазор сомонӣ, Зафаробод 1,3 млн. сомонӣ ва Мастчоҳ 1,0 млн. сомонӣ маблағ равона карда шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурсамар намуани фаъолияти ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об тадбирҳои иловагӣ андешида, барои истифодаи оқилонаи обу замин, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, кам намудани қарздории истифодаи оби полезӣ ва амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат намоянд.

Мувофиқ ба маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб аз 29 ноябри соли 2019, №2/7-2899 вобаста ба ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Суғд давоми соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 309375 тонна, пахта 108439 тонна, картошка 401138 тонна, сабзавот 434200 тонна, полезӣ 116323 тонна, мевагиҳо 140646 тонна, ангур 593394 тонна, гӯшт 33351 тонна, шир 206061 тонна, тухм 341млн дона, пашм 1513 тонна, пилла 293 тонна, асал 1369 тонна ва истеҳсоли моҳӣ ба 197,5 тонна баробар гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба истисноი

истеҳсоли сабзавот ва пилла дар вилоят истеҳсол аз 0,1% то 2 маротиба зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 6634,3 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 9,9 фоиз зиёд шуда, ба соҳаи растанипарварӣ 8,5 фоиз ва чорводорӣ 14,6 фоиз рост меояд.

Ҳамзамон, мактуби Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2019, №3/5-473(9.35) вобаста ба роҳ мондани корбарӣ, ислоҳи камбудиҳо ва ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баррасӣ намуда, чунин маълумот манзур менамояд.

Давоми соли 2019 дар вилоят заминҳои кораме, ки аз гардиши кишоварзӣ берун монданд, дар майдони умумии 2996 га замин, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта -952 га замин кам карда шудааст.

Доир ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳо ва бунёди боғу токзорҳо дар соли 2019 ба 1604 га замин расонида шудааст.

Мактуби Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2019, №4-1587 вобаста ба беҳдошти замин ва обёрӣ аз ҳисоби маблағҳои муттамаркази сохтмони асосии Агентӣ 1,2 млн сомонӣ барои азхудкунии 80 гектар заминҳои нави обёришаванда дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ танҳо ба нақша гирифтаанд.

Вале, вобаста ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва рафъи он дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ маълумот пешниҳод карда нашудааст.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ
## (банди 65-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. (8.5) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёби гардиданд.**

### 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ,

### 8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дарназардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 дар самти сохтмони иншооти соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва истеҳсолӣ тадбирҳо андешида, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ба маблағи 733,3 млн. сомонӣ фондҳои асосӣ ба истифода дода, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ин давра дар ҳаҷми 1707,7 млн. сомонӣ иҷро гардидааст, ки мутаносибан баробари 101,5 ва 116,0 фоизи нишондиҳандаи соли 2018 мебошад. Дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 506,0 ҳазор метри

мураббаъ манзил ба истифода дода шуда, суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта дар сатҳи 100,7 фоиз таъмин карда шудааст. Аз ҷумла, 1502 ҷой барои талабагон дар мактабҳо ва 760 ҷой барои кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ муҳайё карда шудаанд.

Аз ҷумла, сохтмони бинои шуъбаи табобатӣ дар беморхонаи №3 ва Қасри фарҳанг дар Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, китобхонаи марказӣ, майдони Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази ноҳия ва азнавбарқароркунии Кохи фарҳанг дар Ҷамоати деҳоти Куруши ноҳияи Спитамен, азнавбарқароркунии бинои Муассисаи давлатии Қасри ҷавонон ба номи Лоиқ Шералӣ дар шаҳри Хуҷанд, сохтмони Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази шаҳри Гулистон, сохтмони Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, биноҳои маъмурӣ, беморхона дар маркази ноҳия, инчунин, сохтмони беморхона барои 40 кат дар деҳаи Дашти Рогифи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, сохтмони таваллудхона, бунгоҳи тиббӣ, боғчаи бачагона, Парчами давлатӣ дар ноҳияи Деваштич, азнавсозии боғи фарҳангию фароғатӣ ва Қасри фарҳанг дар ноҳияи Зафаробод бо маблағгузории буҷети вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба итмом расонида, бо иштироки меҳмони олиқадр мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Саҳми соҳибкорони вилоят низ дар раванди корҳои ободониву созандагӣ хеле назаррас мебошад. Ба муносибати ҷашни Наврӯз, дар радифи иншоотҳои давлатӣ бо маблағгузории соҳибкорони ватанӣ як зумра иншооти ҳозиразамон сохта, ба истифода дода шудаанд. Аз ҷумла, дар соҳили дарёи Сир дар шафати Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Камоли Хуҷандӣ Маҷмааи хизматрасонӣ ва тарабхонаи “Темурмалик” бо тарҳи замонавӣ қомат афрохта, аз болои дарё танобroҳа бунёд шуд, ки ду маркази таърихию фарҳангӣ, яъне Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Камоли Хуҷандӣ ва Муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомониро ба ҳам мепайвандад.

### 8.1. (8.2.) Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ.

Дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 506,0 ҳазор метри мураббаъ манзил ба истифода дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар сатҳи 100,7 фоиз таъмин карда шудааст.

Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, аз ҷумла хонаҳои истиқоматӣ шаҳрҳои Бӯстон 100,9 % (6564 $м^2$), Конибодом 140,1% (13554$м^2$), Истаравшан 117.8 %(67912 $м^2$), Истиқлол 100,6 % (3890. $м^2$), Панҷакент 106,7% (27254 $м^2$), ноҳияҳои Мастчоҳ 103,6% (14,2. $м^2$), Ашт 122,5% (37829 $м^2$), Шаҳристон 100,0% (29500 $м^2$), Бобоҷон Ғафуров 108,4 % (25191. $м^2$), Деваштич 101,1 % (27859. $м^2$), Зафаробод 100,7% (16168,0 $м^2$), Айнӣ 100,6% (12461$м^2$) ва ноҳияи Спитамен 101,4 % (15610 $м^2$) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, барои таъмини аҳолӣ бо манзили зист шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ -87,4% (11708 $м^2$) нисбати нишондоди соли гузашта кам ташкил додааст, ки дар таъмини мусбии нишондиҳанда ва беҳтар намудани таъмини аҳолӣ бо манзили зист чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Дар ҳисоботи ноҳияи Деваштич вобаста ба масъалаи мазкур маълумоти мушаххас пешниҳод нагардидааст, ки нишондиҳандаҳои ин ноҳия муайян карда нашуд.

### 8.1. (8.3.) Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ

Ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят бунёди зиёда аз 300 корхонаву коргоҳи саноатӣ бо 9000 ҷойи нави корӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар соли 2019 ба истифода додани 100 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ бо 1730 ҷойи нави корӣ дар назар дошта шуда, дар амал соли 2019 дар миқёси вилоят 102 корхонаву коргоҳи нав бо 1455 ҷойи нави корӣ ба фаъолият шурӯъ намудаанд.

### 8.1. (8.4.) Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъ гардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ.

Ҷиҳати гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ муроҷиатҳо дар соли 2019 дар вилоят +42 адад (дар давраи ҳисоботӣ 567 адад, ҳамин давраи соли гузашта 525 адад)-ро ташкил менамояд, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияи Спитамен +495 адад (1362 адад/867 адад), шаҳрҳои Истиқлол +89 адад (246 адад/157 адад), Конибодом +88 адад (613 адад/701 адад), Гулистон +45 адад (304 адад/259 адад), Бӯстон +6 (141 адад/135 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист, чораҳои иловагӣ андешидан ба миён омадааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Деваштич -62 адад (224 адад/286 адад), дар шаҳри Хуҷанд -174 адад (4695 адад/5175 адад), дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров -127 адад (602адад/729 адад), дар шаҳри Истаравшан -179 адад (312 адад/509 адад), дар шаҳри Исфара -894 адад (547адад/1441 адад), дар ноҳияи Мастчоҳ -134адад (362 адад/496 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ -20 адад (268адад/288 адад), дар шаҳри Панҷакент -85 адад (216 адад/131адад), ноҳияи Ашт -20 адад (130 адад/150 адад), дар ноҳияи Айнӣ -39 адад (408 адад/447 адад), дар ноҳияи Ҷаббор Расулов –11адад (1161 адад/1172 адад), кам гардида, аз беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Аз маълумоти дарҷшуда бармеояд, ки эҳтиёҷоти шаҳрвандон барои гирифтани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ зиёд буда, барои давра ба давра масъалаи мазкурро ҳал намудан тадбирҳои иловагӣ ба нақша гирифта шавад.

**8.2. (8.5.) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19);**

Дар соли 2019 дар вилоят шумораи оилаҳои ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд 23698 оиларо ташкил дода, 730723,1 сомонӣ маблағҳои хайриявӣ ба сохтмон ва таъмири манзилҳои оилаҳои ниёзманд харҷ шудааст, ки аз ҷумла дар шаҳри Конибодом 314 ҳаз. сомонӣ (63 оила), дар ноҳияи Мастчоҳ 128200 сомонӣ (306 оила), дар ноҳияи Спитамен 155 ҳаз. сомонӣ (2289 оила) дар ноҳияи Б.Ғафуров 20450 ҳаз.сомонӣ (74 оила), дар шаҳри Хуҷанд 99 ҳазор сомонӣ (226 оила), дар шаҳри Истаравшан 4950 сомонӣ (62 оила), Исфара 79932 ҳаз. сомонӣ (15707 оила), Кӯҳистони Мастчоҳ 6900 ҳаз. сомонӣ (2 оила), ташкил дода, ҳолати иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

Дар шаҳри Панҷакент шумораи оилаҳои ниёзманд 15 оила муайян гардида, маблағгузорӣ онҳо оғоз нагардидааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ин банд дар ноҳияи Айнӣ 24891,1 ҳаз. сомонӣ (2 оила), дар ноҳияи Ашт 5 ҳаз. 400 сомонӣ 8 оила, шаҳрҳои Хуҷанд ва Истаравшан нишондиҳандаҳои дигар шаҳру ноҳияҳо ба маълумоти нимсолаи аввали соли 2019 тафовут надорад.

Аз шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Деваштич ва Шаҳристон шумораи оилаҳои ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд ва маблағҳои дар ин самт харҷгардида муайян карда нашуда, иҷрои супориши нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 бенатиҷа мондааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Мактуби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 13 декабри соли 2019, №3/3023 ирсол гардида, вобаста ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта маълумоти мушаххас пешниҳод карда нашудааст.

## 9.Рушди инфрасохтор ва наклиёт
## (бандҳои 26 ва 14-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2. (9.2, 9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ-хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

**9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо**

**9.1 Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо**

Дар соли 2019 таъмиру тармими 2166,8 км роҳ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 169,4 км таъмири асосӣ, 923,9 км таъмири ҷорӣ ва 1073,5 км шағалпӯш мебошад.

Барои ин мақсад аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 96,9 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети вилоят 57,4 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ба ҳолати 6 декабри соли ҷорӣ нақшаи таъмиру тармими роҳҳо 114,9 фоиз иҷро гардида, 2490 км роҳ аз таъмир бароварда шуд, ки аз он 196,5 км таъмири асосӣ, 1006,0 км таъмири ҷорӣ ва 1287,5 км шағалпӯш мебошад.

Барои корҳои иҷрошуда ҳамагӣ 110,4 млн. сомонӣ маблағ сарф шудааст. Аз ҳисоби буҷети вилоят 42,3 млн. сомонӣ маблағ ҷудо гардида, 50,4 км роҳ, аз ҷумла 46,3 км аз таъмири асосӣ ва 4,1 км аз таъмири ҷорӣ бароварда шуданд.

Барои таъмири роҳҳои вилоят аз ҳисоби дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19,7 млн. сомонӣ маблағ ҷудо карда шудааст. Аз ҳисоби Вазорати нақлиёт 3,7 млн. сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 8,0 млн. сомонӣ, ташкилоту идораҳо 4,3 млн. сомонӣ, соҳибкорон 19,3 млн. сомонӣ ва аҳолӣ 13,0 млн. сомонӣ барои таъмири роҳҳо маблағгузорӣ шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич 279,9 км, Б.Ғафуров 146,0 км, Ашт 286,2 км, Конибодом 113,2 км, Айнӣ 67,3 км, Исфара 89,7 км, Ҷ.Расулов 98,1 км, Спитамен 19,4 км, Истаравшан 42,8 км, Шаҳристон 186,6 км, Зафаробод 90,4 км, Кӯҳистони Мастчоҳ 240,2 км, Хуҷанд 16,8 км, Бӯстон 10,39 км, ва Истиқлол 6,0 км, ташкил медиҳад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Панҷакент, Мастчоҳ ва Шаҳристон вобаста ба масъалаи мазкур маълумот омода ва пешниҳод накардаанд.

**9.2. (9.2.) Чораҷӯии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати кашонидани борҳо тариқи нақлиёти роҳи оҳан аз рӯи хатсайри муайян ва нуқтаи таъминоти борҳо ва баланд бардоштани хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан (банди 14 паём)**

Дар натиҷаи иҷрои саривақти вазифаҳо ва истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда муяссар гардидааст, ки рушди бонизоми соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия таъмин карда шавад.

Дар соли 2019 тавассути маҷмӯи нақлиёт 28,0 млн. тонна борҳои гуногуни хоҷагии халқ ва 191,0 млн. нафар мусофир кашонида шуд, ки

суръати афзоиш нисбат ба соли 2018 мутаносибан 104,0 ва 105,5 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор тавассути нақлиёти автомобилӣ 24,4 млн. тонна бор ва 190,8 млн. нафар мусофир кашонида шуда, ҳиссаи он дар маҷмӯи бору мусофиркашонии вилоят мутаносибан ба 87,3 ва 99,9 фоиз расонида шуд. Тавассути роҳи оҳан 3,6 млн. тонна бор ва 40,0 ҳазор мусофир интиқол дода шуда, бо нақлиёти ҳавоӣ 200,0 ҳазор мусофир кашонида шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар ҳисоботҳои пешниҳод намудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳое, ки кашонидани борҳо тариқи нақлиёти роҳи оҳан аз рӯи хатсайри муайян ва баланд бардоштани хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан дахл дорад маълумот пешниҳод нагардидааст.

**9.2. (9.3.) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ-хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот**

Дар вилоят 49 муассисаи нақлиётӣ фаъолият дошта, ҳамагӣ 6844 воситаи нақлиёт, аз ҷумла 3041 нақлиёти мусофиркашон (автобус ва микроавтобус), 1078 таксии сабукрав ва 2725 нақлиёти боркашон ба аҳолии вилоят хизмат мерасонанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров 13 ширкат бо 635 адад нақлиёт, Истаравшан 3 ширкат бо 309 адад нақлиёт, Ашт 3 ширкат бо 399 адад нақлиёт, Хуҷанд 5 ширкат бо 900 адад нақлиёт, Панҷакент 41 хатсайр, Спитамен 3 ширкат, Конибодом 4 ширкат бо 339 дадад нақлиёт, Гулистон 9 хатсайр, Айнӣ 1 ширкат, Мастчоҳ 2 ширкат, Исфара 4 ширкат, Шаҳристон 1 ширкат, Зафаробод 2 ширкат, Деваштич 2 ширкат барои дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиётӣ ба роҳ монда шудааст.

Қобили қайд аст, ки нисбат ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳри Хуҷанд 3 ширкати нақлиётӣ ва ноҳияи Мастчоҳ 1 ширкат кам гардида, шумораи нақлиёти хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +93 адад, шаҳри Хуҷанд +72 адад зиёд гардида, дар шаҳри Истаравшан -9 адад кам гардидааст, ки омузиши сабабҳои худро талаб менамояд.

**9.2. (9.4.) Рафти бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, азнавсозии заминаҳои моддиву техникӣ (воридоти воситаҳои нақлиёт), таҷдиди паркҳои нақлиётӣ (банди 26 паём);**

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Ашт бо кушода шудани гузаргоҳи сарҳадии “Навбунёд” –“Поп” ва бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи инфрасохтори соҳаи нақлиёт ва ба роҳ мондани ҳаракати воситаҳои нақлиёт ба кишварҳои ҳамсоя, барои бунёди терминали наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, навсозии паркҳои нақлиётӣ ва афзоиши ҳамлу нақли молу маҳсулот бо истифодаи имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои зарурӣ амалӣ намуда истодааст.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳисоботҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳое, ки банди мазкур дахл дорад ва терминалҳои сарҳадӣ доранд маълумот пешниҳод нагардидааст.

Боиси зикр аст, ки вобаста ба масъалаи мазкур ин нишондиҳанда нисбати нуҳмоҳаи соли ҷорӣ бе тағйир мондааст.

**9.3. (9.5.) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ (банди 14 паём);**

Дар соли 2019 тавассути маҷмӯи нақлиёт 28,0 млн. тонна борҳои гуногуни хоҷагии халқ ва 191,0 млн. нафар мусофир кашонида шудааст, ки суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан 1,1% ва 9,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 109,1% (1311,3 ҳаз. тн/км) ва 100% (9366,1 ҳаз. нафар), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 6,3,% (4455,5 ҳаз. тн/км) ва 0,1% (20050,9 ҳаз. нафар), шаҳри Бустон 101,4% (191,1) ва 101,1 (70,3 ҳаз. нафар), шаҳри Конибодом 100,6% (1074,2 ҳаз. тн/км) ва 100,0% (14193,5 ҳаз. нафар), шаҳри Исфара 123,4% (2243,5 ҳаз. тн/км) ва 13,7 % (24533,6 ҳаз. нафар), ноҳияи Шаҳристон 133,5% (998,6 ҳаз. тн/км) ва 175,0% (97,7 ҳаз. нафар), ноҳияи Айнӣ 102,6 % (444,0 ҳаз. тн/км) ва 104,8% (345,2 ҳаз. нафар), ноҳияи Мастчоҳ 100% (78,7 ҳаз. тн/км), шаҳри Истиқлол 98% (21,3 ҳаз. тн/км), шаҳри Истаравшан 100,7% (1673,5 ҳаз. тн/км) ва 104,9% (13947,2 ҳаз. нафар), дар шаҳри Панҷакент 494,7% (2469,4 ҳаз. тн/км) ва 95% (21688,4 ҳаз. нафар), ноҳияи Ашт 92% (3610,4 ҳаз. тн/км) ва 100% (3610,4 ҳаз. нафар), шаҳри Хуҷанд боркашонӣ 107,7% (3268,0 ҳаз.тн/км) ва мусофиркашонӣ 113,2% (63578,5 ҳаз. нафар), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида,

Дар ноҳияи Зафаробод 10,8% (169,5 ҳаз. тн/км) ва 10,3% (235,7 ҳаз. нафар), ноҳияи Деваштич 72% (1532,9 ҳаз. тн/км) ва 79% (615,9 ҳаз. нафар), ноҳияи Спитамен 94% (1037,8 ҳаз. тн/км) ва 93% (1678 ҳаз. нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ оид ба ҳаҷми боркашонӣ маълумот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (78,8 ҳазор т/км) бетағйир буда, вобаста ба мусофиркашонӣ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири роҳ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва ҳалли мушкилоти дарҷгардида, фаъолиятро пурзӯр намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва % аз аҳолии умумӣ) ба шабакаҳои телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, алоқаи мобилӣ ва интернет. 10.2. Номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд.**

**10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет**

Аз руи маълумотҳои дастрасшуда маълум гашт, ки истифодабарандагони интернет дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 2350 нафар ё 9,2%, дар ноҳия Б.Ғафуров 97,7 ҳазор ё 25,8% дар шаҳри Конибодом 118896 нафар ё 42,4% ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истаравшан бошад тавассути шабакаи ТОҶНЕТ 120 адад дастрас мебошад, ки 65 %-и аҳолиро дар бар мегирад.

Дар ноҳияи Мастчоҳ шумораи истифодабарандагони фаъоли интернет 125 адад муштарӣ буда, аз он ҷумла 100 адад муштарӣ ба аҳолӣ ва 25 адад муштарӣ ба ташкилоту муассисаҳо рост меояд.

Дар шаҳри Гулистон 21 нуқтаҳои телефонӣ насб карда шудааст. Айни замон ғунҷоиши васлшуда 3024 нуқта буда, боз 1017 нуқтаи озоди дигар мавҷуд мебошад.

Дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии интернет нисбат ба нимсолаи аввали соли 2019 беҳтар гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Б.Ғафуров, Конибодом, Истаравшан, Гулистон ва Мастчоҳ дар ин самт нишон медиҳад.

Мушкилот: Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ суст будани мавҷи шабакаи интернетӣ ва пурра фарогир набудани ҳудуди ноҳия ба назар мерасад.

**10.2. Номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд.**

Дар доираи иҷрои барномаҳои давлатӣ вобаста ба рушди соҳаи иттилоот ва рақамикунонии иқтисодиёт номгӯи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ сол аз сол тавсеа меёбанд. Аз ҷумла, дар соҳаи андоз системаҳои пешниҳоди ҳисоботи электронӣ пурра ҷорӣ шуда истодааст. Тавассути системаи бонкдорӣ номгӯи зиёди хизматрасониҳо дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи як қатор ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба тариқи пилотӣ системаи ҷамъоварӣ ва коркарди ҳисобот ба тариқи электронӣ татбиқ мегардад.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо доир ба хизматрасониҳое, ки ба тарзи электронӣ пешниҳод мешаванд, ба тарзи мухтассар маълумоти умумӣ дарҷ карда шудааст, ки таҳлилу арзёбӣ ғайриимкон аст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолӣ ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намоянд.

## 11. Маълумот оид ба вусъати шуғли пурмасъул

### 11.1. (11.1, 11.2) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ,

### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ

Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоии давлат таъмини ҳаёти арзандаи аҳолии кишвар маҳсуб ёфта, он тавассути татбиқи босамар ва оқилонаи механизмҳои нави ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мегардад. Даромади пулии аҳолӣ ва музди меҳнат бозгӯи сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошанд.

Давоми соли 2019 ба раёсат, шуъбаю бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 7985 шаҳрванд ҷиҳати бо ҷойи кор таъмин намудан муроҷиат кардаанд, ки 3987 нафарашон занон, 5259 ҷавонон мебошанд.

Мувофиқи “Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” соли 2019 дар вилоят бо ҷойи корӣ таъмин намудани 10560 нафар шаҳрвандони корҷӯй ва бекор ба нақша гирифта, ба ҳолати 10 декабри соли 2019 аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 19305 нафар барои бо ҷойи кори доимӣ таъмин шудан мусоидат карда шуд, ки ин нишондод ба 182,5 фоизи нақшаи солона баробар аст.

Дар соли 2019, шумораи бекорони расман ба қайд гирифта нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент +381 нафар (1311 нафар ҳамагӣ шумораи бекорон), Истаравшан +376 нафар (2633 нафар), Хуҷанд +374 нафар (1148 нафар), Исфара +189 нафар (963 нафар), Гулистон +54 нафар (352 нафар), Шаҳристон +47 нафар (624 нафар) ва Бӯстон +28 нафар (566 нафар) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои мушаххасро баҳри паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ин нишондаҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич -167 нафар (659 нафар), Зафаробод -110 нафар (237 нафар), К.Мастчоҳ -84 нафар (86 нафар), Айнӣ -60 нафар (182 нафар), Ашт -3 нафар (397 нафар), Б.Ғафуров -2 нафар (298 нафар) кам гаштааст.

Аз ҳисоби бекорони дар қайдбуда 4226 нафар ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, ба омӯзиши касбҳои қолинбофӣ 190 нафар, кешбофӣ 12, сӯзанидӯзӣ 95, қуроқдӯзӣ 160, кандакорӣ 52, адрасбофӣ 302, кулолгарӣ 41, гаҷкорӣ 14, гулдӯзӣ 186, сабадбофӣ 45, оҳангарӣ 36, мӯҳрабофӣ 30, бофандагӣ 169, рӯймолдӯзӣ 15, ҷомадӯзӣ 47, йӯрмадӯзӣ 78, зардӯзӣ 60, чакманбофӣ 18 ва занбӯри салпарварӣ 35 нафар машғул мебошанд.

## 11.1. (11.2.) Баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ дар ярмаркаҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва бо ҷойи кории доимӣ таъмин гардидани бекорон

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади бо кор таъмин намудани корҷӯён, бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта 258 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шудааст. Тавассути ин ярмаркаҳо 2225 нафар корҷӯён ва бекорон ба ҷойҳои кории доимӣ таъмин гашта, 1876 нафар ба касбомӯзӣ ва 342 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шуданд. Ҷамъи шаҳрвандони бекори ба воситаи ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ба шуғл ҷалбшуда 4443 нафарро ташкил додааст.

Дар ярмаркаҳои гузаронидашуда дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон 3196 нафар ё 787,1%, Ашт 1776 нафар, ё 447,3%, Кӯҳистони Мастчоҳ 320 нафар, ё 372 %, Айнӣ 630 нафар, ё 346%, Хуҷанд 2621нафар ё 228,3%, Исфара 1139 нафар ё 118,2 %, Зафаробод 279 нафар ё 117,7%, Истиқлол 117 нафар 113,5%-ро ташкил намуда, самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи корҳои холӣ ва таъмини бекорон бо ҷойи кор дар сатҳи хуб таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 2100 нафар, ё 79,7 %, Панҷакент 1023 нафар, 78,0 %, Деваштич 263 нафар, ё 39,9%, Спитамен 17 нафар ё 31,4%, Мастчоҳ 91 нафар, ё 15,5%, Шаҳристон 78 нафар, ё 12,5%, буда, мушкилоти дар самти таъмини бекорон бо ҷои кор ва самаранок баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ масъулини ин шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки тадбирҳои иловагӣ ва самаранок андешанд.

Дар соли 2019, 113821 нафар муҳоҷирон ба ватан баргаштанд, ки аз онҳо 36325 нафар занон мебошанд. Шумораи ба ватан баргаштагон нисбат ба соли қаблӣ 23397 нафар, аз ҷумла занҳо 10723 нафар зиёд шудааст.

Дар давраи аз 1-уми январ то 1-уми декабри соли 2019-ум шумораи шаҳрвандони ба хориҷа сафаркарда 108702 нафар, аз ҷумла занон 24672 нафар ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 3754 нафар, аз ҷумла занон 23 нафар афзоиш ёфтааст. Аз ин шумора 90464 нафар, аз ҷумла 19214 нафар занон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд, ки нисбат ба соли қаблӣ 2504 нафар, аз ҷумла занон 49 нафар зиёд мебошад. Омилҳои асосии мусоидаткунанда ба афзоиши сафи муҳоҷирон ба итмом расидани муҳлати манъи воридоти шаҳрвандони Тоҷикистон ба қаламрави Федератсияи Россия ва аз нав кушода шудани хатсайрҳои мусофирбар тавассути роҳи оҳан мебошад.

Дар доираи эълон гардидани “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” аз ҷониби Пешвои миллат ба намояндагони аҳли ҳунар низ як қатор имтиёзҳо дода шуд. Аз ҷумла, зиёда аз 105 намуди ҳунарҳои мардумӣ, ки истеҳсолоти онҳо дар хона ба роҳ монда шудааст, аз андоз озод карда шуданд.

Дар миқёси вилоят 311 маркази таълимӣ-истеҳсолӣ фаъолият мекунанд, ки аз он 83 маркази адрасбофӣ ва 228 дигар марказҳои ҳунарҳои дастӣ мебошанд. Дар ин марказҳо 1201 дастгоҳ, аз ҷумла 754 дастгоҳи адрасу атласбофӣ ва 447 дастгоҳи қолинбофӣ насб гардида, 1027 нафар устодон ба 8726 нафар шогирдон нозукиҳои касбро меомӯзонанд. Ҳамзамон, 17685 нафар ҳунармандон дар хона фаъолият доранд.

**11.2. (11.3.) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо;**

Дар миқёси вилоят 311 маркази таълимӣ-истеҳсолӣ фаъолият мекунанд, ки аз он 83 маркази адрасбофӣ ва 228 дигар марказҳои ҳунармандӣ мебошанд. Дар ин марказҳо 754 дастгоҳи адрасу атласбофӣ ва 447 дастгоҳи қолинбофӣ насб гардида, 969 нафар устодон ба 8593 нафар шогирдон нозукиҳои касбро меомӯзонанд. Ҳамзамон, зиёда аз 35,0 ҳазор нафар ҳунармандон дар хона фаъолият намуда истодаанд, ки ин нишондодҳо нисбат ба нуҳмоҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ (ҳунарҳои мардумӣ) дар шаҳру ноҳияҳои Ашт 1373 нафар, Панҷакент 1090 нафар, Истаравшан 995 нафар, Б.Ғафуров 500 нафар, Айнӣ 298 нафар, Деваштич 220 нафар, Спитамен 170 нафар, Хуҷанд 167 нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ 150 нафар, , Исфара 142 нафар, Гулистон 121 нафар, Шаҳристон 117 нафар, Зафаробод 115 нафар, Бӯстон 114 нафар,Мастчоҳ 95 нафар, ва Истиқлол 92 нафарро ташкил додааст.

Шумораи зиёди фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Айшт, Панҷакент, Истаравшан, Деваштич, Айнӣ, Исфара, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Бобоҷон Ғафуров ва Хуҷанд ба назар мерасад, ки заминаи мусоид барои рушди ҳунарҳои мардумӣ шароити фароҳам оварда шудааст.

**11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар (Нусха аз Протколи маҷлиси ҲҶТ аз 21.01.2019 с., №1 банди 27);**

Ташкили ҷойҳои нави корӣ дар қиёс бо шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар ноҳияи Айнӣ 2,6% (ҷои корӣ таъсис додашуда 630 адад, шумораи бекорони расман ба қайд гирифта шуда 242 нафар) ташкил додааст. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истаравшан 1,2 % (2100 ҷои корӣ), дар ноҳияи Шаҳристон 24,06% (58 ҷойи корӣ 241 бекор), Кӯҳистони Мастчоҳ 29 % ( 325 ҷойи корӣ, 93 бекор), Панҷакент 125% (673 ҷойи корӣ) Истиқлол 131% (131 ҷойи корӣ), Ҷ. Расулов +359% (901ҷойи корӣ) Хуҷанд 56% (1675 ҷойи корӣ ), Деваштич 147% (519 ҷойи корӣ) Гулистон 15,01 % (2678 ҷойи корӣ) Б.Ғафуров 5,5% (7339 ҷойи корӣ), Бӯстон 17,3% (1970 ҷойи корӣ), Ашт 43% (1123 ҷойи корӣ), Исфара 82,5% (1139 ҷойи корӣ), ташкил

дода, барои таъмини шумораи бекорони ба қайд гирифташуда шумораи ҷойҳои кории нав нокифоя ва дар сатҳи паст мебошад.

Вобаста ба фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ва ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон аз таҳлили маълумотҳо муайян карда шуд, ки давоми соли 2019 дар вилояти Суғд нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров +204 нафар (1827 нафар), Зафаробод +180 нафар (180 нафар), К.Мастчоҳ +60 нафар ( 321 нафар), Айнӣ +39 нафар (436 нафар), Панҷакент +34 нафар (1090 нафар) зиёд ба касбомӯзи фаро гирифта шудаанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ дарак медиҳад.

Мутаассифона ин нишондиҳанда дар шаҳрҳои Исфара -32 нафар (459 нафар) ва Гулистон -11 (197 нафар) кам гардида, бетағйир мондани он дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон +-0 нафар (130 нафар), Истиқлол +-0 нафар (120 нафар), Мастоҳ +-0 нафар (315 нафар), Хуҷанд +-0 нафар (346 нафар), Ҷ.Расулов +-0 нафар (+215 нафар), Шаҳристон +-0 нафар (139 нафар), Ашт +-0 нафар (220 нафар) нишон медиҳад, ки суст будани фаъолияти мақомотҳои марбутаро нишон медиҳад.

Дар марказҳои таълими истеҳсоли хонагии ноҳияи Ашт ба 1347 нафар шогирдон, 26 нафар устодон аз рӯи касбҳои мухталиф касб омӯзонида истодаанд.

Дар марказҳои қолинбофии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 58 нафар устод ва зиёда 200 нафар шогирдон аз ҳисоби занону духтарони хонашин ҷалб карда шуданд. Дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд дар давраи ҳисоботӣ наздик 346 нафар ҷавондухтарону занони бекор ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ аз қабили адрасбофӣ, қолинбофӣ, гулдӯзию сӯзанидӯзӣ, бофандагию дӯзандагӣ ва қуроқдӯзӣ ҷалб гардида, дар марказҳои таълимӣ-истеҳсолӣ фаъолият намуда истодаанд.

Дар ноҳияи Айнӣ тибқи талаботи Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.01.2019 №1 бандҳои 27, 21 ҷойҳои корӣ таъсис додашуда 9 марказҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ ва равнақи солимии “Усто - шогирд” ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон, дигар шаҳрвандони бешуғл 21 нафар устоҳо (ҳунармандон) ва 38 нафар шогирдон фаро гирифта шуданд.

Бо мақсади рушди ҳунарҳои мардумӣ ва равнақи таъмини “Усто-шогирд” дар деҳаҳои Шаҳристон, Саробӣ ва Чашмасори Ҷамоати деҳоти Шаҳристон ва деҳаҳои Навкент ва Ободии Ҷамоати деҳоти Бунҷикат курсҳои кӯтоҳмуддат ташкил карда шуда, 139 нафар занону ҷавонон ба касбомӯзӣ ҷалб карда шудааст.

Шумораи “Усто-шогирд” 139 нафарро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки бо истисноии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот оид ба ин масъала пешниҳод накардаанд.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)
## (бандҳои 38, 50-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2. (12.2) Фарогирии кӯдакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти томактабӣ, 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим, 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ

**12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст.**

Соли таҳсили 2019-2020 дар вилоят 929 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, 3 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 39 муассисаи таҳсилоти асосӣ, 815 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 32 гимназия, 24 литсей, 1 Мактаби президентӣ, 4 мактаб барои хонандагони лаёқатманд, 3 мактаб-кӯдакистон, 1 интернати санаторӣ, 4 мактаб-интернати махсус, 3 интернат барои кӯдакони ятиму бепарастор фаъолият дошта, дар онҳо 547925 нафар, аз ҷумла 267888 нафар духтарон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли таҳсили 2018-2019 шумораи муассисаҳои таълимӣ 1 адад (ноҳияи Бобоҷон Ғафуров) ва шумораи хонандагон 14233 нафар зиёд шуданд.

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 мувофиқи маълумоти оморӣ дар вилоят 272 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 203 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, 13 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи ташкилоту корхонаҳо ва 56 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият намуда, 44507 кӯдакро ба тарбия фаро гирифтаанд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозӣ ва таъмиру тармими бинои 46 муассисаи таълимии садамавӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба нақша гирифта шудааст.

Соли равон бинои 5 муассисаи таълимии садамавӣ барқарор гардида, дар 20 бинои садамавии муассисаҳои таълимӣ корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Ҳамзамон, таъмиру таҷдиди 228 муассисаи таълимӣ ба нақша гирифта, то ин давра 115 бинои муассисаи таълимӣ аз таъмири куллӣ бароварда шудааст.

Дар умум, дар вилоят соли ҷорӣ 37 иншооти соҳаи маориф бо 4761 ҷойи нишаст, аз ҷумла дар назди муассисаҳои таълимӣ 98 синфхонаи иловагӣ бо 2826 ҷой ва дар назди муассисаҳои томактабӣ 57 гурӯҳи иловагӣ бо 1935 ҷойи нишаст бунёд гардидаанд.

Муассисаҳои таълимии дар ҳолати садамавӣ қарор дошта дар шаҳрҳои Истаравшан 5 адад, Исфара 3 адад, Шаҳристон 4 адад, ноҳияҳои Ашт 2 адад, Деваштич 2 адад, Панҷакент 2 адад, Мастчоҳ 1 адад, Ҷ.Расулов 1 ададро ташкил намудааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳои зикргардидаро барои ҳарчи зудтар андешидани чораҳои дахлдор барои рафъи камбудии мазкур зарур мебошад.

**Норасогии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят.**

Таҳлилҳо муайян намуд, ки дар вилоят соли 2019 норасоии китобҳои дарсӣ ба 609553 ададро ташкил намудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 162691 дона, Бобоҷон Ғафуров 150201 дона, Хуҷанд 120177 дона, Деваштич 71506 дона, Гулистон 36438 дона, Ашт 33000 дона, Истиқлол 9919 дона, Шаҳристон 9283 дона, Панҷакент 8000 дона, Бӯстон 7572 дона, Зафаробод 466 дона ва Мастчоҳ 300 дона норасоии китобҳои дарсӣ дида шуда, ҷиҳати ҳалли он бояд чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Боиси қайд аст, ки мувофиқ ба маълумот дар ноҳияи Айнӣ, шаҳри Исфара, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ норасоии китобҳои дарсӣ ҳалли худро ёфта, дар шаҳру ноҳияҳои Спитамен -45314 дона, Деваштич -27436 адад, Гулистон - 8413дона, Б.Ғафуров -6205 адад, Шаҳристон -1869, Мастчоҳ -150 адад нисбат ба аввали соли 2019 кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шудааст.

Норасоии китобҳои дарсӣ нисбат ба нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан +166947 адад, Панҷакент +10000 адад, Ҷаббор Расулов +6469 адад, Ашт +7400 адад зиёд гардида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро мебояд дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас андешанд.

Нишондиҳандаи баланди норасоии китобҳои дарсӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Истаравшан ва Ҷ Расулов ба назар расида, аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ҳамкории зич бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бартараф намудани бетаъхири мушкилотро тақозо менамояд.

Бинобар сабаби дар ҳисоботи соли сипаригаштаи шаҳру ноҳияҳои Конибодом ва Спитамен пешниҳод накардани маълумот, муқоисаи нишондодҳо бо нуҳ моҳи соли ҷорӣ арзёбӣ карда нашуд.

Дар ин давраи ҳисоботӣ ба муассисаҳои таълимии Кӯҳистони

Мастчоҳ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 9826 адад китобҳои дарсӣ ва бадеӣ ба маблағи 144049 сомонӣ ворид карда шудааст.

### 12.2. (12.2) Фарогирии кӯдакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти томактабӣ

### 12.2. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии кӯдакон ва васеъ намудани фоизи фарогирии онҳо, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 мувофиқи маълумоти оморӣ дар вилоят 272 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 203 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, 13 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи ташкилоту корхонаҳо ва 56 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият намуда, 44507 кӯдакро ба тарбия фаро гирифтаанд. Нисбат ба соли гузашта шумораи муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 20 адад афзудааст.

Дар ноҳияи Спитамен 2094 нафар кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва маркази инкишофи кудакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 136 нафар кӯдак зиёд аст. Ин нишондод дар ноҳияи Деваштич 1435 нафар (46,3%), шаҳри Хуҷанд 9961 нафар (28,1% аз теъдоди умумии кӯдакон), Гулистон 2316 нафар (39%) таъмин гардида, ҳадафи хуҷҷатҳои стратегӣ иҷро гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 1975 нафар (19,2%), ноҳияи Ашт 2125 нафар (13%), Бобоҷон Ғафуров 8845 нафар (16,8%), Конибодом 5069 нафар (18,9%), Ҷаббор Расулов 3981 нафар (15,6%), Истаравшан 2377 нафар (10,6%)-ро ташкил дода, барои расидан ба нишондиҳандаи СМР-2030 пурзӯр намудани фаъолият дар ин самт ба миён омадааст.

### 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ

### 12.3. Фароҳам овардани шароити мусоид барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ) ва ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, сатҳи фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истедодҳо, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ (банди 38 паём).

Дар доираи иҷрои “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Суғд барои солҳои хониши 2018-2022” соли 2019 ба муассисаҳои таълимӣ дастрас намудани 2886 компютер ва 168 тахтаи электронӣ ба нақша гирифта, дар соли 2019-ум 1442 компютер ва 159 тахтаи электронӣ харидорӣ карда шудааст, ки мутаносибан 50,0 ва 94,6 фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Алҳол дар 1104 синфхонаи

компютерӣ 18560 компютер, 2752 адад принтер мавҷуд буда, 520 тахтаи электронӣ ва 753 проектор мавриди истифода қарор доранд.

Дар амал, давоми 12 моҳи соли 2019, 147 кабинетҳои таълимӣ ташкил гардида, шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ ва Хуҷанд нақшаи "Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020"-ро пурраву барзиёд иҷро намуданд. Дар ин самт шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Деваштич, Зафаробод, Спитамен ва Панҷакент вазъи корбарӣ суст мебошад. Дар шаҳри Истиқлол тамоман дар ин самт корбарӣ нашудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи компютерҳо дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷумла дар Конибодом +157 адад, Панҷакент +137 адад, Б.Ғафуров +129 адад, Истаравшан +78 адад, Бустон +70 адад, Айнӣ +147 адад, Хуҷанд +154 адад, Кӯҳистони Мастчоҳ +34 адад, Мастчоҳ +58 адад, Ашт +24 адад, Гулистон +2 адад, зиёд гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъмин гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 51 адад, Деваштич 47 адад, Айнӣ 14, адад Истаравшан 20 адад, Бустон 23 адад, Конибодом 22 адад, Бобоҷон Ғафуров 29 адад, Панҷакент 22 адад, Шаҳристон 16 адад, Зафаробод 14 адад, ва Ашт 9 ададро ташкил медиҳад,

Мавриди қайд аст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимии Хуҷанд+101 адад зиёд гардидааст, ки барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон +10 адад, Панҷакент +12 адад, Зафаробод +5 адад, Бобоҷон Ғафуров +17 адад, Истаравшан +6 адад, Конибодом +6 адад ва Мастчоҳ +4 адад афзудааст, ки масъулияти баланди мутахассисони ин соҳа ба ҳисоб меравад.

### 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим

### 12.4. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон.

Дар доираи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, № 544 «Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020» дар соли 2019 таъмин намудани муассисаҳои таълимии вилоят бо 38 кабинет ва озмоишгоҳи фанни физика, фанни химия 40, фанни биология 40, фанни география 11, фанни математика 14, фанни технологияи иттилоотӣ 11 ва

кабинети суруд ва мусиқӣ 72 адад, дар умум бо 228 кабинети таълимӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар амал давоми соли ҷорӣ 183 кабинети таълимӣ таъсис ёфт, ки баробари 80,3 фоизи нақша мебошад. Шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ ва Хуҷанд нақшаи Барномаро пурраву барзиёд иҷро намуда, дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Айнӣ, Деваштич, Зафаробод, Спитамен ва Панҷакент корбарӣ дар ин самт суст мебошад.

Тибқи қарори раиси вилоят аз 12 июни соли 2018, №250 "Дар бораи тадбирҳои ҳавасмандгардонии хонандагон, омӯзгорон ва муассисаҳои таълимии вилоят" 19 нафар ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ бо мукофотҳои пулӣ аз 3 ҳазор то 10 ҳазор сомонӣ, 190 нафар ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ аз 500 сомонӣ то 2 ҳазор сомонӣ, 42 нафар омӯзгорон аз 2 ҳазор то 6 ҳазор сомонӣ, Мактаби президентии шаҳри Бӯстон бо 10 ҳазор сомонӣ, литсейи физикӣ-математикии шаҳри Хуҷанд бо 5 ҳазор сомонӣ ва литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд бо 3 ҳазор сомонӣ қадр карда шуданд.

Шумораи омӯзгорони вилоят 38714 нафар буда, аз онҳо 31558 нафар бо таҳсилоти олӣ, 2156 нафар бо таҳсилоти олии нопурра ва 5000 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус фаъолият мебаранд. Илова бар ин, шумораи омӯзгорони маълумоти олидор зиёд гардида, 81,5 фоизи шумораи умумии омӯзгоронро ташкил намудааст.

Дар муассисаҳои таълимии миқёси вилоят 91 нафар омӯзгорони ғайриихтисос (ғайрифаннӣ) фаъолият доштанд, ки аз ин теъдод 50 нафар ба омӯзгорони соҳибтахассус иваз карда шуданд. Алҳол, дар муассисаҳои таълимии вилоят 41 нафар омӯзгорони ғайрифаннӣ фаъолият доранд ва ҷиҳати коҳишёбии сафи онҳо чораҳо андешида мешаванд.

Эҳтиёҷ ба кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии вилоят дар соли хониши 2019 - 2020 660 нафар муайян шуда, барои тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ирсол гардид. Дар ин замина, тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илм 1121 омӯзгори ҷавон ба ҷойи кор фиристонида шуданд, ки ба ҳолати 15 октябри соли 2019, аз онҳо 715 нафар ҳозир шуданд.

Дар соли 2019 норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 11 нафар (аз ҷумла 2 нафар забонҳои хориҷӣ), Истаравшан 24 нафар (забони хориҷӣ 16 нафар), Истиқлол 4 нафар (забони хориҷӣ 2 нафар), Исфара 5 нафар (забони хориҷӣ 2 нафар), Конибодом 51 нафар, Мастчоҳ 43 нафар, Спитамен 102 нафар (забони хориҷӣ 8 нафар), Ашт 8 нафар (забони хориҷӣ 2 нафар), Зафаробод 14 нафар (забони хориҷӣ 6 нафар ), Деваштич 18 нафар (забони хориҷӣ 4 нафар)-ро ташкил дода, ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Бо истиснои шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод накардаанд аз ин нишон медиҳад, ки талабот ба омузгорон надоранд ё масъалаи номбурда аз мади назари масъулин дур мондааст.

## 12.6 Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра арзёбӣ гардиданд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар соли таҳсили 2018-2019 дар 928 муассисаи таълимии вилоят 3280 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ ва 2814 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ фаъолият доранд, ки нисбат ба соли таҳсили гузашта мутаносибан 43 ва 26 нафар кам мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки аксар маълумоти пешниҳоднамуда дар ин банд айнан ба маълумоти нуҳмоҳаи соли ҷорӣ мувофиқат намуда, нишондиҳандаҳо бетағйир мондаанд, ки таҷдиди назар карда шавад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати азнавсозии муассисаҳои садамавӣ, таҳкими пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намуда, марҳила ба марҳила камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

### Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ, 13.3. Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 (банди 46 паём)

### 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ

### 13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст.

Дар ин раванд дар вилоят фаъолияти 936 муассисаи нигаҳдории тандурустии давлатӣ, аз ҷумла 132 муассисаи сохтори госпиталӣ, 649 муассисаи сохтори КАТС, 155 муассисаи махсусгардонида ва 247 муассисаи тиббии хусусӣ, аз ҷумла 106 ҶДММ, 35 намояндагӣ ва 106 соҳибкори инфиродӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба аҳолии вилоят 5143 нафар табибон ва 17393 нафар кормандони миёнаи тиб хизмат расонида истодаанд.

Бо баробари дастовардҳо дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ камбудиҳо ба назар мерасанд. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо норасоии мутахассисони соҳаҳои беҳискунӣ ва наҷоти ҳаёт, силшиносӣ, ташхиси шуоӣ, рӯҳшиносӣ, тибби оилавӣ ва сироятшиносӣ эҳсос мегардад. Сатҳи

таъминоти муассисаҳои тиббии вилоят бо табибон 19,3 ва бо кормандони миёна 65,5 ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ мебошад. Нишондоди нисбатан пасти таъминот бо табибон дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 10,0 Деваштич 10,7, Айнӣ 11,4, Мастчоҳ 11,9, Бобоҷон Ғафуров 12,1 ва Кӯҳистони Мастчоҳ 12,2 ба 10 ҳазор аҳолӣ ба назар мерасад.

Талабот ба мутахассисони соҳаи тиб дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 75 нафар (-8 нафар), Айнӣ 41 нафар (-1 нафар), Конибодом 34 нафар (-8 нафар), Гулистон 27 нафар(-3), Шаҳристон 22 нафар (-2 нафар) Ашт 32 нафар (-4 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки самарнокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мазкурро дар ин самт нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 143 нафар (+-0 нафар), Панҷакент 75 нафар (+-0 нафар), Мастчоҳ 29 нафар (+-0 нафар) бетағйир монда, норасогии мутахассисони соҳаи тиб дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 65 нафар (+9 нафар), Хуҷанд 40 нафар (+4 нафар), Ҷаббор Расулов 33 нафар (+4 нафар) Спитамен 41/28 нафар (+13 нафар), Истаравшан 21 нафар (+5 нафар) ва нисбат ба ҳамин давраи гузашта зиёд гардидааст, ки ба сатҳи хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, ба ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои ҳаллӣ норасоӣ тақвият бахшида шавад. .

## 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ

### ВНМО

Дар қайди раёсати тандурустии вилоят 2763 нафар мубталоёни ВНМО қарор дошта, дар давраи ҳисоботӣ 372 нафар бо сирояти ВНМО ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли қаблӣ 17 нафар кам мебошад. Асосан гирифторони мубталои ВНМО синну соли аз 30 то 49-соларо дарбар мегиранд. Фавт аз ВНМО дар соли 2019 76 нафар ба қайд гирифта шуда, аз соли 2001 то ин давра, дар маҷмӯъ 800 нафар аз ин беморӣ фавтидаанд.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии ВНМО нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар Конибодом -14 нафар, шаҳри Панҷакент -9 нафар, ноҳияи Айнӣ -7 нафар ва шаҳри Истиқлол -1 нафар кам гардида, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 1 нафар сироят ёфтааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Исфара +29 нафар, Хуҷанд +14 нафар, Шаҳристон +4 нафар, Деваштич +18 нафар, Мастчоҳ +1нафар, Спитамен +10 нафар, Зафаробод ва Истаравшан +1 нафарӣ, Гулистон +4 нафар ва Ҷаббор Расулов +19 нафар бақайдгирӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 зиёд гардида, барои пешгирии ин беморӣ чораҳои мушаххас андешида шавад.

## Сил

Беморони сил дар сатҳи вилоят 2599 нафар ба қайд гирифта шуда, дар соли 2019-ум 983 нафар беморон дарёфт гардидаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли қаблӣ 10 нафар зиёд мебошад. Дардмандии бемории сил 100,4 ҳолатро ба 100 000 аҳолӣ ташкил намуда, дар соли 2019 26 нафар беморони фаъол фавтиданд.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии сил дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нисбат ба 2018 аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои Ҷ. Расулов – 34 нафар, Зафаробод-30 нафар, Мастчоҳ – 20 нафар, Хуҷанд - 11 нафар, Ашт -8 нафар, Истиқлол - 5 нафар ,Панҷакент - 2 нафар, Спитамен -4 нафар, Истиқлол - 5 нафар , Бӯстон – 1 нафар кам гардида, дар ноҳияи К. Мастчоҳ -1 боқӣ мондааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳрҳои Исфара +16 нафар, Конибодом +9 нафар, Истаравшан +6 нафар ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров + 46 нафар зиёд гардида, андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

Дар мувофиқа бо нишондодҳои нуҳ моҳи соли 2019 вобаста ба бемории сил чунин тафовут ба миён омадааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ +8 нафар (29нафар дар 12 моҳи соли 2019/21 нафар дар нуҳ моҳи соли 2019), Ашт +14 нафар (44/30 нафар), Бобоҷон Ғафуров +25 (151/125 нафар), Деваштич +30 (44/14 нафар), Зафаробод +1 (31 /30 нафар), Истаравшан +14 (54/40 нафар), Конибодом -286 (70/356 нафар), Кӯҳистони Мастчоҳ +6 (10/4 нафар), Мастчоҳ +15 (87/72 нафар), Панҷакент+36 нафар (132/96 нафар), Хуҷанд +7 (46/39 нафар), Шаҳристон +7 (14 /8нафар)-ро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 3488 ҳодисаи бемории зардпарвин ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2018 706 ҳодиса зиёд мебошад. Бемории шадиди рӯдаю меъда ҳамагӣ 3502 ҳодиса ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 516 ҳодиса кам мебошад.

Ҳодисаҳои захмдоршавӣ аз газидани ҳайвонот нисбати соли 2018 ба миқдори 228 адад зиёд шуда, ҳамагӣ 4739 ҳолати газидани ҳайвонот ба қайд гирифта шудааст, ки хеле нигаронкунанда буда, аз масъулини соҳа андешидани чораҳои таъхирнопазирро дар самти бартараф намудани омилҳои мусоидаткунанда талаб менамояд.

Бахри пешгирии касалиҳои мазкур дар доираи татбиқи барномаҳои соҳавӣ ва лоиҳаҳои гуногун тамоми чораҳо андешида шуда истодаанд.

Аз ҷониби масъулин дар шаҳру ноҳияҳо байни аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳои дахлдор чорабиниҳо гузаронида шуда, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ таҳия ва хабару мақолаҳо дар матбуоти даврӣ интишор гардиданд. Ин қабил мулоқоту вохӯриҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи касбӣ ва умумӣ низ баргузор шуданд.

### 13.3.Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 (банди 46 паём);

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №90 «Дар бораи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» қарори Раиси вилояти Суғд аз 17 марти соли 2017, №128 ба тасвиб расида, қарорҳои дахлдор дар сатҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Спитамен, Истаравшан, Ашт, Истиқлол ва Кӯҳистони Мастчоҳ, ки барномаи мазкур татбиқ мегарданд, қабул ва амалӣ гашта истодаанд.

Дар соли 2019 баҳри иҷроиши «Барномаи кафолати давлатӣ барои ноҳияҳои таҷрибавӣ аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ, маблағи 34000 сомонӣ ҷиҳати дастрас намудани доруворӣ ба муассисаҳои тиббӣ мақсаднок истифода гардида, дар ин давра маблағи мазкур ба 102 ҳазор сомонӣ расонида шудааст.

Инчунин, дар ноҳияи Спитамен қарори Раиси ноҳияи Спитамен ба тасвиб расида, баҳри корбарӣ ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ва муассисаҳои тиббии ноҳия ирсол гардидааст, ки дар ин самт корҳо оид ба татбиқ намудани барномаи мазкур дар маҳал амалӣ шуда истодааст.

Айни замон дар ноҳия Маркази пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ-и ноҳияи Спитамен фаъолият дорад, ки дар марказ 5 воҳиди корӣ мавҷуд буда, бо таҷҳизотҳо муҷаҳҳаз ва тамоми шароитҳо мавҷуданд.

Дар ноҳияи Ашт ба суратҳисоби махсуси муассисаҳои сохтори госпиталии ноҳия 967 ҳазору 658 сомонӣ ворид гардидааст, ки 80,6 фоизи иҷрои нақша ва ба сохтори кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия 1 млн. 234 ҳазору 312 сомонӣ, ки 72,0% фоизи иҷрои нақшабандиро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Истаравшан аз соли 2017 қарори мазкур татбиқ гардида, маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар 9 моҳи соли 2019 (маблағҳои махсус) 3695000 сомонӣ нақшаи пешбинишуда, иҷроиши он 3019281 сомонӣ ё 91,7%-ро ташкил менамояд.

Маблағҳои воридотӣ асосан барои харидории маводҳои доруворӣ, реактивҳо, маводҳои безараркунанда, плёнкаҳои рентгенӣ, харидории таҷҳизоти тиббӣ ва таҷҳизоти сахт, харидории маводҳои коргузорӣ, пардохти андоз 5% ва хароҷоти хоҷагидорӣ, сарф карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019 дар баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ заминаи мусоид гузошта истодааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва

амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» мусоидат намоянд ҳамзамон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ аз рафти иҷрои барномаи болозикр маълумоти мушаххас ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.5.(13.5,13.6,13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарордошта (гурӯҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

**13.5.(13.6, 13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гурӯҳи осебпазир),**

**13.5. Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон (банди 48 паём, Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**

Дар вилоят 22 муассисаи иҷтимоӣ фаъолият мебаранд, ки шумораи бошандагони он дар санаи 1 январи соли 2020-ум 1879 нафарро ташкил медиҳад.

Дар вилоят дар соли 2019 ҳамагӣ 60158 оила ҳамчун камбизоат ба қайд гирифта шуда, бахри тақвияти кӯмакрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат ҳамасола тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷубронпулӣ барои истифодаи қувваи барқ ва кӯмакпулиҳои унвонии иҷтимоӣ пардохт шуда истодаанд. Барои моҳҳои январ-декабри соли 2019 ба маблағи 8901,2 ҳазор сомонӣ ҷубронпулӣ ворид гардида, барои моҳҳои январ-октябр ба 28435 оила ба маблағи 7049,97 ҳазор сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт шуда, барои моҳҳои ноябр-декабр пардохти ҷубронпулӣ ба маблағи 1851,2 ҳазор сомонӣ идома дорад. Ҳамзамон, ба 31723 оила ва шаҳрвандони камбизоат ба маблағи 7988,3 ҳазор сомонӣ кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ пардохт карда шудааст.

Шумораи умумии маъюбон ба санаи 1 январи соли 2020 46849 нафар, аз ҷумла кӯдакони маъюби то синни 18-сола 7687 нафар ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли қаблӣ мутаносибан 2220 ва 139 нафар зиёд мебошад.

Бо назардошти хизматҳои бузурги иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаи ҷанговарони дар ин ҷангҳо ҳалокшуда, шахсони дар давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 дар ақибгоҳ меҳнат намуда, инчунин маъюбони бартарафкунии садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил кӯмакпулии ҳармоҳа пардохт карда мешавад.

Дар соли 2019 тибқи қарорҳои раиси вилоят аз 3 январи соли 2018, №№01,02,03 ва 04 пардохти кӯмакпулӣ пешбинӣ гардида, то ин давра 1593700 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.

Бахшида ба ҷашнҳои миллӣ дар ҳамаи мактаб-парваришгоҳҳои ҳудуди вилоят, хонаи пиронсолон дастурхони идона ороста, тӯҳфаҳои идонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва сарпарастон тақдим карда шудаанд.

Инчунин, оилаҳои камбизоат, бемориони барҷомонда, кӯдакони маъюбу ятим аёдат карда, аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ ёфтаанд. Дар маҷмӯъ дар арафаи рӯзҳои таърихӣ ва идҳо ба табақаҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ ба маблағи 21,3 млн. сомонӣ кӯмакҳои моддӣ ва молиявӣ расонида шудаанд.

Шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 7005 (-1182), Хуҷанд 3540 (-480) оила, Бустон 1106 (-35) оила, Спитамен 1482 (-23) шаҳри Гулистон 994 (-17) , Исфара 3983 оила (+-0), кам гашта, ё бетағйир мондааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ ин шаҳру ноҳияҳои вилоят нишон медиҳад.

Зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 7606 оила (+1436), Шаҳристон 2160 оила (+900), Конибодом 4282 оила (+820), Деваштич 5718 оила (+772), Мастчоҳ 3049 оила (+157), Зафаробод 2537 (+119) оила, Бобоҷон Ғафуров 6586 (+91) оила, Истиқлол 217 (+79) оила, Айнӣ 4348 (+71) оила, Ҷ. Расулов 2029 (+35), Кӯҳистони Мастчоҳ 650 (+10), Ашт 4132 оила (+-0) ба назар расида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳои вилоятро зарур аст, ки барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳо дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Шумораи нафақагирон 227656 нафар ба қайд гирифта, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8171 нафар зиёд шудаанд.

### 13.5 (13.6) Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта

Дар соли 2019 тибқи қарорҳои раиси вилоят аз 3 январи соли 2018, №№01,02,03 ва 04 пардохти кӯмакпулӣ пешбинӣ гардида, то ин давра 1593700 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.

Дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд 7 адад муассисаҳои иҷтимоӣ бо 523 нафар бошандагони доимӣ ва муваққатӣ фаъолият доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маблағи аз буҷети маҳаллӣ барои ҳифзи иҷтимоӣ ҷудошуда 4803,7 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 2 адад, дар шаҳри Бустон 1 адад, дар ноҳияи Истаравшан 1 адад, Истиқлол 4 адад, Исфара 2 адад, Кӯҳистони

Мастчоҳ 1 адад, Спитамен 1 адад, Панҷакент 4 адад, Ашт 2 адад, Деваштич 2 адад, Шаҳристон 1 адад, дар шаҳри Конибодом 1 адад. Маркази хизматрасонии иҷтимоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр фаъолият намуда истодааст, ки шумораи кормандони он 25 нафар буда, аз онҳо 12 нафар кормандони иҷтимоӣ мебошанд, ки ба 113 нафар пиронсолон ва маъюбони яккаву танҳо, аз ҷумла ба 39 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд бо таври ройгон хизматрасонии иҷтимоӣ расонида мешаванд. Дар назди Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ «Буду боши рӯзона» барои 27 нафар маъюбон ва пиронсолони яккаву танҳо ташкил карда шудааст, ки ҳар рӯз онҳо як маротиба бо хӯроки гарм таъмин гардида, барои онҳо шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Бахшида ба ҷашнҳои миллӣ дар ҳамаи мактаб-парваришгоҳҳои ҳудуди вилоят, хонаи пиронсолон дастурхони идона ороста, тӯҳфаҳои идонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва сарпарастон тақдим гардиданд.

Инчунин, оилаҳои камбизоат, беморони барҷомонда, кӯдакони маъюбу ятим аёдат гардида, аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ ёфтанд. Дар маҷмӯъ дар арафаи рӯзҳои таърихӣ ва идҳо ба табақаҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ ба маблағи 21,3 млн. сомонӣ кӯмакҳои моддӣ ва молиявӣ расонида шудаанд.

### 13.7. Иҷроиши барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ;

Бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 "Дар бораи Барномаи миллии тавонбахши маъюбон барои солҳои 2017-2020" дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Бахшида ба Рӯзи маъюбон бо қарори Раиси вилоят барои 20 нафар маъюбони гурӯҳи якум ва маъюб аз кӯдакӣ маблағ дар ҳаҷми 200 сомонӣ ба ҳар кадоме дастрас карда шуд. Ҳамчунин бо қарори Раиси шаҳр ба 30 нафар маъюбон дар ҳаҷми 100 сомонӣ ёрии молиявӣ расонида шуда, дар маҷмааи фароғатии "Манижа" ба 60 нафар маъюбон дастархони идона ташкил карда шуда, барномаи фарҳангӣ ба роҳ монда шуд. Санаи 15-уми октябри соли 2019 Рӯзи Асои сафед ҷашн гирифта шуда, ба 23 нафар маъюбони гуруҳи 1-ум аз рӯи нобиноӣ кӯмаки молиявӣ бо қарори Раиси вилоят дар ҳаҷми 300 сомонӣ ва бо қарори Раиси шаҳр 150 сомонӣ ба ҳар кадоме дастрас карда шуд. Дар маҷмӯъ бахшида ба Рӯзи маъюбон ва рӯзи асои сафед 19150 сомонӣ дастрас карда шудааст.

Дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шаҳри Гулистон "Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» амал менамояд. Ҷиҳати иҷрои қарори Раиси вилоят аз 17.02.2017, №66 Оид ба татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 «Дар бораи Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020»

қарори Раиси шаҳри Гулистон аз 6-уми марти соли 2017, №64 ва қарорҳои дахлдори раисони ҷамоати шаҳракҳо қабул гардида корбарӣ ба роҳ монда шудааст. Санаи 14-уми январ то 27-уми сентябри соли 2019 ҷаласаи шаҳрии Шӯрои ҳамоҳангсозии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр оид ба масъалаҳои солимгардонӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои имконоти маҳдуди ҷисмонӣ гузаронида шуда, нисбати ҳар як аъзои Шӯро оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми октябри соли 2016, 455 "Дар бораи Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020" дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд. Дар шаҳри Гулистон ҳамагӣ 718 нафар маъюбон, аз он ҷумла 382 нафарошон занҳоро ташкил дода, маъюбони гурӯҳи I – 74 нафар, гурӯҳи II – 354 нафар, гурӯҳи III – 149 нафар ва маъюбони то 18-сола 141 нафарро ташкил медиҳанд, ки ба онҳо ҳар моҳ нафақа пардохт шуда истодааст. Илова бар ин онҳо аз пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва истифодаи об 50% озод карда шудаанд. Ба 15 нафар кӯдакони имкониятащон маҳдуд (маъюб) омӯзгорон вобаста шуда, ба онҳо таълими хонагӣ ба роҳ монда шудааст. Ба 1 нафар маъюби аз кӯдакӣ ҷиҳати гирифтани роҳравак ва ба 4 нафар маъюби гурӯҳи якум аробачаи маъюбӣ аз тарафи шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят дастрас карда шудааст. Дар арафаи иди кӯдакон баҳри болида гардонидани хотири кӯдакон ба 30 нафар маъюби бистаришуда аз буҷети маҳаллӣ 100 сомонӣ ва аз тарафи соҳибкор 100 сомонӣ кӯмаки яквақтаи пулӣ супорида шудааст. Боиси қайд аст, ки хатсайри мусофиркашонии (автобусҳои ҳозиразамон) самти Хуҷанд-Гулистон мавриди истифода қарор гирифт, ки маъюбони гурӯҳи I аз он ба таври ройгон истифода менамоянд. Масъалаи сохтани пандусҳо дар муассисаҳои тандурустӣ, мағозаҳо, боғҳои истироҳатӣ ва дигар биноҳои муассисаҳо ба инобат гирифта шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

Мактуби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2019, №1-4/8790-8581 ба Кумитаи рушди маҳал ворид гардида, дар он вобаста ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта қайд карда нашудааст.

Вале ҳамкории Вазорат бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолону маъюбон назаррас мебошад.

Шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Гулистон, Бӯстон, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Б.Ғафуров, Ашт, Айнӣ ва Спитамен ташкил карда шудааст.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг
## (банди 36-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ 14.1. (14.1, 14.2) Сохтмон ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихи арзёбӣ гардиданд.**

Дар вилоят 362 китобхона, 133 муассисаи клубӣ, 6 клуби сайёр, 94 қаср, кох ва хонаҳои фарҳанг, 1 осорхонаи ҷумҳуриявӣ, 1 осорхонаи таърихии вилоятӣ, 9 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 5 осорхонаи шахсӣ ва 6 хона-музей, 2 маҷмааи фарҳангӣ, 1 амфитеатр, 1 маркази фарҳангӣ-фароғатӣ, 21 боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, 5 театри халқӣ, 7 театри касбӣ, 4 ансамбли тарона ва рақс, 2 филармонияи халқӣ, 30 мактаби бачагонаи санъат, мусиқӣ ва рассомӣ, 11 ансамбли шашмақом, 1 гурӯҳи ҳаҷвӣ, 5 ансамбли фолклорӣ-этнографӣ, 2 ансамбли "Фалак", 1 ансамбли дойранавозон, 1 ансамбли карнайнавозон, 17 ансамбли рақсӣ, 6 ансамбли эстрадӣ, 2 радио ва 1 телевизиони маҳаллӣ фаъолият доранд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1291 ёдгории таърихию фарҳангӣ мавҷуд буда, аз онҳо 13 адад аҳамияти умумибашарӣ, 91 адад аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 1187 адад аҳамияти маҳаллӣ доранд. Ин ёдгориҳо муаррификунандаи фарҳанги оламшумули миллати тоҷик арзёбӣ гардида, барои ҷалби сайёҳон аз хориҷи дуру наздик мусоидат менамоянд, ки маълумотҳои мазкур  нисбат ба нуҳмоҳаи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

Дар вилоят "Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020» ва «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» татбиқ шуда истодаанд. Тибқи нақшаи чорабиниҳои Барномаҳои мазкур бинои муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳо марҳила ба марҳила таъмиру тармим гардида, бо таҷҳизоти техникӣ, сарулибоси саҳнавӣ, асбобҳои мусиқӣ, мизу курсӣ муҷаҳҳаз гардида истодаанд. Инчунин, ҷиҳати ҳифз ва барқароркунии ёдгориҳои таърихӣ бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорон корбарӣ ба роҳ монда, давоми солҳои охир якчанд ёдгориҳои таърихӣ таъмир ва барқарор карда шудааст.

Дар асоси "Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангӣ барои солҳои 2016-2020" заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои вилоят марҳила ба марҳила тақвият меёбад.

Дар соли ҷорӣ низ таваҷҷуҳ ба рушди соҳа бештар гардида, дар Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Қасри фарҳанг бо 400 ҷойи нишаст бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи таҷлили ҷашни Наврӯзи ҳуҷастапай ифтитоҳ ёфт. Илова бар ин, бунёди Қасри фарҳанг дар Ҷамоати деҳоти Ворухи шаҳри Исфара бо сарфи 12,0 млн. сомонӣ ва дар ноҳияи Мастчоҳ бунёди Қасри фарҳанг ба истиқболи ҷашни

Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар соли 2020 бо харҷи 22,0 млн. сомонӣ босуръат идома дорад.

Мушкилоти боздорандаи рушди соҳаи фарҳанг айнан мисли маълумоти пешниҳоднамудаи нуҳмоҳаи соли 2019 такрор ёфта, дар шаҳри Бӯстон норасоии мутахассисони соҳаи театрӣ, дар ноҳияҳои Деваштич ва Айнӣ ба таъмир ниёз доштани китобхонаҳои деҳотӣ, дар шаҳри Хуҷанд ба феҳрасти ёдгориҳои ЮНЕСКО ворид намудани ёдгориҳои меъморию фарҳангӣ, дар шаҳри Конибодом таъсиси китобхонаи электронӣ, дар ноҳияи Шаҳристон ва шаҳри Истиқлол таъсиси мактаби мусиқии бачагона, дар ноҳияи Ашт таъсиси студияи сабти овоз буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати ҳалли мушкилот бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро тақвият бахшанд.

Мактуби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2019, №2-03/3114 вобаста ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа чунин маълумот манзур намудааст.

Дар театри давлатии русии драмавии ба номи А.С.Пушкини шаҳри Бӯстон давоми соли 2019 ба театр 5 нафар ҷавонон ҷалб карда шуда, норасогии мутахассисон пурра бартараф карда шудааст.

Ҳамзамон, бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ ва ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ якчанд муассисаҳои фарҳангӣ аз таъмир бароварда шудааст. Китобхонаи ноҳия Айнӣ ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ аз нав барқарор карда шудааст.

Инчунин, китобхонаи деҳаи Кум аз ҳисоби хоҷагии деҳқонии "Деваштич" ба маблағи 1000 сомонӣ таъмир карда шуда, аз ҳисоби шахсони саховатпеша клуби деҳаи Махшеват ба маблағи 7 ҳазорсомонӣ пурра таъмир гардидааст.

## 15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ: (банди 2, 32-и паём)

**Нишондоди пешакии 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон арзёбӣ гардиданд.**

### 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,

**15.1. (15.1) Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи карзи он),**

Дар марказҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят 401969 нафар буда, аз он 313242 нафар ба оби тозаи нӯшокӣ пурра дастрасӣ доранд. Сатҳи

таъминоти аҳолии маркази шаҳру ноҳияҳо, ки аз ҷониби КДФ “Обу канализатсия” бо об таъмин мешаванд, 77,9 фоизро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон 112,0% (+25,8% нисбат ба нимсолаи аввали соли 2019), Бӯстон 100,2% (+0,2%), Исфара 99,9% (+70%), Панҷакент 99% (+45,4%), Кӯҳистони Мастчоҳ 100% (+19,6%), Айнӣ 97,8% (+21,8%), Хуҷанд 90% (+10,0%), Спитамен 93,4% (+30,4%), Ашт 92,1% (+31,5%), Мастчоҳ 85% (+3,2%), Деваштич 80% (+28,1%), Бобоҷон Ғафуров 79,3% (-2,2%), Истаравшан 75,1% (-6,9%) ба назар расида, ин нишондодҳо нисбати нуҳмоҳаи соли 2019 бетағийр боқӣ мондааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов 69,5% (+22,4%), Зафаробод 60,8% (-6%), Шаҳристон 50,6% (-39,9%), Истиқлол 47,2% (-32,8%), Конибодом 29,7% (-12,4%) ташкил дода, корҳо барои ҷалби сармояи беруна ва дохила, соҳибкорони маҳаллӣ дар ин самт вусъат бахшида шавад.

**Қарзи истифодаи оби нӯшокӣ**

Дар давраи ҳисоботӣ ба аҳолӣ ба маблағи 29775,2 ҳазор сомонӣ оби нӯшокӣ расонида, ҳаққи истифодаи об дар ҳаҷми 29147,6 ҳазор сомонӣ ҷамъ оварда шудааст, ки 97,9 фоизро ташкил медиҳад. Бақияи қарзи оби истифодашуда дар соли ҷорӣ 13270,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 4210,5 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 2990,7 ҳазор сомонӣ, Исфара 2065,1 ҳазор сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 1258,6 ҳазор сомон, Бӯстон 1159,5 ҳазор сомонӣ, Ашт 498,9 ҳазор сомонӣ, Истиқлол 479,5 ҳазор сомонӣ, Мастчоҳ 468,4 ҳазор сомонӣ, Конибодом 580,7 ҳазор сомонӣ, Гулистон 454,6 ҳазор сомонӣ, Панҷакент 581,3 ҳазор сомонӣ, Зафаробод 770,1 ҳазор сомонӣ, Шаҳристон 186,7 ҳазор сомонӣ, Спитамен 141,0 ҳазор сомонӣ, Деваштич 240,9 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 153,6 ҳазор сомонӣ ва Айнӣ 21,4 ҳазор сомонӣ мавҷуд мебошад.

Қарзҳои калон аз истифодаи оби нӯшокӣ дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Исфара, Бобоҷон Ғафуров ва Бӯстон мавҷуд буда, дар баробари ин, зиёдшавии қарз нисбат ба нуҳмоҳаи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ, Конибодом, Шаҳристон, Деваштич ва Ҷаббор Расулов ба миён омадааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати кам намудани бақияи қарз чораҳои зарури адешида шавад.

**15.1. (15.2.) Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ**

Баҳри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокии аҳолӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 “Барномаи беҳтар намудани вазъи таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020” тасдиқ гардида, дар соли 2019

барои таъминоти оби нӯшокии аҳолии вилоят 23529,6 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, ҷудо намудани маблағ аз буҷети мутамарказ 3504,9 ҳазор сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 2335,6 ҳазор сомонӣ, маблағҳои худӣ 1167,9 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби сармоягузориҳо 16251,2 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта, дар моҳҳои январ-декабри соли ҷорӣ ба маблағи 34784,7 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро гардиданд. Аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети мутамарказ 1178,1 ҳазор сомонӣ, буҷети вилоят ва шаҳру ноҳияҳо 6415,2 ҳазор сомонӣ, сармояи хориҷӣ 25887,2 ҳазор сомонӣ ва маблағҳои худии соҳа 1304,2 ҳазор сомонӣ маблағ барои татбиқи лоиҳаҳои барнома равона гардидаанд.

Амалигардонии лоиҳаи инвеститсионӣ дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 7,871 млн сомонӣ, Истаравшан 3 млн 610 ҳазор сомонӣ, Шаҳристон ба маблағи 12 млн. сомонӣ, шаҳрҳои Бӯстон 800 ҳазор. сомонӣ, Хуҷанд 1,8 млн. сомонӣ, дар ноҳияи Деваштич гузаронидани 5,6 км хатти оби нӯшокӣ, дар шаҳри Гулистон 6,5 км қубури обгузар таъмир карда шуда, дар ноҳияи Ашт 250,0 ҳазор сомонӣ маблағ ба ин мақсад ҷудо гардидааст ва 4,1 км. хати нави обтаъминкунӣ дар маркази ноҳия иваз карда шудааст.

### 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020,

Ба аҳолии шаҳри Хуҷанд аз ҷониби корхонаи “Хуҷандобуканал” тавассути ду манбаи обтаъминкунӣ: рӯизаминӣ ва зеризаминӣ об расонида мешавад. Манбаи рӯизаминӣ аз оби сойи Хоҷабақирғон бо канали КДФ “Хоҷабақирғон” ва 12 чоҳи амудии захиравӣ бо об таъминшуда, тавассути лӯлаи об ба шаҳри Хуҷанд интиқол дода мешавад. Инчунин, 2 ҳавзи захиравии ғунҷоишаш 1000 метри мукааб ва 2 ҳавзи ғунҷоишаш 6000 метри мукааб барои тахшинкунӣ ва интиқоли об хизмат мерасонанд. Иқтидори лоиҳавии истеҳсоли об дар як шабонарӯз 85000 метри мукааб буда, дар соли 2019 ҳамагӣ 17245,0 ҳазор метри мукааб об истеҳсол карда шудааст. Дар мувозинаи корхона ҳамагӣ 85 чоҳи амудӣ мавҷуд мебошад, ки нисбати ҳисоботи нуҳмоҳаи соли 2019 тафовут надорад.

Мавриди зикр аст, ки дар асоси Барномаи мазкур аз тарафи ҶДММ “Сичиён” магистрали асосии обтаъминкунии шаҳри Истаравшан ба масофаи 14400 метр ба маблағи 3 млн 610 ҳазор сомони бо қубурҳои полиэтиленӣ дар кӯчаҳои маҳаллаҳои шаҳр таъмин ва насб карда шуданд.

Мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии шаҳр дар хамкорӣ бо муассисаи давлатии «Сарраёсати Тоҷикобдеҳот» дар вилояти Суғд 24 адад дархости лоиҳавӣ оиди бо об таъмин намудан деҳаҳои ба об ниёз дошта, пешниҳод карда шудааст.

Дар шаҳри Истаравшан дар доираи Барнома 7 адад техникаҳо ба маблағи 1,486,2 ҳазор сомонӣ, як бастаи таҷҳизоти лабораторӣ барои ташхисгоҳ ба маблағи 326,3 ҳазор сомонӣ, 4100 адад ҳисобкунакҳои обӣ ба

маблағи 2,252,4 ҳазор сомонӣ, 8 адад механизмҳо ба маблағи 206,7 ҳазор сомонӣ ворид шуда, дар истеҳсолот истифода шуда истодаанд.

Дар шаҳри Гулистон барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ давоми давраи ҳисоботӣ дар шаҳру шаҳракҳо 4546 метр хатти қубурҳои нави оби нӯшокӣ, 300 метр қубурҳои ташнобгузари нав васл карда шуда, 5300 метр қубурҳои обгузар таъмир карда шуданд. Аз ҷумла, дар шаҳраки Адрасмон барои таъмири 900 метр қубурҳои обгузар, таъмири насоси обкашӣ ва безараргардонидании оби ошомиданӣ маблағ ба андозаи 16500 сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Инчунин, дар шаҳраки Чоруқдаррон 600 метр қубурҳои обгузар, як насоси обкашӣ ва дар шаҳраки Зарнисор 500 метр, шаҳраки Сирдарё 500 метр, шаҳраки Консой 600 метр қубури обгузар таъмир ва иваз карда шуданд. Соли 2019 тибқи нақшаи тасдиқшуда, барои иҷрои Барномаи мазкур аз буҷети маҳалӣ 751000 сомонӣ маблағ пешбинӣ гардида, дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва корхонаю ташкилотҳо 1 миллиону 025 ҳазор сомонӣ пардохт карда шудааст, ки 136 фоизи иҷрои нақшаро ташкил додааст.

### 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор, 2018-2028" дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон.

Дар соли 2019 вобаста ба масъалаи аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028" эълон гардидан, дар вилояти Суғд чорабиниҳо ва тадбирҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст. Бо ин назардошт ба масъалаҳои таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданию полезӣ аҳамияти бештар зоҳир мегардад, зеро бо баробари мавҷудияти захираҳои бойи оби нӯшокӣ дар Тоҷикистон бобати таъминот бо оби нӯшокию полизӣ дар аксар шаҳру ноҳияҳои вилоят норасоии об дида мешавад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои амалигардонии Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷуҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007 – 2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.06.2006 с., №514) мусоидат намуда, ҷиҳати ҳалли пардохти қарзи оби ошомиданӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

### Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ

### 15.5. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ, низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 28 партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ ва 24 партовгоҳи истеҳсолӣ мавҷуданд. Партовгоҳи партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд тавассути Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд» бо дастгирии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, таҷдид ва азнавсозӣ карда мешавад. Дар марҳилаи якуми барномаи мазкур 18 нақлиёти махсуси партовкашонӣ ва 1584 қуттии партов дастрас гардида, дар марҳилаи дуюм дастрас намудани 19 нақлиёти махсус пешбинӣ шуда, то ин давра 12 нақлиёт ворид карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ баҳри иҷрои «Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020» ва талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ва «Дар бораи маърифати экологӣ» корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқоту тарғибот ба роҳ монда, дар матбуоти даврӣ 271 мавод ба чоп расида, ба воситаи телевизион 382 гузоришу барномаҳо намоиш дода шуданд ва дар радио 295 гузориши мустақим ва навидҳо таҳия гаштанд.

Масъалаҳои таъмини устувории экологӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, рӯйпӯшкунии партовгоҳҳои радиатсионӣ, бартараф намудани партовгоҳҳои ғайриқонунӣ дар доираи «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» амалӣ гардида истодаанд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 151 семинару сӯҳбати атрофи мизи мудаввар, 26 озмун, 42 намоишгоҳ, 894 сӯҳбат бо аҳолӣ, 367 вохӯрӣ дар мактабҳо ва 145 вохӯрӣ дар боғчаҳо гузаронида шудааст.

Дар шаҳри Хуҷанд 1 адад партовгоҳи умумишаҳрӣ ва 175 нуқтаҳои муваққатан ҷамъоварии партовҳо мавҷуд буда, бо 900 адад қуттиҳо таҷҳизонида шудааст, ки инҳо дар мувозинати КВДК “Хизматрасонии нақлиёти санитарии шаҳри Хуҷанд” мебошад

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҳамкорӣ бо КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ҷиҳати ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳо барои фаъолияти корхонаҳои “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” чораҳои иловагӣ андешанд.

### 15.6. Корҳои анҷомдодашуда дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо) дар шаҳру ноҳия (дар асоси иҷрои ваколатҳои ММХД ҚҶТ “Дар бораии ҳифзи муҳити зист” моддаи 10)

ҚҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист”

Моддаи 10. “Ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист”

Банди 2. Таҳия ва татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров барномаҳои соҳавии ҳифзи муҳити зист, ки дар ноҳия амалӣ шуда истодаанд, ин Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 ва Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020» мебошад.

Бо мақсади амалӣ гардонидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 апрели соли 2015, №178 ва қарори раиси вилояти Суғд аз 25 майи соли 2015, №263 оид ба иҷроиши нақша-чорабиниҳои «Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020» қарори раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз 29 майи соли 2015, №564 тасдиқ гардидааст.

Барои таъмини иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №123 ва қарори раиси вилояти Суғд аз 29 декабри соли 2009, №331 «Дар бораи татбиқи Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» қарори раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз 12 январи соли 2010, №66 ба тавсиб расида дар мавриди амал қарор дорад. Бо мақсади баланд бардоштани тарбия ва дониши экологии мактаббачагон, ташакули мавқеи фаъоли мактаббачагон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ҷалби онҳо ба муаммоҳои экологӣ, байни мактаббачагон соли сипаргардида бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмун дар мавзӯи “Тирамоҳи Заррин” гузаронида шуда ғолибон барои иштирок ба озмуни вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабии ноҳия қитъаҳои замини наздимактабӣ мавҷуд буда, аз тарафи нозирони шӯъбаи муҳити зист ва зерсохторҳои он ҷиҳати самаронок истифода бурдани он, аз ҷумла ташкили гӯшаи зинда, тарзи парвариши ниҳолу гулу буттаҳо дастурҳо дода мешавад.

Бо мақсади тарбияи экологии хонандагон дарсҳои кушод дар қитъаҳои наздимактабӣ гузаронида мешавад. Дар китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия гӯшаи махсус оид ба экология ташкил карда шуда, байни созмонҳои талабагӣ, маҳфилчиёни маркази таҳсилоти иловаг ва истироҳатгоҳҳо мунтазам оид ба экология озмуни расмҳо ва иншоотҳо баргузор мегардад.

Оид ба ин масъала қарори раиси шаҳри Бӯстон аз 8 ноябри соли 2010, №364 “Дар бораи татбиқи Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009– 2019 қабул гардида, дар шаҳри Бӯстон” дар нуҳ моҳи соли 2019 партовгоҳи радиоактивии Деҳмой ҳамагӣ 83 фоиз иқтидори ғунҷоишиаш истифода гаштааст ва он мақоми амалкунанда дорад.

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ вобаста ба ҳифзи муҳити зист «Барномаи давлатии экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2020», «Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020», «Барномаи мониторинги муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон»,

«Консепсияи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидаанд, ки дар асоси онҳо корҳо ба роҳ монда шуда, дар ҳудуди ноҳия дар мавзӯъҳои «Инсон ва табиат», «Мо дӯстдори табиатем» дар ҳамаи соҳаҳо баҳри баланд бардоштани маърифати экологӣ аҳолии ноҳия вохӯриҳо ва чорабиниҳо баргузор шуда истодаанд. Дар рӯзномаи ноҳиявии «Паёми Кӯҳистон» оиди ин масъала ду маротиба маводҳои тарғиботӣ нашр карда шудаанд.

Айни замон норасогии кадрҳои соҳибмаълумоти соҳаи ҳифзи муҳити зист ба чашм мерасад.

Дар шаҳри Гулистон бо мақсади иҷрои бандҳои "Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 ва "Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019" дар шаҳру шаҳракҳо бо аҳолӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳо, омӯзгорон ва хонандагон 12 маротиба вохӯрӣ оид ба "Тозагии маҳал", "Тарзи нигоҳ доштан ва ҷамъоварӣ намудани лампаҳои каммасрафи симобдор", "Нигоҳдории минтақаҳои кабудизоркардашуда" ва 3 маротиба семинар дар мавзӯи "Об омили асосии рушди устувор", "Об барои рушди устувор", "Тоҷикистон сарчашмаи оби зулол" ташкил ва баргузор карда шудааст.

Бо истиснои шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида, дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят вобаста ба иҷрои ваколатҳои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар қонуни мазкур пешбинигардида, маълумот пешниҳод накардаанд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Суғд, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои амалигардонии лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дар ҚҶТ "Дар бораии ҳифзи муҳити зист" пешбинигардида ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият диҳанд.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. (16.1, 16.2) Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқarrаргардида, арзёби гардиданд.**

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда

### 16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо,

Ҷиҳати пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқулодда ва бурдани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар деҳаҳои Анзоб, Сангистон, Марғузор, Ҳайронбед, Пасруд, Кум, Мадми ноҳияи Айнӣ аз ҳисоби соҳибкорони маҳалӣ ва

ташкилотҳои ғайридавлатӣ корҳо ба сомон расонида шудааст, ки дар ин самт натиҷаҳои назаррас дар ин ноҳия ба қайд гирифта шудааст.

Дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” корҳо ба роҳ монда шуда, дар ин муҳлат аз 132 объектҳои санҷидашуда, 16 адад соҳаи об, 9 адад соҳаи замин, 9 адад соҳаи наботот, 1 адад ҳайвонот, 2 адад моҳӣ, 24 адад соҳаи партов, 28 адад соҳаи КФМУ ва 17 адад экспертиза дида баромада шудааст. Аз 253 адад супоришҳои додашуда 253 адад супориш иҷро карда шудааст.

Барои беҳтаргардонии фаъолияти Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании шаҳри Истиқлол ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар ин давра 22 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда шудааст. Дар миқёси шаҳр 11 адад паноҳгоҳ, 3 адад паноҳгоҳи зиддирадиатсионӣ вуҷуд доранд, ки 6 адади он таъмир карда шудааст.

Дар шаҳри Конибодом дар якҷоягӣ бо Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳр ҷиҳати корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ тадбирҳо андешида, дар селроҳаи №12 дар Ҷамоати деҳоти А. Лоҳутӣ ба масофаи зиёда аз 700м тоза карда шуда, дар селроҳаи №3 дар Ҷамоати деҳоти Р. Ҳамробоев ба масофаи 1787 метр барқарор карда шуда,садди муҳофизатии канали “Рапқон” корҳои барқароркунӣ ба анҷом расонида шуда, бо дарозии 2634 метр ба маблағи 41,2 ҳазор сомонӣ ба иҷро расонида шудааст.

Ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ дошта 2 адад ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа ба 95 хонаҳои истиқоматии аҳолии Ҷамоати деҳоти ба номи Ғафурҷон Ортиқов ва кӯчаи Бобокалонови ҳудуди шаҳр аз омадани сел ва боришти пай дар пай зарари моддӣ расонида шудааст, ки зарари расонидашуда ба маблағи умумӣ 8 млн 345 ҳазору 329 сомониро дарбар мегирад, ки ин нишондиҳанда нисбати нуҳмоҳаи соли 2019 бетағийр боқӣ мондааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Мастчоҳ 37 адад ҳодисаи фавқулоддаи хусусияти техногенидошта рух додааст, ки аз он 26 ададашро сӯхтор ташкил дода, маблағи зарари расонидашуда дар ин самт 156 ҳазору 435 сомониро дарбар гирифт. Ҳамчунин дар ин давра 7 садамаи нақлиётӣ рух додааст, ки дар натиҷа 3 нафар ҳалок гардида, 7 нафар ҷароҳат бардоштаанд.

Дар ноҳия дар давраи ҳисоботӣ инчунин 5 ҳолати фавқулоддаи хусусияти табиидошта ба қайд гирифта шудааст.

Баҳри пешгирии ҳолатҳои фавқулодда дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия аз тарафи аҳолӣ бо ҷалби техникаҳои идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия бо тариқи ҳашар заҳбуру заҳкашҳо ва селроҳаҳо ба миқдори 4565 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва тозакунӣ гузаронида шудааст.

Мувофиқи нақшаи тасдиқгардидаи гузаронидани аксияҳои «Тозагии маҳал» ва «Тозагии соҳил» дар ҳудуди ноҳияи Спитамен ва Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия мунтазам гузаронида шуд, ки дар рафти баргузории

аксияҳо 6200 нафар сокинон иштирок намуданд. Дар ҷараёни баргузории ин чорабиниҳои тозагӣ кӯчаю хиёбонҳо, маҳалҳои аҳолинишин, соҳилҳои сойи Яхшӯ, Ширинсой, Исфансой, каналҳои Шавкат, Қаросу, Ҷангоб пурра аз партовҳо тоза карда шудааст.

Бо пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва шӯъбаи Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданини вилояти Суғд дар шаҳри Панҷакент бо дастгирии Барномаи идоракунии хавфи ҳолатҳои фавқулоддаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид дар Тоҷикистон сои Амондараи деҳаи Амондара шурӯъ аз моҳи январи соли ҷорӣ корҳои тоза намудани сой ба масофаи зиёда аз 4 км 600м ба маблағи зиёда аз 800 ҳазор сомонӣ оғоз гардида, то ҳол идома дорад.

Инчунин симтӯрхалтае, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардида буд як миқдор ба Ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан барои Сойи Зебон, Ҷамоати деҳоти Ёрӣ деҳаи Миндона ва Зиддӣ, Ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ деҳаи Артуч ва Шашқат ва канали Халифа Ҳасан дастрас гардида, ба тариқи ҳашар корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ рафта истодааст.

Дар шаҳри Хуҷанд 1101 оилаҳо дар маҳаллаҳои сатҳи оби зеризаминиашон баланд мешуда, аз ҷумла, кӯчаи 1 майи хиёбони Раҳмон Набиев ва маҳаллаи “Раззоқ” истиқомат доранд.

Инчунин бояд зикр намуд, ки дар соҳили рости шаҳр 10 адад селроҳаҳо мавҷуд мебошад, ки дарозии онҳо тақрибан 31680 метрро ташкил медиҳанд.

Ҷиҳати пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда дар асоси қарори раиси шаҳри Хуҷанд аз 11.04.2019 сол №260 “Дар бораи ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба муҳоҷирони экологӣ” дар давраи ҳисоботӣ ба се оилаҳо аз ҳисоби заминҳои маҳаллаҳои 14-15 бо ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба ҳар як оила 0,06 га ҷудо карда шуда, барои сохтмони манзили истиқоматӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст.

Дар ноҳияи Деваштич барои пешгирии зарари офати табии ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда, ки дар деҳаҳои Овчӣ, Угук, Метки Ҷамоати деҳоти Ваҳдат, деҳаҳои Сурхобча, Сурхоб ва Качровути Ҷамоати деҳоти Исмоили Сомонӣ, деҳаҳои Росровут, Хишекат, Офтобрӯ ва Даҳкати Ҷамоати деҳоти Росровут дар минтақаҳои хавфнок ҷойгир мебошанд, ки шумораи  умумии деҳаҳои номбаршуда аз 30 000 нафар зиёд мебошанд. Корҳои кабудизоркунӣ, шинонидани ниҳолҳо дар ҳудуди Ҷамоатҳои деҳоти мазкур ҳамасола тибқи нақшаи алоҳида ба роҳ монда мешаванд.

Барои пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда дар деҳаҳои Шаҳристон, Турсунзода, Ҳисор, Истиқлол, Темурмалик, Себзор, Саробӣ, Ободӣ ва Фирдавсии ноҳияи Шаҳристон дар минтақаҳои хавфноки сойҳо маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир буда, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ аз тарафи масъулини соҳа, ҷамоатҳои

деҳот ва бо ҷалби аҳолии деҳаҳо ба роҳ монда шуда, корҳо дар ин самт идома дорад.

Дар шаҳри Гулистон бо мақсади бехатарии аҳолӣ аз ҳолати фавқулоддаи табиӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия шудааст. Дар ин давра чор хоҷагӣ аз деҳаи Навободи шаҳраки Зарнисор ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуданд.

Фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар пешгирии зарари офатҳои табиӣ ва бурдани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ заминаи мусоид гузошта, дар ин самт ҳамкории зич бо вазорату идораҳои марбута ва фаъолияти дастаҷамъонаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ, тақвият дода шавад.

### 16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқаррargардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”);

Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он 28 партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ ва 24 партовгоҳи истеҳсолӣ мавҷуд мебошад, ки нисбати нуҳмоҳа ин рақамҳо тағийр наёфтааст.

Партовгоҳи партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд тавассути Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд» бо дастгирии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, таҷдид ва азнавсозӣ карда мешавад. Дар марҳилаи якуми барномаи мазкур 18 нақлиёти махсуси партовкашонӣ ва 1584 қуттии партов дастрас гардида, дар марҳилаи дуюм дастрас намудани 19 нақлиёти махсус пешбинӣ шуда, то ин давра 12 нақлиёт ворид карда шуд. Инчунин, дар ин марҳила сохта ба истифода додани зиёда аз 100 нуқтаи партовҷамъкунӣ назардошт шудааст.

Дар шаҳри Бустон масоҳати умумии қитъаи замини партовгоҳи муассисаи давлатии “Раёсати хоҷагии манзилии коммуналӣ”-и шаҳри Бӯстон” 24,2 га. мебошад. Миқдори солонаи ҷамъкунии партовҳо 24,0 ҳазор метри мукааб буда, партовгоҳ дар масофаи 250 метр болотар аз роҳи нақлиётгарди Ғозиён-Қотма ҷойгир карда шудааст.

Дар ноҳияи Спитамен бахри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №97, аз 03.03.2011, қарори Раиси вилояти Суғд таҳти №175, аз 24.05.2011 ва қарори Раиси ноҳияи Спитамен таҳти №232, аз 08.06.2011 «Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор», дар ноҳияи Спитамен корҳои назаррас ба амал оварда шудааст. Қарори раисони ҷамоатҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо ва КВД «ХМК» оиди қабул, нигоҳдории лампаҳои симобдор низ ба имзо расонида шудааст.

Дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд 28 адад нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдор мавҷуд буда, аз тарафи мутахассисон 2 маротиба амалиёт гузаронида шудааст.

Ҷиҳати ҷамъоварӣ намудани лампаҳои симобдори корношоям дар нуқтаҳои қабул дар асоси эълонномаҳо ва реҷаи корӣ лампаҳои каммасрафи аз кор баромада аз аҳолӣ қабул карда шуда, КВДК "Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ" ва КВДК "Хизматрасонии нақлиёти санитарии шаҳри Хуҷанд" оиди безарар гардонидани он дар доираи ваколати худ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки барои ҳалли муаммоҳои ҷойдошта тамоми имконият ва захираҳои мавҷудбударо роҳандозӣ намояд.

Дар ҳудуди идораи КВД «ХМК», ҷамоатҳо ва корхонаҳои калон ҷои махсус барои қабул ва нигоҳдории лампаҳои симобдор ва дафтари қайди қабули лампаҳои симобдор ташкил карда, бо қарори онҳо шахсони масъул таъин карда шудааст.

Дар нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдори корношоям, аз корхона ва аҳолӣ лампаҳои симобдори корношоямро қабул карда, дар дафтари қабул сабт карда мешавад.

Дар бораи ташкил намудани системаи безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор чораҳои зарурӣ андешида шуда, дар давраи ҳисоботӣ 35 адад санадҳо барои ислоҳи камбудиҳо тартиб дода шуда, аз он 33 ҳолат камбудиҳо бартараф карда шудааст. Илова бар ин, 1 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, ба андозаи 1650 сомонӣ ҷарима таъин карда, ситонида шудааст. Инчунин аз тарафи корхонаҳои ҶДММ САТН 10280 адад ва ҶДММ "Ҷавонӣ" 23223 адад лампаҳои каммасрафи симобдори корношоям барои безараргардонӣ ба соҳибкори инфиродӣ "Раҳимов А", ки рухсати ин гуна фаъолиятро дорад, бо тариқи шартнома супорида шудааст, ки он ба шаҳри Исфара, шаҳраки Ким кашонида шудааст.

Дар шаҳр нуқтаҳои коркарди лампаҳои каммасрафи симобдор вуҷуд надорад. Лекин аз тарафи соҳибкори инфиродӣ Рахимов А. 24000 лампаҳо барои коркард ба шаҳри Исфара бароварда шуд. Алҳол 11023 адад лампаҳо дар нуқтаҳо мавҷуд мебошад.

Дар шаҳри Гулистон дар ҷамоати шаҳракҳо ва маркази шаҳр 7 нуқтаҳои ҷамъоварӣ ва супоридани лампаҳои симобдор фаъолият мекунанд. Ин нуқтаҳо бо контейнерҳои махсус муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Дар давоми соли 2019-ум аз аҳолӣ дар маҷмӯъ 35023 дона лампаҳои симобдор қабул карда шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданин назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

Мактуби Кумитаи ҳолатҳои фақулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №5/3-2012 доир ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва ҳамкории Кумита бо мақомоти маҳаллӣ чунин маълумот манзур намудаанд.

Барои омода намудани ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи граждании ҷиҳати ба таври муташакилона амал намудан ҳангоми баамаломадани ҳолатҳои фавқулодда Кумита бо ҳайати роҳбарикунанда ва қувваю воситаҳои мудофиаи граждании шаҳрҳои Хуҷанд ва Гулистон машқҳои мукаммали мудофиаи граждании баргузор карда шудааст.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 17.1. (17.1) Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани неруи эҷодии онҳо, 17.2. (17.2) Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, 17.3.(17.3, 17.4, 17.5) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш.**

### 17.1. (17.1) Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани неруи эҷодии онҳо

Шумораи умумии ҷавонони вилоят 906500 нафар буда, аз онҳо 449900 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Дар вазифаи роҳбарикунанда 277 нафар, ба ҳайси вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо 46 нафар ва вакилони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 166 нафар фаъолият доранд.

Бояд зикр намуд, ки мувофиқ ба маълумоти пешниҳодгардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар вилоят шумораи ҷавонон дар ҳайати роҳбарикунанда -397 адад дар ҳайати Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо -7 адад ва дар ҳайати Маҷлиси вакилони халқи шаҳраку деҳот -63 адад дар ноҳияи Ашт мувофиқ ба маълумот шумораи ҷавонон дар ҳайати роҳбарикунанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -14 нафар кам гардидааст, аз масъулин андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Шумораи ҷавонони нисбатан зиёд дар ҳайати роҳбарикунанда дар дар ноҳияи Мастчоҳ 40 (+2) нафар, шаҳри Гулистон 34 (+/-0) нафар, ноҳияи Зафаробод 32 (+1) нафар, шаҳри Бӯстон 27 (+2) нафар, шаҳри Истиқлол 26 (+4) нафар, шаҳри Истаравшан 16 (+4) нафар, шаҳри Панҷакент 11 (+1) нафар, ноҳияи Б.Ғафуров 10 (+/-0) нафар, шаҳри Хуҷанд 9 (+1) нафарро ташкил дода, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ 7 (+/-0) нафар, дар ноҳияи Шаҳристон 4 (+3) нафар, Айнӣ 4 (+1) нафарро ташкил дода, дар ноҳияҳои Ашт 13 (-14) нафар, Ҷ.Расулов 1 (-3) ва шаҳри Конибодом 28 (-4) нафар кам гардидааст, ки барои татбиқи

сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳал ҳамкории зич байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

Бояд зикр намуд, доир ба шумораи ҷавонон дар ҳайати роҳбарикунанда ноҳияҳои Деваштич ва Спитамен ягон маълумот пешниҳод нагардидааст.

**17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ**

Нақшаи тирамоҳии даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар иҷро гардида, нақша 2736 нафар иборат буда, иҷро 2738 нафарро ташкил намудааст, ки ин 100,1% буда, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 100,3%, ноҳияи Шаҳристон 100,2%, ноҳияи Айнӣ 100%, ноҳияи Зафаробод 100%, ноҳияи Мастчоҳ 100%, шаҳри Истаравшан 100%, ноҳияи Спитамен 100%, ноҳияи Ашт 100%, шаҳри Конибодом 100%, шаҳри Хуҷанд 100%, шаҳри Панҷакент 100%, шаҳри Истиқлол 100%, шаҳри Гулистон 100%, шаҳри Бӯстон 100%, ноҳияи Ҷаббор Расулов 100% ва ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ 100%-ро ташкил додааст.

**17.3. (17.3, 17.4, 17.5) Фароҳам овардани шароит барои ҷалби сокинон ба варзиш**

**17.3. (17.3) Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 51 паём);**

Дар соли 2019, дар маҷмӯъ, 121 иншооти варзишӣ, аз ҷумла 18 толори варзишӣ, 101 майдончаи варзишӣ ва 2 ҳавзи шиноварӣ бо маблағгузории буҷети маҳаллӣ ба маблағи 13 млн. 361 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳибкорон ба маблағи 28 млн. 220,6 ҳазор сомонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш дар шаҳри Панҷакент +142 адад (дар маҷмуъ 151 адад иншоотҳои варзишӣ), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +21 адад (241 адад), шаҳри Гулистон +19 адад (126 адад), ноҳияи Спитамен +16 адад (126 адад), ноҳияи Исфара +14 адад (114 адад), шаҳри Конибодом +11 адад (217 адад), ноҳияи Айнӣ +11 адад (100 адад), шаҳри Бӯстон +6 адад (119 адад), Мастчоҳ +5 адад (79 адад), ноҳияи Ашт +4 адад (168 адад), шаҳри Хуҷанд +4 адад (19 адад), шаҳри Истаравшан +3 адад (311 адад), ноҳияи Деваштич +3 адад (109 адад), ноҳияи Шаҳристон +3 адад (59 адад), ноҳияи Зафаробод +2 адад (81 адад), ноҳияи Истиқлол +2 адад (71 адад), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +2 адад (36 адад), ноҳияи Ҷаббор Расулов +-0 адад (77 адад) иншооти варзишӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидаанд, ки ба таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш таъсири мусбӣ мерасонад.

Шумораи нисбатан зиёди бунёди иншооти варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров, Спитамен, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Ашт, Истаравшан ва Айнӣ дида шуда, шароити мусоидро баҳри ҳарчи бештар

ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш фароҳам оварда, сохтмони шумораи ками иншооти варзишӣ дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ ба назар расида, дар ноҳияи Ҷ.Расулов нишондиҳанда бе тағйир мондааст, ки тақвият бахшидани фаъолиятро тақозо менамояд.

**17.3. (17.4) Нишондиҳандаҳои иншооти соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ.**

Тибқи маълумотҳои пешниҳод намудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд 2621 иншооти варзишӣ, новобаста аз шакли моликияташон, дар вилоят то ин давра ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 45 варзишгоҳ, 1817 майдончаи варзишӣ, 558 толори варзишӣ, 43 мактаби варзишӣ, 33 ҳавзи шиноварӣ ва 168 маҷмаа, иншооти махсуси варзишӣ аз қабили тир, боулинг, фитнес ва клубҳои ихтиёрӣ фаъолият доранд.

Баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш дар шаҳри Панҷакент 151 адад, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 241 адад, шаҳри Гулистон 126 адад, ноҳияи Спитамен 126 адад, ноҳияи Исфара 114 адад, шаҳри Конибодом 217 адад, ноҳияи Айнӣ 100 адад, шаҳри Бӯстон 119 адад, Мастчоҳ 79 адад, ноҳияи Ашт 168 адад, шаҳри Хуҷанд 19 адад, шаҳри Истаравшан 311 адад, ноҳияи Деваштич 109 адад, ноҳияи Шаҳристон 59 адад, ноҳияи Зафаробод 81 адад, ноҳияи Истиқлол 71 адад, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 36 адад, ноҳияи Ҷаббор Расулов 77 адад иншооти варзишӣ фаъолият дошта, барои таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш шароит фароҳам оварда шудааст.

Дар соли 2019 дар вилояти Суғд 826 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ баргузор гардида, 187214 нафар шаҳрвандон иштирок намудаанд.

Дар соли 2019 дар ноҳияи Айнӣ 48 машқҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида шуда, +28 машқ нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд, дар шаҳри Конибодом +2 (12 машқ), ноҳияи Спитамен +14 (46 машқ), ноҳияи Ашт +10 (34 машқ), ноҳияи Мастчоҳ +9 (21 машқ), шаҳри Бӯстон +5 (43 машқ), ноҳияи Деваштич +3 (36 машқ), шаҳри Гулистон +3 (43 машқ), ноҳияи Ҷаббор Расулов +3 (48 машқ), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +3 (27 машқ), ноҳияи Шаҳристон +2 (36 машқ) маротиба зиёд баргузор гардида, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +-0 (41 машқ), шаҳри Панҷакент +-0 (38 машқ) ва ноҳияи Зафаробод +-0 (45 машқ), бетағйир боқӣ мондааст.

Дар шаҳрҳои Хуҷанд -3 (32 машқ), Истиқлол -2 (35 машқ) ва Исфара -2 (32 машқ) машқҳои пагоҳирӯзӣ кам гузаронида шудааст, ки корбарии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои зикргардидаро талаб мекунад.

**17.3. (17.5) Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ (банди 51 паём);**

Дар давоми соли 2019 дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ варзишгарони вилоят фаъолона иштирок намуда, 850 медали тилло, 608 медали нуқра, 719 медали биринҷӣ ба даст овардаанд, ки нисбат ба нуҳмоҳаи соли 2019 +51 медали тилло, +16 медали нуқра ва +112 медали биринҷӣ зиёд мебошад.

Варзишгарони шаҳру ноҳияҳо аз рӯи натиҷаҳои мусобиқаҳои варзишӣ аз шаҳру ноҳияҳо Хуҷанд 1674 адад (+532 адад медал нисбат ба 9 моҳаи соли 2019 зиёд), (516 тилло, 474 нуқра, 684 биринҷӣ), Гулистон 1593 адад (+428 адад), (445 тилло, 505 нуқра, 643 биринҷӣ), Ашт 941 адад (+409 адад), (376 тилло, 290 нуқра, 275 биринҷӣ), Мастчоҳ 977 адад (+87 адад), (359 тилло, 261 нуқра, 357 биринҷӣ), Ҷ.Расулов 869 адад (+264 адад), (319 тилло, 225 нуқра, 325 биринҷӣ), Бӯстон 660 адад (+38 адад), (218 тилло, 214 нуқра, 228 биринҷӣ), Исфара 505 адад (+-0 адад), (153 тилло, 169 нуқра, 183 биринҷӣ), Б.Ғафуров 320 адад (90 тилло, 99 нуқра, 131 биринҷӣ), Спитамен 314 адад (+-0 адад), (101 тилло, 104 нуқра, 109 биринҷӣ), Зафаробод 302 адад (+54 адад), (94 тилло, 65 нуқра, 143 биринҷӣ), Деваштич 158 адад (+17 адад), (63 тилло, 48 нуқра, 47 биринҷӣ), Конибодом 137 адад (+-0 адад), (55 тилло, 45 нуқра, 37 биринҷӣ) ба даст овардаанд, ки дар тарбияи насли наврас ва омодасозии варзишгарони касбӣ заминаи мусоид ба вуҷуд омадааст.

Варзишгарони шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд +532 адад, Гулистон +428 адад, Ашт +409 нисбат ба нуҳ моҳаи соли 2019, медал зиёд ба даст овардаанд, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро дар самти тарбияи варзишгарони касбӣ нишон медиҳад.

Вобаста ба бадастовардани медалҳо, ва иштироки ҷавонон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Истиқлол, Истаравшан, Панҷакент, Куҳистони Мастчоҳ ва Шаҳристон маълумот пешниҳод карда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, фароҳам овардани шароит ҷиҳати баланд бардоштани оммавигардонии варзиш, мусоидат намоянд.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ
## (банди 34, 36-и паём)

### 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ва корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ

### 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ

### 18.2. (18.2) Корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон,

Дар давоми соли 2019 дар вилоят 40 ширкати сайёҳӣ ва 2 ташкилоти ҷамъиятӣ Ассотсиатсияи рушди сайёҳии Зарафшон ва Шӯрои рушди сайёҳӣ фаъолият бурда истодааст.

Дар ин давра 10 ширкати нави сайёҳӣ таъсис ёфта, зиёда 25 хатсайри нави сайёҳӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар ҳудуди вилоят 86 меҳмонхонаву осоишгоҳ 46 осорхона ва 1190 ёдгории таърихию фарҳангӣ мавҷуд буда, бо истифода аз имтиёзҳое, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карда шуда, ҷиҳати воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи бинокорӣ барои бунёди иншооти инфрасохтории сайёҳӣ якчанд лоиҳа, аз ҷумла меҳмонхона, маҷмааи сайёҳӣ, мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Танҳо дар давраи ҳисоботӣ 13 меҳмонхона мавриди истифода қарор гирифтанд, ё аз нав барқарор гардиданд.

Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Хуҷанд 9 муассисаҳои сайёҳӣ ба монанди ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди "Спутник", "Саёҳати олӣ", "Олами саёҳат", "Ҷаҳонгард", "Алп Сомон-тур", филиали ҶДММ "Вояжпур", филиали ҶДММ "Шоҳинтур", Ассотсиатсияи тараққиёти туризми "Зарафшон" ва муассисаи давлатии Маҷмааи фарҳангию таърихии "Қалъаи Хуҷанд" фаъолият бурда истодаанд.

Айни ҳол, дар шаҳри Хуҷанд барои қабули сайёҳон 14 меҳмонхонаҳо бо теъдоди 873 адад ҷойи қабули меҳмонон фаъолият намуда истодаанд.

Ҳамзамон 16 адад нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ороишӣ аз сангҳою металлҳои қимматбаҳо, тӯҳфаҳои хотиравӣ, намунаҳои ҳунарҳои дастии ҳунармандон фаъолият менамояд.

### 18.4. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурии хизматрасонии сайёҳӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо;

Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ, омӯзиш ва таҳлили вазъи ҳуқуқию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қарори раиси вилоят аз 7 майи соли 2018, №178 «Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии соҳаи сайёҳӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд» ба тасвиб расида, то имрӯз 4 ҷаласаи Шӯро гузаронида, нақшаи чорабиниҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии соҳаи сайёҳӣ тасдиқ карда шуд. Дар ин давра, сомонаи сайёҳии вилоят бо 5 забон омода шуда, харитаи сайёҳӣ, китоби "Туризм и ремесло" ва роҳнамои сайёҳӣ дар ин сомона ҷойгир карда шуда, дар шабакаи интернет фаъол гардид.

Илова бар ин, оид ба пешниҳод намудан ба меҳмонони дохиливу хориҷӣ харитаи сайёҳӣ, китоби раҳнамои сайёҳии вилоят ва "Туризм и ремесло" (северный Таджикистан) бо забонҳои хориҷӣ, маҷаллаи «Tajikistan`s Guide», фитта ва буклетҳо аз нав таҳия гардиданд, ки имкониятҳои сайёҳиро муаррифӣ менамоянд.

Шумораи умумии сайёҳоне, ки ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ташриф овардаанд нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент +40753 нафар (шумораи умумии сайёҳон 72736 нафар), Исфара +11473 нафар (41670 нафар), Истаравшан +7290 нафар (33547 нафар), Гулистон +5975 нафар (38410 нафар), Бӯстон +2783 нафар (13659 нафар), Б.Ғафуров +1993 нафар (25443 нафар), Хуҷанд +1148 нафар (65210 нафар), Айнӣ +510 нафар (6010 нафар), Шаҳристон +420 нафар (4683 нафар), Конибодом +348 нафар (3727 нафар), Ҷ.Расулов +309 нафар (9552 нафар), Мастоҳ +285 нафар (730 нафар), Зафаробод +196 нафар (560 нафар), К.Масточоҳ +145 нафар (1008 нафар), Ашт +94 нафар (3876 нафар), Истиқлол +17 нафар (276 нафар) зиёд гардидааст, ки барои воридоти маблағ ба буҷети маҳаллӣ шароит фароҳам овардааст.

Нишондиҳандаи баланди зиёдшавии шумораи сайёҳон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Исфара, Истаравшан, Гулистон, Бӯстон, Б.Ғафуров ва Хуҷанд ба назар расида, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, мавҷуд будани намудҳои ҷолиби сайёҳӣ ва натиҷаи мусбии корҳои анҷомдодаи ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Андешидани тадбирҳо ҷиҳати тарғибу ташвиқи имкониятҳои сайёҳӣ, пайдо намудани бозорҳои нави ҷаҳонии сайёҳӣ яке аз самтҳои фаъолияти рушди соҳа маҳсуб ёфта, муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ дар Федератсияи Россия, иштирок дар намоишгоҳи бонуфузи ҷаҳонии «ITB Berlin» (ай ти би Берлин), Ярмаркаи VI байналмиллалии савдо «Суғд – 2019», форумҳо, намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии “Тоҷикистон – 2019” ва инфотурҳо (хатсайри маълумотдиҳӣ) баргузор гардида, имкониятҳои сайёҳии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ гардиданд.

Пешниҳод**:** Бо дарназардошти мувафаққияту норасогиҳои дар ҳисоботҳо вобаста ба ин банд дарҷгардида, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ ва дақиқ ба роҳ мондани ҳисоботи оморӣ вобаста ба воридшавии сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

Мувофиқ ба мактуби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2019, №71/1-1152 вобаста ба бунёди иншооти инфрасохтории сайёҳӣ дар ҳудуди вилояти Суғд 4 адад иншооти сайёҳӣ бунёд шудааст, ки аз онҳо 2 адад боғи фарҳангӣ-фароғатӣ ва маркази дилхушӣ, як осоиҳгоҳи муосир, як адад роҳи танобӣ мебошанд.

Дар ин давра дар шаҳри Хуҷанд аз ҳисоби маблағи лоиҳавии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд меҳмонхонаи “Суғдиён” дорои 72 ҳуҷра ва 300 кати хоб, дар шаҳри Бӯстон бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ меҳмонхонаи “Бӯстон” дорои 20 ҳуҷра ва

40 кати хоб, меҳмонхонаи "Ҳаёт" дорои 28 ҳуҷра ва 29 кати хобро доро мебошад сохта ба истифода дода шудааст.

Дар шаҳри Панҷакент меҳмонхонаҳои "Рӯдакӣ" дарои 22 ҳуҷра ва 40 кати хоб ва "Парвиз" 10 ҳуҷра ва 27 кати хоб аз ҷониби соҳибкорон бунёд гардидаанд.

Дар ноҳияи Айнӣ 2 адад меҳмонхона (ҳомстей) дорои 8 ҳуҷрагӣ, 20 кати хоб ва меҳмонхона (ҳомстей) дорои 20 ҳуҷра бо 100 кати хоб, меҳмонхонаи "Варз" иборат аз 6 ҳуҷра, 12 кати хоб ва меҳмонхонаи "Айнӣ" дорои 4 ҳуҷра ва 8 кати хоб аз ҷониби соҳибкорон сохта ба истифода дода шудаанд.

## 19. Баробарии гендерӣ
## (банди 49-и паём)

### 19.1.Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо

Имрӯз занон дар ҳамаи соҳаҳо фаъолият дошта, дар таҳкими раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят саҳмгузоранд. Аз шумораи зиёда аз 1332,9 ҳазор нафар занону духтарони вилоят 7678 нафарашон занони роҳбар ва 1267 нафарашон хизматчии давлатӣ мебошанд.

Алҳол, аз ҳисоби занони вилоят 1 нафар узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 нафар вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 18 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд, 99 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва 543 нафар вакилони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот интихоб гардидаанд. Дар вилоят 6 нафар занон дорои унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, 236 қаҳрамонмодар, 561 нафар сазовори ордену медалҳо, 153 барандагони унвону ҷоизаҳои давлатӣ, 51 дорандаи "Медали шоиста", 16 доктори илм, 308 номзади илм ва 139 нафар варзишгарони номвар ҳастанд.

Шумораи занҳои роҳбарикунанда мувофиқ ба шаҳру ноҳияҳо дар шаҳри Хуҷанд 11 нафар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 нафар зиёд шудааст. дар шаҳри Истаравшан 1730 (+55) нафар, дар ноҳияи Зафаробод 435 (+4) нафар, дар шаҳри Конибодом 204 (+36) нафар, дар шаҳри Гулистон 33 (+2) нафар, дар ноҳияи Айнӣ 20 (+1) нафар, дар шаҳри Бӯстон 7 (+1) нафар, дар ноҳияи Спитамен 86 (+2) нафар, дар шаҳри Исфара 304 (+7) нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ 9 (+4) нафарро ташкил додааст, ки дар сатҳи муайян иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 157 (+/-0) нафар, дар шаҳри Панҷакент 4 (-1)Шаҳристон 24 (+/-0) нафар дар ноҳияи Мастчоҳ 6 (+/-0) нафар, дар ноҳияи Деваштич 4 ,(-1) нафар дар ноҳияи Ашт 4 (-1)

нафар, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 2 (-1) нафар, ва дар шаҳри Истиқлол 8 (-4) нафар шумораи нисбатан кам ё нисбат ба соли гузашта кам гардида, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо бетағйир боқӣ мондааст, тақвият додани фаъолиятро дар ин самт тақозо менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид дар самти иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, инчунин пешбарии занҳои фаъол ба вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолияти ҳамоҳангсозиро тақвият бахшанд.

Мувофиқ ба маълумотҳои пешниҳоднамудаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб аз 11 декабри соли 2019, №05-2127 вобаста ба иштироки занҳо дар хизмати давлатӣ чунин иттилоъ манзур намудааст.

Тибқи таҳлилҳо теъдоди занон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои ҳудуди он 28,5%, аз ҷумла дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят 31,1%, шаҳрҳои Истиқлол 50%, Хуҷанд 43,8%, Гулистон 40,5%, Конибодом 36,2%, Бӯстон 35,7%, Исфара 34,4%, Истаравшан 17,9%, ноҳияҳои Б.Ғафуров 37,7%, Спитамен 29,8%, Ашт 26,8%, Зафаробод 20%, Ҷ.Расулов 19,7%, Деваштич 15,1%, Шаҳристон 14,2%, Айнӣ 13,6% ва Мастчоҳ 13,6%-ро ташкил медиҳад.

**20. Маълумот оид ба ҳолати кор дар самти иттиҳодияҳои динӣ: 20.1. Маълумот оид ба ташкилотҳои динии дар шаҳраку деҳот фаъолиятдошта; 20.2. Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19);**

Дар қаламрави вилояти Суғд айни ҳол, дар асоси талаботи қонунгузории соҳа 924 иттиҳодияи динӣ фаъолият дорад. Аз ҷумла, теъдоди масҷидҳои ҷомеи марказӣ 13 адад, масҷиди ҷомеъ 91, панҷвақта 803 ва иттиҳодияҳои динии ғайриисломӣ 17 ададро ташкил медиҳад.

Шумораи масчидҳо дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 137 адад, Бобоҷон Ғафуров 115 адад, Исфара 112 адад, Истаравшан 69 адад, Дешавтич 61, Ашт 57 адад, Мастчоҳ 54 адад, Кӯҳистони Мастчоҳ 45 адад, Хуҷанд 40 адад, Айнӣ 38 адад, Ҷаббор Расулов 37 адад, Спитамен 37 адад, Конибодом 36 адад, Зафаробод 31 адад, Шаҳристон 23 адад, Гулистон 9 адад, Истиқлол 4 адад, Бустон 2 адад,ташкил менамояд.

Шумораи қабристонҳо дар вилоят 906 ададро ташкил менамояд, ки аз ин шумора дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 134 адад, Айнӣ 125 адад, Деваштич 97 адад, Бобоҷон Ғафуров 78 адад, Ашт 71 адад, Истаравшан 70 адад, Исфара 65 адад, Конибодом 38 адад, Кӯҳистони Мастчоҳ 54 адад, Мастчоҳ 41 адад, Ҷаббор Расулов 27 адад, Шаҳристон 27, Спитамен 26

адад, Гулистон 17 адад, Хуҷанд 15 адад, Зафаробод 15 адад, Истиқлол 4 адад, Бустон 2 ададро ташкил дода, барои тоза нигоҳ доштани қабристонҳо дар давраи ҳисоботи аз ҳисоби аҳолӣ маблағи 37555 сомонӣ сарф гардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои супориши нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 ҳамкориҳоро вусъат бахшанд.

## 21. Рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ
## (банди 3 ва 8-и паём)

**Нишондодҳои пешакии рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ бо нишондиҳандаҳои 21.1.(21.1) Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, 21.2. Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 21.1. (21.1)Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ

**21.1. Ҳолати маблағгузорӣ ба бахшҳои хусусии соҳаҳои истеҳсолии шаҳру ноҳияҳо**

Дар соли 2019 дар вилоят ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 3,6 млрд. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 101,1 млн. сомонӣ ё 102,9% зиёд шудааст, ки ба соҳаҳои хизмати маишӣ 1921,8 млн. сомонӣ, нақлиёти мусофирбар 473,9 млн. сомонӣ, алоқа 13,9 млн. сомонӣ, маориф 456,2 млн. сомонӣ, тиббӣ 205,9 млн. сомонӣ, хизматҳои коммуналӣ 55,6 млн. сомонӣ, хоҷагии манзил 5,7 млн. сомонӣ, хизмати ҳуқуқӣ 25,6 млн. сомонӣ, хизмати бонкӣ 121,4 млн. сомонӣ ва дигар хизматрасониҳо 332,1 млн. сомонӣ рост меояд.

Дар соли 2019 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 1 млрд 274,2 млн.сомонӣ расонида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта +44,1 млн. сомонӣ зиёд, Истаравшан 276,7 млн. сомонӣ (+0,15 млн. сомонӣ), Конибодом 242 млн. сомонӣ (+4,7 млн. сомонӣ), Исфара 235,0 млн. сомонӣ (+4,7 млн. сомонӣ), Айнӣ 93,0 млн. сомонӣ (+34,4 млн. сомонӣ), Ҷаббор Расулов 92,5 млн. сомонӣ (+1,3 млн. сомонӣ), Ашт 86,9 млн. сомонӣ (+2,0 млн. сомонӣ), Бустон 82,8 млн. сомонӣ (+0,6 млн. сомонӣ), Гулистон 80,5 млн. сомонӣ (+3,1 млн. сомонӣ), Спитамен 60,6 млн. сомонӣ (+0,8 млн. сомонӣ), Панҷакент 49,1 млн. сомонӣ (+7,2 млн. сомонӣ), Деваштич 40,9 млн. сомонӣ (+0,14 млн. сомонӣ), Зафаробод 29,6 млн. сомонӣ (+0,42 млн. сомонӣ), Истиқлол 14,0 млн сомонӣ (+0,3 млн сомонӣ), Шаҳристон 9,8 млн. сомонӣ (+0,29 млн. сомонӣ) Кӯҳистони Мастчоҳ 0,7 млн.сомонӣ (+0,5 млн. сомонӣ)-ро ташкил додааст, ки барои таъмини суръати афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар ин шаҳру ноҳияҳо мусоидат намудааст .

Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 148,3 млн сомонӣ (-16,8 млн. сомонӣ) ва Мастчоҳ 39,9 млн. сомонӣ (-0,079 млн. сомонӣ), кам гардидааст.

Дар вилоят нархи хизматрасонӣ барои дастрас намудани 1 метри мукааб оби нӯшокӣ дар КДФ "Обу канализатсия"-и шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 1,02 то 4,65 сомонӣ ва нархи баровардани 1 метри мукааб партовоб аз 0,55 то 2,18 сомониро ташкил медиҳад. Нархномаи КВДК "Хуҷандобуканал" барои 1 метри мукааб оби нӯшокӣ аз 1,20 то 6,00 сомонӣ ва 1 метри мукааб партовоб аз 0,80 то 2,04 сомониро ташкил медиҳад.

**21.2. Корҳои анҷомдода ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ**.

Дар соли 2019 дар вилояти Суғд ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда бо пули миллӣ 27,62 ва бо асъори хориҷӣ 17,32 фоиз муайян шуда, нисбат ба соли гузашта мутаносибан 4,44 ва 1,33 фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Дар ноҳияи Б.Ғафуров ҷиҳати дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои пулакӣ дар минтақаҳои дурдасти ноҳия сартарошхона, нуқтаи кошонаи ҳусн, нуқтаи хатнагузаронӣ ташкил карда шуданд.

Дар ноҳияи ду муассисаҳои хизматрасонии нақлиётии ҶДММ "Адаб" ва бахши ҶДММ "Дӯстӣ" фаъолият мекунанд, ки дар давраи ҳисоботӣ бо 197 адад нақлиёти боркашонӣ ба аҳолӣ хизмат расонидаанд.

Дар шаҳри Конибодом дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ба маблағи умумии 91 млн. 390 ҳазор сомонӣ қарзҳо дода шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24 млн. 550 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 20 августи соли 2019 бинои нави филиали БДА ҶТ "Амонатбонк", ки бо таҷҳизотҳои муосир таъмин карда шудааст, мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар ноҳияи Спитамен бошад, дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби бонкҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ташкилоти хурди қарздиҳӣ ба фаъолияти соҳибкории ноҳия хизматрасонии пулакӣ ба маблағи 60 миллиону 600 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, 900 ҳазор сомонӣ ва ё 100,3 фоиз зиёд гардидааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Зафаробод, Айнӣ, Ашт, Гулистон доир ба корҳои анҷомдода ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ дар самти хизмати маишӣ, нақлиёти мусофирбар, алоқа, маориф, тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, хоҷагии манзил ва хизмати бонкӣ пешниҳод намуда, танҳо бо як мазмун яъне чораҳои зарурӣ андешида истодаанд дарҷ карда шуда, мушаххас пешниҳод нагардидааст, ки вазъи ин соҳа арзёбӣ нагардид.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар якҷоягӣ бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Миллӣ, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ, зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва дастрасии аҳолӣ бо қарзҳои бонкӣ тадбирҳо андешанд.

## 22. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 22.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда, 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид), 22.3(22.3, 22.4) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав арзёбӣ гардиданд.**

### 22.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда

Дар соли 2019 дар миқёси вилоят миқдори умумии ҷиноятҳои содиршуда 6378 ададро ташкил намудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2018 295 ҳодиса зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон -56 ҷиноят (168 ҷиноят содир шудааст), Конибодом -33 ҷиноят (371 ҷиноят), Ҷаббор Расулов -28 ҷиноят (332 ҷиноят), Шаҳристон -23 ҷиноят (65 ҷиноят), Кӯҳистони Мастчоҳ -10 ҷиноят (35 ҷиноят), Зафаробод -9 ҷиноят (139 ҷиноят), Деваштич -8 ҷиноят (247 ҷиноят) ва Мастчоҳ -6 ҷиноят (214 ҷиноят) ҷиноятсодиркунӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, ки самаранокии фаъолияти кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохторҳои ҳудудии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро нишон медиҳад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Исфара +140 ҷиноят (641 ҷиноят), Ашт +104 ҷиноят (356 ҷиноят), Истаравшан +60 ҷиноят (460 ҷиноят), Бобоҷон Панҷакент +34 ҷиноят (492 ҷиноят), Ғафуров +33 ҷиноят (732 ҷиноят), Айнӣ +30 ҷиноят (109 ҷиноят), Бӯстон +28 ҷиноят (284 ҷиноят), Спитамен +18 ҷиноят (290 ҷиноят), Хуҷанд +16 ҷиноят (1380 ҷиноят) ва Истиқлол +5 ҷиноят (63 ҷиноят) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, ҷиноятсодиркунӣ зиёд ба қайд гирифта шудааст, ки андешидани чораҳои мушаххасро талаб менамояд.

### 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид)

Дар вилояти Суғд дар соли 2019 ҳолати худкушӣ 278 ҳолатро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ +34 ҳолат зиёд ба қайд гирифта шудааст. Ин ҳолати ногувор дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров +14 ҳолат (52 ҳолат), Зафаробод +7 ҳолат (16 ҳолат), Деваштич +6 ҳолат (20 ҳолат), Спитамен +5 ҳолат (22 ҳолат), Шаҳристон +5 ҳолат (8 ҳолат), Гулистон +4 ҳолат (9 ҳолат), Ҷ.Расулов +4 ҳолат (18 ҳолат), Конибодом +2 ҳолат (31

ҳолат), Хуҷанд +1 ҳолат (16 ҳолат) ва Бӯстон +1 ҳолат (4 ҳолат) ҳолат зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Камшавии ҳодисаи худкушӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ -5 ҳолат (5 ҳолат худкушӣ), Ашт -3 ҳолат (21 ҳолат), Истаравшан -2 ҳолат (24 ҳолат), Панҷакент -2 ҳолат (17 ҳолат), Мастчоҳ -1 ҳолат (5 ҳолат), Истиқлол -1 ҳолат (2 ҳолат), ба назар расида, бе тағйр мондани он дар ноҳияи Исфара +-0 ҳолат (8 ҳолат) ба назар мерасад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои болозикр ҳамкориро оид ба корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, бо сохторҳои қудратӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори омма зичтар намуда, барои бартараф намудани камбудии мазкур тадбирҳои заруриро андешанд.

**22.3 (22.3, 22.4) Шумораи ҷиноятҳои аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав**

Мувофиқ ба маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, шумораи нисбатан зиёди ҷиноятҳои аз ҷониби ҷавонон содиргашта дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 171 адад, шаҳри Бӯстон 103 адад, шаҳри Конибодом 100 адад, ноҳияи Спитамен 77 адад, Ҷ.Расулов 72 адад, шаҳри Панҷакент 62 адад, ноҳияи Ашт 49 адад, шаҳри Гулистон 45 адад, Мастчоҳ 52 адад, ноҳияи Айнӣ 17 адад, Шаҳристон 10 ададро ташкил додааст.

Шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгаро ва тундрав дар соли 2019 дар вилоят 52 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -93 нафар кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хуҷанд 10 нафар (+1), шаҳри Исфара 8 нафар (-49), Панҷакент 7 нафар (-7), Истаравшан 7 нафар (-8), Мастчоҳ 4 нафар (-2), ноҳияи Деваштич 3 нафар (-1), Зафаробод 3 нафар (-1), шаҳри Гулистон 3 нафар (-1), Бӯстон 2 нафар (-3), ноҳияи Спитамен 1 нафар (-2), Истиқлол 1 нафар (-1), шаҳри Конибодом 0 нафар (-6), Б.Ғафуров 0 нафар (-12), ноҳияи Ашт 0 нафар (-12) нафарро ташкил дода, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро мебояд дар ин самт тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро хубтар ба роҳ монанд.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2020, №4/10-104 вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-хизматии мақомоти корҳои дохилӣ дар давоми 12 моҳи соли 2019 чунин маълумот манзур менамояд.

Дар соли сипаригашта дар вилояти Суғд аз тарафи ҷавонон 1479 (2018-1333) ҳолат ҷиноят содир шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли

гузашта +146 ҳолат ба назар мерасад.

**23. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: 23.1. Маълумот оид ба натиҷаи сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, рафти иҷрои дастуру супоришҳо ва нақша чорабиниҳое, ки ҳангоми сафари корӣ тасдиқ гардида, иҷроишашон дар соли 2019 муайян шудаанд.**

Дар солҳои 2018-2019 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилоят 5 сафари корӣ анҷом дода, дар асоси дастуру супоришҳои зимни ин сафарҳо баёнгардида нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ тасдиқ ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин барои иҷро дастрас гардидааст.

Зимни сафар санаҳои 28-30 марти соли 2018 Сарвари давлат ба шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Истаравшан, Бӯстон, Бобоҷон Ғафуров ва Хуҷанд ташриф оварда, дар ифтитоҳи як зумра иншоотҳои ҷашнии таъиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ширкат варзиданд. Дар асоси дастуру супоришҳое, ки зимни ин сафар баён гардидаанд, иборат аз 27 банд нақшаи чорабиниҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷро дастрас карда шудааст.

Ҳангоми сафари дуюми корӣ ба вилоят санаҳои 24-29 июни соли 2018 дар доираи таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилоят низ аз ҷониби Пешвои миллат ба масъулон ҷиҳати таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии вилоят дастуру супоришҳои мушаххас дода шуда, дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 37 банд ворид ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулон ирсол гардидааст.

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 29 банд, ки бо назардошти дастуру супоришҳои аз ҷониби Сарвари давлат зимни сафари сеюм ба шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Хуҷанд, Гулистон, Ҷаббор Расулов ва Бобоҷон Ғафуров санаҳои 22-25 октябри соли 2018 баёнгардида таҳия шудаанд, нақшаи чорбиниҳои вилоятӣ омода ва барои иҷро ба масъулон дастрас карда шудааст.

Дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ки зимни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров ва Спитамен дар санаҳои 30 март-2 апрели соли 2019 баён гардидаанд, нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ таҳия гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ аз 21 майи соли 2019 иборат аз 14 банд таҳия ва ба масъулин барои иҷро ирсол гардидааст.

Ҳангоми сафари корӣ ба вилояти Суғд санаҳои 20–24 августи соли 2019 ба шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич, Зафаробод,

Ҷаббор Расулов, Гулистон, Бӯстон, Хуҷанд ташриф оварданд ва бо фаъолони вилояти Суғд мулоқот доир намуданд. Дар асоси дастуру супоришҳое, ки зимни сафар баён гардиданд, аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо иборат аз 40 банд ворид гардид ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ аз 39 банд таҳия ва ба масъулон ирсол гардидааст.

Пешниҳод**:** Баҳри дар амал татбиқ намудани Нақша – чорабиниҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор барои таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон мувофиқи Нақша чорабинӣ пешбинӣ гардидааст ва таъмини иҷрои супоришҳоро, ки муҳлати иҷроишашон ба таъхир гузошта шудааст, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**23.2. Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд.**

Бояд тазаккур дод, ки вобаста ба рафти иҷрои супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2018, №10/1 ва аз 20 феврали 2018, №324/10-50 оид баислоҳи ва камбудиҳое, ки аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд, ба Кумита чунин маълумот ворид гардидааст:

Камбудӣ - дар ҶДММ-и "Атласи Хуҷанд"- истеҳсоли атласу адрас тадриҷан ру ба афзоиш ниҳодааст, вале то ҳол бинобар мавҷуд набудани технологияҳои замонавӣ масъалаи муҷаҳҳазгардонии корхона бо таҷҳизоти муосир ҳалли худро наёфтааст.

Ислоҳ – тибқи маълумоти пешниҳодгардида, ҶДММ-и "Атласи Хуҷанд" имрӯзҳо ба пуррагӣ фаъолият намуда истода, истеҳсоли атласу адрас ру ба афзоиш ниҳодааст. Ҳамзамон бо мақсади фуруши атласу адраси истеҳсолгардидаи корхонаи мазкур мағозаҳои фирмавӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ташкил намуда, онҳоро бо маҳсулот таъмин намуда истодааст.

Роҳбарияти корхона барои бо таҷҳизот ва технологияҳои замонавӣ муҷаҳҳазгардонии корхона чораҳо андешида то ба Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифтааст.

Камбудӣ – дар ноҳияи К.Мастчоҳ оид ба ворид намудани 1000 сар қутос аз ноҳияи Мурғоби ВМКБ ва ба роҳ мондани он то имрӯз ба иҷро нарасидааст.

Ислоҳ нашуда – масъулини соҳавии вилояти Суғд бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо масъалаи вобаста ба ворид намудани 1000 сар қутос чораҷуӣ намуда истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба масъалаи рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳр ошкор карда шудаанд, аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ дар ҳамбастагӣ сохторҳои дахлдор ҷиҳати бартараф намудани қарзи музди меҳнат, ҷараёни иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ", бартараф намудани муаммоҳои меҳмонхонаи "Хуҷанд" ва пешниҳоди имтиёзҳо ба мутахассисони ҷавони муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст.

Доир ба зербанди мазкур ғайр аз шаҳри Бӯстон боқимонда шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд маълумот ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо пешниҳод карда нашудааст.